АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ
А. БАҲОВАДДИНОВ

ВБД: 1(091)

*Ба ҳукми дастнавис*

Раҳмонов Самандар Давлаталиевич

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ АҚИДАҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ АҲМАДИ ДОНИШ ВА ҶАДИДИЯ ОИД БА ИСЛОҲОТ ДАР АМОРАТИ БУХОРО

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси
09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёӣ Х.М.

Душанбе – 2025

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**.........................................................................................3-13

**БОБИ I. ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ ВА ВАЗЪИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ДАВРОНИ Ӯ**

1.1 Осори Аҳмади Дониш ва методологияи омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир.........................................................................................14-34

1.2 Ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро ..... 35-53

1.3 Муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ .................. 54-69

**БОБИ II. АФКОРИ МАОРИФПАРВАРОНАИ АҲМАДИ ДОНИШ ОИД БА МАСЪАЛАИ ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР МУҚОИСА БО ҶАДИДИЯ**

2.1 Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX........................................70-99

2.2 Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш.........................................................................................100-129

2.3 Бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ.........................................................................130-161

**Хулоса**.........................................................................................162-168

**Рӯйхати адабиёт**...........................................................................169-180

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Вазъи ба ислоҳот ниёздоштаи аморати Бухоро дар асри XIX ва дар ҳоли инқироз қарор доштани низоми ҳукуматдорӣ аз омилҳои пайдоиш ва паҳншавии ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи онвақта буд. Сулолаи Манғития бино бар бехабарӣ ва идора карда натавонистани қудрати сиёсӣ аморатро дар ҷаҳлу торикӣ ва аҳволи ҳузнангез қарор дода, суистифода аз исломро дар мамлакат роҳандозӣ намуда буд. Гузашта аз ин, ғасб шудани кишвар аз ҷониби империяи Русия ва ташкил ёфтани генерал-губернатории Туркистон дар нимаи дуюми садаи XIX ашхоси худогоҳу ватандӯсти аморатро ба интиқоди низоми сиёсии аморати Бухоро ва пешниҳоди паёмҳои ислоҳталабӣ водор менамуданд.

Яке аз муътабартарин мутафаккирони ин давра, ки талаби татбиқи ислоҳотро аз ҳокими манғитӣ карда ва барои расидан ба ин гуна ҳадафҳо рисолаҳо нигошта, дар онҳо хатокориҳои дар ҷомеаи Бухоро мавҷудбударо аз дидгоҳи интиқодӣ баррасӣ намудааст, Аҳмади Дониш буд. Ин ақидаҳои мутафаккир оид ба ислоҳот ва махсусан афкори маорифпарваронаи ӯ на танҳо барои он даврон, балки барои шароити муосир дар ҷомеаи тоҷик низ хеле таҷрибаи мубраму пураҳаммият ба ҳисоб рафта, таҳлили ҳамаҷонибаи таърихӣ-фалсафиро аз нигоҳи илми муосир тақозо мекунанд.

Аҳмади Дониш дар замоне зистааст, ки он ҳангом қудратҳои ҷаҳонӣ идеологияи «панисломизм»–ро дар баробари «сионизм» ва «сотсиализм» ба халқҳову миллатҳо ва минтақаҳову қитъаҳои гуногун таҳмил менамуданд. Бино бар ин, зимни таҳқиқ ва баррасии осори фалсафии Аҳмади Дониш маълум мегардад, ки агарчи аксар муҳаққиқон ӯро ба гурӯҳи панисломизм ва ислоҳотхоҳии дини ислом шомил намуда, осору пешниҳодҳои ислоҳотхоҳонаи донишмандро ба чунин равияҳо мансуб донистаанд, вале ин гуна андешаҳо ба воқеият ихтилоф доранд. Аҳмади Дониш дар осори худ сиёсисозии исломро дар мисоли андешаҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Шайх Муҳаммад Абду истиқбол накарда, алорағми пайравони онҳо ба

тафаккури дунявӣ такя намудааст. Аммо ин вижагиҳои аслии ҷаҳонбинии дунявии мутафаккир зимни пажуҳиши осор ва зиндагиномааш аз назари муҳаққиқон дур афтодааст. Аз ин рӯ, тасмим ҷиҳати баррасии афкори мутафаккир, ки аз дидгоҳҳои дунявӣ ва маорифпарварона баён шудааст ва нигоҳи интиқодии бархе аз муҳаққиқон ба ин гуна арзёбӣ на фақат масъалаи муҳим, балки саривақтӣ ва таҷрибаи муфид барои ҷомеаи муосири тоҷик хоҳад буд.

Дар баробари ин, равшан сохтани масъалаи барғалат бо ҷадидия яксон донистани фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш то ҳол дар таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ мубрам боқӣ мемонад. Яке аз ин омилҳо зери тозиёнаи танқид қарор гирифтани тадрис дар мактабу мадрасаҳо аз ҷониби мутафаккир мебошад, аммо ин омил имкон намедиҳад, ки мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш баробар бо ҷадидон муаррифӣ шавад. Ин вобаста ба он аст, ки Аҳмади Дониш дар воқеъ донишманди ратсионалист бо тафаккури дунявӣ аст, аммо ҷадидон дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ва давлатӣ бо дастгирии аҷнабиён манфиатҷӯ буданд ва исломро ягона роҳи рафъи ақибмондагӣ арзёбӣ мекарданд. Гузашта аз ин, аксари мероси маҳфузмондаи ҷавонбухориён ё ҷадидия фақат дар заминаи таблиғи ақидаҳои таҳмилии панисломӣ ва пантуркизм ташаккул ёфта, барои ҷомеашиносии муосири миллӣ камарзиш мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия ҳамчун мавзуи мубрам ба ин паҳлуҳои масъала низ равшанӣ меандозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар самти омӯзиши осори Аҳмади Дониш дар илми муосир таҳқиқоти густурда ба анҷом расидааст. Аз ҷумла, ҳанӯз дар яке аз ёддоштҳои сайёҳи рус Л.Ф. Костенко соли 1871 чанд сатр ба Аҳмади Дониш бахшида шуда, муаллиф дар шакли кутоҳ ба яке аз ҷанбаҳои ҳаёти Аҳмади Дониш ҳамчун шахси бомаърифат равшанӣ меандозад [59].

Дар давраҳои минбаъда мутарҷимон осори Аҳмади Донишро бо забони русӣ таҳқиқ ва нашр намудаанд. Дар ин самт М.Н. Османова ва Л.Н.

Демидчик «Наводир-ул-вақоеъ»–ро тарҷума намуда, таҳти унвони «Саёҳат аз Бухоро ба Петербург» нашр карданд. Тарҷума русии «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғития» [13] бошад, аз ҷониби И.А. Наҷафова сурат гирифтааст.

Соли 2023 китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Чеҳраҳои мондагор" дар нашри дуюм бо иловаҳо ба чоп расид, ки дар он дар қатори таълимоти дигар бузургон афкори Аҳмади Дониш низ таҳти унвони "Ситорае дар тирашабҳои Бухоро" баррасӣ шудааст. Пешвои миллат дар ин баррасиҳо авзои тангназарона ва дар ҷаҳолат ғуттавари амирони манғитро таҳқиқ намуда, истилоҳи "исломи манғитӣ"-ро ёдовар мешавад, ки дараҷаи фаҳмиши динии муосирони Аҳмади Донишро нишон медиҳад [118].

Дар таҳқиқу баррасии осору афкори сиёсӣ-иҷтимоии Аҳмади Дониш файласуфон А. Баҳоваддинов [38], Ғ. Ашуров [32], М. Диноршоев [31], М. Болтаев [40], Акбар Турсун [97], Ш. Абдуллоев [21], Н. Зокиров [53], Б. Самиев [90] ва дигарон, адабиётшиносон С. Айнӣ [24], С. Улуғзода [100], А. Мирзоев [69], М. Шакурӣ [105], Р. Ҳодизода [111], Х. Мирзозода [72] ва дигарон, таърихнигорон ва таърихшиносон Б. Ғафуров [50], М. М. Балҷувонӣ [33], Гулшанӣ [48], З. Раҷабов [86], Н. Ҳотамов [115] ва дигарон саҳмгузор буда, баъзе вижагиҳои таълимоти фалсафии мутафаккирро равшан сохтаанд.

Ҳамчунин, таҳқиқоти анҷомдодаи ховаршиносони рус Д.Н. Лагофет [61], Е.Э. Бертелс [35], И.С. Брагинский [42] то кунун аҳаммияти илмии хешро гум накардаанд ва нақши муҳимро дар фаҳмиши афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш имрӯз ҳам анҷом медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки пажуҳиши илмии осор ва афкори мутафаккири маорифпарвар дар замони шуравӣ  дар баъзе таҳқиқоти зикршуда нуқтаи назари маркистӣ касб карда бошад ҳам, вале нообаста ба ин тамоюлҳои идеологии таълимоти Аҳмади Дониш чун мутафаккири маорифпарвар маҳз дар ҳамин даврон муаррифӣ шудаанд. Дар даврони ибтидоии соҳибистиқлолӣ дар таҳқиқоти мавҷуда унвони нав - «ислоҳталабии динӣ» ба

таълимоти мутафаккир таҳмил карда шуд, ки натиҷаи таҳқиқи яктарафаи афкору фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳади Дониш маҳсуб мешавад.

Дар маҷмуъ, таҳлили маводи дар боло зикршуда исбот менамояд, ки бо вуҷуди баррасӣ шудани як қатор ҷанбаҳои таълимоти Аҳмади Дониш ва ҷадидия, то ҳол таҳқиқоти ҷудогона дар мавзуи таҳлили муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи ин мутафаккир ва ҷадидону навбухориён анҷом дода нашудааст. Диссертатсияи пешниҳодшуда ин холигиро пур хоҳад кард.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ «Масъалаҳои методологии таҳқиқи афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва тасвири олам дар осори мутафаккирони тоҷик» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳлили муқоисавии таърихӣ-фалсафии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва ҷадидия мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба мақсади гузошташуда расидан бояд вазифаҳои зерин иҷро карда шаванд:

- тавсифи осори Аҳмади Дониш, дараҷа ва методологияи омӯзиши асарҳо ва таълимоти ӯ дар замони шуравӣ ва даврони муосир;

- муайян сохтани моҳияти ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро;

- равшан сохтани муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва муайян кардани сабабҳо ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ;

- ошкор сохтани омилҳои асосии муайянкунандаи хусусиятҳои густариши афкори ислоҳталабӣ ва маорифпарварӣ дар ҷомеаи Бухоро ва дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX;

- нишон додани масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро, ки дар осори Аҳмади Дониш инъикос ёфтаанд ва мазмуну мундариҷаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии онҳо аз дидгоҳи мутафаккир;

- муайян сохтани бартариҳо ва афзалияти афкори ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ тавассути нишон додани тафовутҳо байни ислоҳталабии динӣ ва маорифпарварӣ.

**Объекти таҳқиқот** ҳаракати маорифпарварӣ, ҷадидия ва ислоҳотхоҳии динӣ чун равишҳои таърихӣ дар афкори фалсафии халқи тоҷик мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқ** хусусиятҳои ташаккули афкори ислоҳотхоҳӣ, ақоиди дунявии Аҳмади Дониш ва афкори ислоҳотхоҳии динии ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аст.

**Марҳила, макон ва даврai таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2021 то инҷониб сурат гирифта, объекти он доираи таърихии асрҳои XIX ва даврони муосири таърихи фалсафаи тоҷикро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқотро андешаҳои муҳаққиқон ва ихтисосмандони фалсафа ва идеяҳои шакли консептуалӣ гирифтаи ҷомеашиносон оид ба ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маорифпарварӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки андешаҳои Аҳмади Донишро аз нигоҳи илмӣ-мантиқӣ баррасӣ намуда, фаҳмиш ва хулосабарориҳои худро нисбат ба масъалаи зикршуда бо истифода аз усулҳои таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, аксиологӣ ва интиқодӣ асоснок намояд.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот.** Осори фалсафии Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Меъёру-т-тадайюн» ва асарҳои ҳамасрони ӯ сарчашмаи аввалиндараҷаи таҳқиқот буда, аз маводи илмӣ низ, ки дар онҳо рушди низоми афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми садаи XIX таҳқиқ шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Далелҳои аз нигоҳи илмӣ, мантиқ ва таърихият асоснокшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи ватанию хориҷӣ ҳамчун заминаҳои эмпирикии таҳқиқот хизмат кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ ба анҷом расидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии асосии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он аввалин бор дар илми ватанӣ масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони

ҷадидия бо истифода аз методи муқоисавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Навгониҳои дигаре, ки дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ ба даст омада, ба ҷомеаи илмӣ пешкаш мегарданд, аз он иборатанд, ки бори нахустин:

- осори Аҳмади Дониш, аз ҷумла девони ашъори омӯхтанашудаи ӯ ва таҳқиқи онҳо аз нигоҳи методологияҳои гуногун дар замони шуравӣ ва даврони муосир ба таври муназзам тавсиф гардида, дар асоси далелҳои тарҷумаиҳолӣ таъсири сафарҳои мутафаккир ба Русия ҳамчун таҳаввули куллӣ дар ҷаҳонбинии ӯ, вале бо вуҷуди ин ба фарҳанги бегона нагаравидани мутафаккир исбот карда шудааст;

- хусусиятҳои ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии Ғарб, хусусан Русия, ҳаёти халқҳои Русия - русҳо ва тоторҳо, инчунин панисломизм ва пантуркизм мушаххас карда шудаанд;

- омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас муайян гардидаанд;

- умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX муайян карда шуда, дар ин раванд ба принсипҳои дунявият, илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ такя кардани мутафаккир бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст;

- омилҳои ниёз доштани ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ба сабаби ноуҳдабароии амирони манғитӣ, муҳити хурофотии дарбор ва аҳолии кишвар, инчунин мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бо истифода аз маводи нав аз осори мутафаккиру таҳқиқоти муосир мушаххас карда шуда, роҳҳои асосии ислоҳи онҳо дар таълимоти мутафаккир дар қиёс бо намояндагони дигари ҳаракати маорифпарварӣ муайян гардидаанд;

- прогрессивӣ, орӣ аз унсурҳои панисломизму пантуркизм будани ақидаҳои ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш, инчунин такя ба андешаҳои миллии

ориёӣ кардан ва пешрафта будани андешаҳои ӯ дар ин раванд исбот карда шуда, бо ин васила бартарии афкори Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия, ки ақидаҳои аксарияти намояндагони он хусусияти ислоҳталабии динӣ ва зиддимиллӣ доштанд, нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Фаъолияти илмӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш бисёрҷанба буда, таҳқиқоти зиёд ба он бахшида шуда бошанд ҳам, то ҳол онҳо ба омӯзишу пажуҳиш аз нигоҳи илми муосир ниёз доранд. Дар замони шуравӣ файласуфони тоҷик афкори фалсафии Аҳмади Донишро бо унвони «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» муаррифӣ намудаанд. Ин баҳогузорӣ гувоҳӣ медиҳад, ки афкори фалсафии Аҳмади Дониш оғози марҳилаи нав дар таърихи фалсафаи миллӣ мебошад. Аммо дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо баъзе олимон таълимоти ӯро “ислоҳотхоҳии динӣ” ё “ислоҳталабии динӣ” номгузорӣ кардаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад.

2. Маорифпарварӣ дар аморати Бухоро на танҳо хусусияти зиддифеодалӣ ва зиддимустамликавӣ дошт, балки ба он ғояҳо ва тарзи ҳаёти русҳо ва тоторҳо таъсиргузор будаанд. Ҳамзамон, маорифпарварони Бухоро ба муқовимати васеъ бо куҳнапарастӣ ва ҳокимияти иртиҷоии манғитони ҳукмрони аморати Бухоро рӯ ба рӯ буда, ба ҳаракати онҳо пайравони панисломизм, пантуркизм ва баъзе ҷадидҳо, ҷавонбухориҳо, ки дар зери таъсири панисломизму пантуркизм қарор доштанд, таъсири манфӣ гузоштаанд. Аммо, бо вуҷуди, ин ҳама ғояҳои маорифпарварӣ тавассути таъсиси мактабҳои типи нав, паҳншавии рӯзномаю китобҳо ва воситаҳои дигар ба ҷаҳонбинии мардум таъсиргузор буданд.

3. Дар баробари шахсияти ҷоҳилу қаттол будани амирони манғитӣ, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва амсоли он низ буданд, ки ҷомеаи даврони Аҳмади Донишро аз рушду тараққӣ боздоштанд. Аз ин рӯ, мутафаккир ва пайравони ӯ ҳамин ҷанбаҳои ҳаёти онвақтаи аморати Бухороро зери тозиёнаи танқид гирифта, ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро дар

ин самт баён сохтаанд. Таҳлили ҳаракатҳои маорифпарварӣ дар кишварҳои дигари Шарқу Ғарб низ нишон медиҳад, ки маҳз танқиди омилҳои мазкур барои намояндагони ин ҳаракат хос будааст. Аммо маорифпарварон на танҳо ба интиқод машғул буданд, балки барномаи мушаххаси ислоҳотро пешниҳод кардаанд, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро фаро мегирифт.

4. Таҳти таъсири афкори пешқадами кишварҳои мутамаддин андешаҳои волои навгароӣ ва раҳоӣ аз ҳама гуна ҷаҳолатҳои асримиёнагӣ дар таълимоти маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш пайдо шуда, онҳо дар тафовут аз афкори дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои воқеӣ ва асоснок, инчунин дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Ақидаҳои иҷтимоии Аҳмади Дониш дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфтаанд, ки боиси пайдоиши андешаҳои тоза гардида, ӯро то ба мартабаи асосгузори фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии тоҷик баланд бардоштаанд.

5. Аҳмади Дониш на танҳо омилҳои қафомондагии ҷомеаи давронашро муайян кардааст, балки роҳҳои бартараф кардани онҳоро низ аз нигоҳи илмӣ мушаххас намудааст. Омилҳои боздоштани ҷомеаи Бухоро аз рушду тараққиро ӯ дар тарзи нодурусти идораи давлат, аз уҳдаи вазифаашон набаромадани амирон ва дарбориён, тадохули мардуми турк ба умури давлатӣ, таассубу хурофоти аҳолии аморат, артиши куҳнашудаи амирӣ, истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби артиши Русия, набудани иқтисодиёти пешрафта ва ғайра мебинад. Барои бартараф сохтани норасоиҳо Аҳмади Дониш на чун пешгузаштагон бунёди ҷомеаи ормонӣ, балки ислоҳотро пешниҳод мекунад. Аз ҷониби дигар, Аҳмади Дониш дар ақидаҳои худ оид ба масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ба андешаҳои пешқадами миллӣ такя карда, аз дигар маорифпарварон бо баёни озоди андеша, воқеънигорӣ, инкори ҳар гуна таълимоти панисломистию пантуркистӣ тафовут дорад.

6. Пайравони ҷадидия аз зумраи ислоҳотхоҳони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, миллатро ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии “хилофат” мефаҳмиданд. Аҳмади Дониш бошад, дар пояи миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, инчунин дар асоси дунявияти тафаккур ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро баён сохта, бо ин хусусиятҳояш таълимоти ӯ аз наҳзати ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз ҷавонтуркон буд ва хислати пантуркистӣ дошт, тафовути зиёд дорад. Ҷадидия ба таблиғи панисломизм, сиёсисозии он аз ҷониби кишварҳои фарангӣ ва пантуркизм майл дошта, тибқи дастур ва дастгирии молиявии хоҷагони хориҷӣ фаъолият менамуд. Аммо Аҳмади Дониш бо решаҳои аслии миллии таълимоти худ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳои ҷаддидия бартарият дорад. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омада ба ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, дар оянда дар таҳқиқи осори ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводи лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва курсҳои махсус истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дақиқии маълумот, ҳаҷми мувофиқи маводи таҳқиқотӣ ва коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии кори диссертатсиониро таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ аз мустақилона интихоб кардани мавзуъ, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, шахсан пайдо кардани иттилоот ва таҳлили он иборат мебошад. Хулосаҳои диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ исбот ва асоснок карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмӣ-амалӣ ва конференсияҳои илмӣ-назарӣ, аз ҷумла дар конференсияи XIV-и ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи "Тақвиятбахшӣ ва дурнамои рушди омодасозии мутахассисони миёнаи касбии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 08 декабри соли 2023) ва конференсияи XV ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Усулҳои муосири ташкили раванди ҳамширагӣ" бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (Душанбе, 22 ноябри соли 2024) гузориш дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (суратҷаласаи №2 аз 28. 02 соли 2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Моҳият, муҳтаво ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 6 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар пояи мақсаду вазифаҳои муайяншуда диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 180 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ ВА ВАЗЪИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ДАВРОНИ Ӯ

## 1.1 Осори Аҳмади Дониш ва методологияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир

Мутафаккири бузурги маорифпарвари тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш дар хонаводаи руҳонӣ домулло Носируддин дар таърихи 1826 солшумории масеҳӣ дар шаҳри Бухоро дида ба дунё кушодааст. Муҳити хонаводагӣ бино бар доштани ҷаҳонбинии фарох Аҳмади ҷавонро барои илмомӯзӣ ба мадраса мебарад, аммо ба сабаби номусоид будани усули таълим ва тадриси улуми ғайритабиатшиносӣ ва маҳдуд шудан ба илоҳиёту ҳифзи Қуръон, фиқҳу калом ва тафсири исломӣ майли Аҳмад аз хурдсолӣ ба омӯхтани фанҳои мазкур коста мешавад. Аз ин рӯ, номбурда ба хушнависӣ рағбат пайдо намуда, овони наврасӣ ба хаттотӣ намудани матнҳо машғул мегардад.

Муаррихи шинохтаи тоҷик З. Раҷабов зимни таҳқиқи тарҷумаи ҳоли Аҳмади наврас омӯхтани хатту саводро дар назди модараш таъкид карда, зикр намудааст, ки китобҳои динӣ талаботи ӯро қонеъ карда натавонистанд. Тибқи ҳикояти Аҳмади Дониш, ӯ то ба мактаб дохил шудан хондану навиштанро ҳамроҳи дигар бачагон аз модараш, ки мактаби хусусӣ барои таълим додани духтарону кӯдакон ташкил карда буд, ёд гирифтааст. Ӯ дар ҳамин вақт хушнависиро омӯхта, ривоятҳои гуногуни диниро бо хатти хеле зебо менавиштааст ва дар синни 7-солагӣ ба расмкашӣ ва шеърнависӣ рағбати беандоза пайдо мекунад. Ба қавли З. Раҷабов, ӯ «фақат китобҳои динӣ, аз ҷумла «Чаҳор китоб» мехондааст. Аммо ҳикматҳои  ин қабил асарҳо ин писарбачаро қонеъ намекарданд» [86, с. 87].

Воқеан, Аҳмади Дониш чунонки он замон дар Бухоро ба ҳукми анъана даромада буд ва аксар муҳаққиқони осораш хулоса кардаанд, ҳанӯз ба синни таҳсил надаромада, хондану навиштанро ёд гирифт. Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш мустақилона ба омӯхтани забони арабӣ пардохт ва баъдан ӯро

падараш дар синни 10-солагӣ ба мактаб барои ҳифз намудани Қуръон бурд. Дар мадрасаҳои Бухоро ҳифзи китоби муқаддаси ислом ба ҳукми анъана даромада, агар нафаре аз хонаводаи мухтарам Қуръонро намедонист, нуқси маънавӣ на танҳо барои ҷавон, балки барои ҳамаи хонавода дониста мешуд. Аммо Аҳмади ҷавон ба ин анъана чандон таваҷҷуҳ накарда, аз ҳифз намудани пораҳои Қуръон сарпечӣ кард ва омили он асосан иборат аз он буд, ки дар мадрасаву мактабҳои Бухоро усули тадрис қонеъкунанда набуд. Омили дигари рағбат надоштани Аҳмад ба қироати Қуръон лакнати забонӣ доштанаш маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, Аҳмади ҷавон он солҳо ба фаро гирифтани улуми мухталиф, аз қабили риёзиёт, нуҷум, ҳайъат, табииёт, ҷуғрофиё, таърих, фалсафа машғул гардида, ин фанҳоро бо роҳи омӯзиши мустақилона аз бар кард. Аммо Аҳмади ҷавон пас аз хатми мадраса мударрис нашуд. Ин нуктаро муҳаққиқи осори илмии Аҳмади Дониш З. Раҷабов чунин шарҳ додааст: «Пас аз хатми мадраса Дониш мударрис нашуд. Вай мутмаин буд, ки муллобачаҳо фақат барои мансабу мартаба ва шуҳрату обрӯ дар мадраса мехонанд. Бино бар ин, Дониш мударрисиро қатъиян рад карда, пешаи котибиро интихоб намуд» [86, с. 90].

Баъди омӯхтани илмҳо Аҳмади Дониш тахминан солҳои 50-уми садаи XIX ба хидмат дар дарбори амир Насруллоҳ қабул гардида, дар марҳилаи аввали хидмати дарборӣ ба китобат намудани матнҳои тиббӣ шуғл меварзад. Пас аз марги устодаш Аҳмади Донишро масъулин ба ҷояш меъмору муҳандиси дарбор таъйин мекунанд. Дере нагузашта, маҳз дар солҳои панҷоҳум, аниқтараш дар санаи 1857 ӯро дар ҳайати воломақоми сафорати амирӣ шомил сохта, имкон фароҳам меоранд, ки аввалин бор дар ҳайати мазкур озими шаҳри Санкт-Петербург шавад. Зимни сафари аввал амири Бухоро Насруллоҳ буд ва ду сафари дигари мутафаккир дар замони ҳукумати амир Музаффар рух додааст. Пас аз 12 соли сафари аввал Аҳмади Дониш боз дар ҳайати воломақом дар санаи 1869 сафари Русия кард ва сафари сеюми ӯ ба санаи 1873 мутобиқ аст.

Сафарҳои Аҳмади Дониш агар муҳити тамоман дигарро ба ӯ ошно сохта ба ҷаҳонбинии ӯ таъсир карда бошанд ҳам, вале мутафаккир, ба ақидаи мо, аз мавқеи миллӣ ва анъанаву арзишҳои миллат берун нарафт. Аҳмади Дониш аз зебоӣ ва намуди зоҳирии ҷомеаи Русия, фатонату латофати занони ин кишвар мафтун шуда, бо мисоле ба хулосае меояд, ки ин ҳама бо ҳаёти ҳақиқии меҳнаткашони одӣ ҳеҷ алоқае надорад ва барои мардуми Шарқ қобили қабул нест. Дар ин маврид мутафаккир баъзе паҳлӯҳои ҳаёти Русияро намунае аз пастравии маънавӣ бозгуйӣ мекунад. Масалан, ӯ навиштааст: "Вазъи ин маҷлис барои он аст, ки чун дар он вилоят сатр ва ҳиҷоб нест, мардон ва занони акобир ва душизагон ва ҷавонони лозим ба ҳамдигар вола ва дилдода шаванд. Ва маъшуқ ба хона бурдан бино бар монеӣ тааззур дорад. Чунки дар шариати ишон мард зиёда аз як зан ба никоҳ натавонад овард ва зан то шавҳар намирад, шавҳари дигар натавонад кард ва ба ҳеҷ ваҷҳ талоқ ва тафриқ муяссар нашавад... Ва насаб дар он ҷо ба зан собит мешавад, на ба мард, масалан, агар шавҳар даҳ сол ғоиб бошад, ҳар фарзанде, ки зан аз ҳар кӣ пайдо кунад, ба номи шавҳари ғоиб бошад" [11, с. 85].

Зимни сафар Аҳмади Дониш ҳамчун сафири Бухоро бо ҳамроҳии Абдулқодирбеки Додхоҳ ба ҷашни арусии подшоҳ Александри II даъват шуда, бо маслиҳати мутарҷим Козимбек ба ин муносибат мадҳияе эҷод кардааст. Бо вуҷуди он, ки Русия чун дунёи нав андешаҳои тарбиявиро дар тафаккури Аҳмади Дониш ба вуҷуд овардааст ва барои нависанда тамоми расму оинҳо дар либос, ғизо, сайру гашту мулоқот ва ғайра ҳама чиз аҷиб менамуд, вале ӯ мафтуни ҷамоли зоҳирии тамаддуни Ғарб нагардид ва таблиғи фарҳанги ононро низ дар ҷомеаи Бухоро муносиб надид.

Адабиётшиноси аҳди шуравӣ Расул Ҳодизода низ дар ин мавзуъ андеша баён намудааст. Номбурда ҳанӯз соли 1957 иброз дошта буд, ки саҳифаҳои торик дар тарҷума ҳол ва афкори мутафаккир бисёранд. Муҳаққиқ зимни баррасии сафарҳои мутафаккир ба Русия хулоса мекунад, ки маҳз сафарҳояш ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро такмил дода, ӯро водор кардааст, ки фикрҳои ҷолибе дар таҳқиқи низоми сиёсӣ ва вазъи иҷтимоии Бухоро таҳия намояд,

аммо ин олими шуравӣ накши фарҳанги русро ба ҳайси омили таъсиргузор дар афкори минбаъдаи Дониш муаррифӣ карда, илова бар он, мутмаин аст, ки Аҳмади Дониш аз фарҳанги пешқадами рус пайравӣ намудааст. Аммо зимни таҳқиқ пайгирӣ аз фарҳанги рус дар андешаҳои мутафаккир мушоҳида нашуда, дар аксари ҳикоятҳои ба муҳити Русия бахшидашуда эҳсос мешавад, ки мусаннифи "Наводир-ул-вақоеъ" ба анъанаҳову вижагиҳои фарҳанги православӣ диди мусбат надоштааст. Чизе ки дар фарҳанги рус Аҳмади Донишро қонеъ мекунад, танҳо майли ин мардум ба рушди илму техника маҳсуб мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки Аҳмади Дониш аз фарҳанги бегона пайравӣ накардааст, зеро: мутафаккири бухороӣ аз фарҳанги ғанӣ ва басе таърихии аҷдодии худ бархурдор буда, дар ин самт хеле устувор аст ва ҳеҷ заминае нест, ки номбурда чун афроди бадавии аз фарҳанги мушаххас маҳрум дунболи фарҳанги бегона ва анъанаҳои он биравад. Шояд ҳамин омил боис шуд, ки Аҳмади Дониш мисли дигар муосирони хеш, аз қабили Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Шайх Муҳаммад Абду, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Маҳмуди Тарзӣ ва дигарон ба ислоҳталабии динӣ нагаравида, чун як мусулмони ҳанафимазҳаб дар рисолаи "Меъёру-т-тадайюн" барои изҳори андешаҳои дунявӣ кӯшиш намояд.

Муҳаққиқи донишманд Расул Ҳодизода дар мавриди дақиқ намудани сафари сеюми мутафаккир ба Санкт-Петербург таваққуф карда, оқибат ба хулосае меояд, ки омили сафар дар ҳеҷ сурат ҷашни арусии духтари император нест ва сабабҳои сиёсӣ дорад: "Дар асарҳои тадқиқотии мо то ҳол менавиштанд, ки сафари сеюми Аҳмади Дониш ба Петербург дар соли 1870 ба муносибати туйи духтари подшоҳ Александри II иттифоқ афтодааст. Ҳатто худи Аҳмади Дониш дар як ҷойи "Рисолаи танқидӣ ва таърихии худ" ба ин ишора мекунад. Аммо маводҳои бойгонӣ ба хубӣ исбот мекунанд, ки мақсади асосии сафорат дар ҳар ҳол туйи духтари подшоҳ набудааст. Аввал ин ки дар рӯйи санади ин сафорат навишта шудааст: "Дар бобати ба С.П. (Петербург – Р.Ҳ.) омадани ҳайати сафорати Бухоро бо сардории

Абулқодирбек-бӣ барои муборакбод намудани ҳазрати император ба муносибати хушбахтона тамом шудани юриши Хева". Ғайр аз ин, Департаменти Осиёии Вазорати корҳои хориҷӣ ҳанӯз дар 8 октябри соли 1873 ба Сарштаб маълум мекунад, ки мувофиқи телеграммаи генерал-губернатори Туркистон амир хоҳиши ба Петербург фиристодани ҳайати сафорат доштааст. 17 октябр Александри II розигӣ медиҳад, ки сафоратро дар моҳи январи соли 1874 қабул кунад" [112, с. 87].

Зимни пажуҳиши ҳаёт ва фаъолияти мутафаккири маорифпарвари тоҷик онҳое, ки аз Аҳмади Дониш ёдоварӣ кардаанд ва ҳамчунин, онҳое ки осори ӯро мавриди арзёбӣ қарор додаанд, аз лақабҳои гуногуни ин донишманд ва шахсияти нотакрор будани ӯ ёд кардаанд. Якум, тахаллуси «Калла», ки дар аксар мавридҳо вомехӯрем, тахаллуси воқеии мутафаккир мебошад, чунки аксар афроде, ки бо Аҳмади Дониш ошно буда, бо ӯ суҳбатҳо доир намудаанд, нақл кардаанд, ки мавсуф сари нисбатан ғайримуқаррарӣ доштаанд ва бисёриҳо ӯро бо номи «Калла» муаррифӣ менамудаанд. Дигар тахаллусе, ки номбурдаро машҳур сохтааст, вожаи «Дониш» аст ва мутафаккир худ низ зимни имзогузорӣ ҳамин ном - Донишро қабул доштааст. Истилоҳи «Махдум» ва «Махдуми Бухорӣ» низ бештар истифода шуда, мавриди эътибори умум будааст. Ҳадаф аз махдум хидматшаванда аст ва ашхоси маъруфро байни мусулмонон махдум мегуфтанд. Ҳамчунин, тахаллуси "Аҳмади Урок" низ дар истифода буд ва исми урок аз унвонҳои фахрии дарбори манғит аст, ки ба афроди муътабар ва донишманд шоиста медонистанд. Ғайр аз ин, дигар унвонҳое чун мударрис, муҳандис, мунаҷҷим ва ғайраро донишманд сазовор гаштааст, ки пайравони зиёде ӯро бо ин унвону тахаллусҳо зикр кардаанд.

Садри Зиё оид ба шахсияти Аҳмади Дониш навиштааст: «Аҳмад-махдуми Урок ал-мутахаллис ба Дониш, ал-машҳур ба Аҳмади Дониш шахсе буд дар ҷамеи улум якто, дар тамоми ҳунар беҳамто... дар таърихдонӣ Лосонӣ, дар сураткашӣ ҳамдӯши Беҳзоду Монӣ, дар ахтаршиносӣ назири Улуғбеки Курагонӣ, дар хаттотӣ адили Мир Алӣ, дар мусиқӣ монанди Зуҳраи

фалакӣ, дар лаввоҳию ҷадвалкашӣ Мир Шафеъро сонӣ, дар ҳазоқат ва табобат намунаи Абуалӣ, дар сахову ато Ҳотами Той, дар шеър Саъдии Шерозӣ, дар наср Ҳусайни Кошифӣ буд» [16, с. 47 ]. Ҳамаи ин суханон аз рушди ҳамаҷонибаи ин шахсияти таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Худи Аҳмади Дониш ба авзоъ ва аҳволи хеш дар давраҳои мухталифи зиндагиаш таваҷҷуҳ карда, чигунагии нақши муҳити хонаводагӣ, мадраса ва дарборро дар ташаккули ӯ ҳамчун шахсият баён намудааст. А. Мирзоев, ки ба таҳқиқи осору афкори мутафаккир майли зиёд доштааст, мақолае бо унвони «Шарҳи ҳоли Дониш ба қалами худаш» ба табъ расонида, дар он иқтибосҳои тарҷумаҳолиро мушаххас сохтааст. Масалан, мутафаккири маорифпарвар мушкил доштани хешро ба фарогирии луғоти арабӣ чунин шарҳ додааст: «Ба таълим мутобиқ дар ин ҳол аз авохири Мусҳафи маҷид то рубъи ҷузве боло рафтаву аз «Чаҳор китоб», ки таламмузи он мутадовили байни сибён аст, ниҳоят китоби аввал хонда ва нафси ман қонеъ набудааст, ки ба алфози зоҳираи оёт ва сувар қаноат кунам. Аз тафсири Мавлоно Яъқуб маонии он чи хонда, меҷустам ва луғотро ба ҳамдигар татбиқ ва қиёс мекардам. Дар маънии «қола» – «гуфт», «яқулу» – «мегӯяд» ва дар маънии «қул» – «бигӯ» ва дар фарқи ихтилофоти луғот ақли ман қусур меовард, ки миёни воҳид ва аҳад тафриқа чист ва онро намедонистам ва дилтанг мешудам. Ва ин ҳолот наздик ба марҳилаи нуҳум аз умри ман воқеъ шуда буд» [69, с. 11].

Дар ҷойи дигар - дар «Рисола» донишманди маорифпарвар Аҳмади Дониш зимни суҳбат бо императори Русия омилҳои надонистани забонро баррасӣ карда, то ҳадде дар ин масъала аз худ ба шарм меояд. Махсусан, зимни рӯ ба рӯ омадани ӯ бо императору духтараш, ки навиштаҳои мутафаккирро бобати васфи маликаи рус таъкид карда, ангушти ҳайрат чи тавр ба иллати надонистани забон он маънии баландро дарк накардааст ва сара аз сақат маълум нанамудааст. Гузашта аз ин, императори Русия аз Аҳмади Дониш мепурсад, ки чаро то ин муддат дар мулки мо буду, забони моро наомӯхт Мутафаккир дар посух мегӯяд, ҳар гоҳ ки дар ин мулк қарор

дошт, ӯро ба ҳар сӯ мебурданду меоварданд ва ба ин сабаб имкони омӯхтанро надошт: «Ҳар ваҡте ки маро дар давлати ту омадшуд афтод, шабу рӯз моро ба гашту сайр фармуданд ва ба тамошохонаҳову корхонаҳо тавоф доданд, маро дил надод, ки тамошову сайрро гузошта, ба таҳсилу хондан машғул шавам ва боз гумон кардам, ки мабодо муовадат (бори дигар омадан) дар ин бал даст надиҳад ва мушоҳидаи аҷоиботи давлате нав аз ман фавт шавад... Импероту сарe бичунбонид ва истеҳсон фармуд... Ҳар ҷо, ки моро медид, ба духтари худ ишора мекард, ки «ин он мард аст, ки туро мадҳ гуфтааст, вай ҳам (духтари император) мутабассим шуда (табассум намуда), бо ман тамаллуқе мекард ва сар меҷунбонид» [6, с. 180].

Дар охирҳои ҳаёташ Аҳмади Дониш бемор мешавад. Дар ин маврид, академик З. Раҷабов чунин маълумот додааст, ки тибқи он ислоҳотхоҳ будани ин мутафаккир бори дигар таъкид мегардад: «Ӯ пеш аз вафоташ чанде бемор хобид ва бо хоҳиши худаш ӯро муддате дар ягона касалхонаи аврупоӣ, ки дар пойтахти хонии Бухоро буд, муолиҷа карданд. Донишро Пизиков ном духтури рус муолиҷа мекард. Чунонки маълум аст, аҳолии Бухоро он вақтҳо бо таъсири уламои мутаассиби мусулмон ба муассисаҳои тиббии русӣ мурочиат намекарданд ва онҳоро хилофи дини ислом ҳисоб мекарданд. Аммо Дониш бо вуҷуди ин ки мусулмони муътақид буд, ба намояндагони динҳои дигар кинаву нафрат надошт» [86, с. 104].

Устод Айнӣ дар қисми чаҳоруми «Ёддоштҳо»-яш бо унвони «Хабари вафоти Аҳмади Дониш» гузорише дорад. Дар ин гузориш устод аз забони Файзбойи ҳалвогар мешунавад, ки Аҳмади Дониш аз дунё гузаштааст. Устод Айнӣ бо истифода аз нақли Файзбой баъзе вижагиҳои фаъолият ва шахсияти мутафаккири маорифпарварро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Устод бо фаросии марги донишманди давр маъюс гашта, худро надомат мекунад, ки чаро ҳангоми зиндагии мутафаккир талош барои дарёфти осораш накардааст: «Ман худро сарзаниш кардан гирифтам, ки чаро дар айёми зинда будани ӯ роҳе ёфта, ба ӯ наздик нашудам ва чаро фикру мулоҳизаҳои ӯро дар ҳаққи замон ва ҳамзамонон бевосита аз забони ӯ нашунидам? Дар аснои ин

афсусу надомат суханони самимонаи Файзбойро беихтиёр такрор мекардам: «Афсус, ҳай дареғ, сад дареғ» [22, с. 207].

Аз Аҳмади Дониш осори хеле ғанӣ боқӣ мондааст. Ин осори илмию таҳқиқотии Аҳмади Дониш аз рисолаҳое иборат аст, ки дар онҳо мусанниф авзои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ва ҷаҳонро воқеъбинона инъикос намудааст. Ӯ дар солҳои ҳафтодуми садаи XIX ба навиштани шоҳасари худ «Наводир-ул-вақоеъ» шуруъ карда, онро дар муддати 15 сол ба итмом мерасонад. Ин рисолаи басе шуҳратёфта ва истиқболшуда аз зумраи он рисолаҳои Аҳмади Дониш мебошад, ки дар замони шуравӣ ва дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба мунташир гаштааст.

Мундариҷаи рисолаи асосии Аҳмади Дониш, ки «Наводир-ул-вақоеъ» унвонгузорӣ шудааст, аз муқаддима ва 23 боб иборат аст. Ин китоб барои аксар мударрисону уламои даврони Аҳмади Дониш китоби рӯйимизӣ гардида, дар кутоҳтарин муддат шуҳрат ёфт. То кунун муҳаққиқон ҷиҳати баррасӣ ва матраҳсозии ҷаҳонбинии фалсафии мутафаккир кӯшиш менамоянд ва таваҷҷуҳ ба осори Аҳмади Дониш, бавижа ба «Наводир-ул-вақоеъ» то ҳол кам нагардидааст ва баръакс, бо гузашти айём майли хосу омм ба мутолиаи асарҳои Аҳмади Дониш меафзояд.

Оид ба «Наводир-ул-вақоеъ» ва пайдо шудани таассуб нисбат ба асарҳои Аҳмади Дониш муҳаққиқ Н. Ҳотамов чунин менигорад: «Уламои расмии Бухоро, амир ва аҳли дарбор пайдоиши «Наводир-ул-вақоеъ»-ро зараровар ҳисобида, муаллифи он – Аҳмади Донишро ба бединӣ, ҳатто ба надонистани асосҳои ислом ва фалсафаи он айбдор намуданд. Чунин муносибати беасоси онҳо боиси ба вуҷуд омадани асари дигари Аҳмади Дониш – «Меъёру-т-тадайюн» гардид. Ин асарро нависанда тақрибан соли 1894 ҳамчун ҷавоб ба душманони ғоявии худ навиштааст» [115, с. 114].

Дар аҳди шуравӣ таҳияи осори мутафаккир чандон зиёд сурат нагтрифт ва имрӯз зарурати аз нав роҳандозӣ кардани ин амал бо дарназардошти баҳогузории илмии нав ба осору афкори фалсафии Аҳмади Дониш ба вуқуъ

омадааст. Дар замони истиқлолият бо кӯшишу ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархе аз осори ниёгон аз расмулхати аҷдодӣ бар алифбои кирилли баргардонида шуд, ки аз зумраи онҳо рисолаи басо олӣ иншошудаи донишманд таҳти унвони «Меъёру-т-тадайюн» низ мебошад. Дар замони муосир, ки ҳар гуна мазҳабҳои бар мо бегона аз хориҷи мамлакат таҳмил мегарданд, чоп шудани рисолаи мазкур айни муддаост.

Тавре ки маълум аст, солҳои 1870-1873 Аҳмади Дониш рисолаи дигаре таълиф намуд, ки онро муҳаққиқон пешниҳодҳои ислоҳотии мутафаккир ном бурдаанд ва нигориши мазкур «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» унвонгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ Н. Ҳотамов рисолаи мазкурро “барномаи ислоҳоти тарзи давлатдорӣ” ном бурдааст, зеро дар он мутафаккир «андешаҳояшро оид ба адолат ва тартибу низоми идора намудани давлат ва ҷамъият баён кардааст. Муаллиф дертар ба он номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро ниҳод. Ин рисола дар асл як барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба ҳисоб меравад» [115, с. 111].

Асарҳои дигари мутафаккир инҳоянд:

1. «Манозир-ул-кавокиб» («Манзараи ситораҳо»). Асари мазкур доир ба илми нуҷумшиносӣ буда, дар бораи ба мавқеъ, мақому ҳолоти ситораҳо, ҷойгиршавии онҳо ва зуҳури бисёр ҳаводису воқеоти марбути ситораҳо ва ғайра баҳс мекунад. Муаллиф ин асари худро ба яке аз дӯстонаш бахшидааст ва санаи таълифи он соли 1865 мебошад.

2. «Рисола фӣ аъмоли-л-кура» («Рисола доир ба амалиёт бо кура»). Аҳмади Дониш дар ин рисола оид ба кашфиёти илмии асри худ, хусусан, баъди ду глобус тақдим намудани капитани рус Стреомухов ба ӯ, доир ба кайҳон маълумоти нодири илмӣ медиҳад. Дар ин асар Аҳмади Дониш баъзе ахбори тоза оид ба масъалаҳои ҷуғрофӣ ва астрономӣ низ овардааст.

3. «Таъодули хамсаи мутаҳаййира» («Ҳаракати панҷ ситора»). Ҳадафи Аҳмади Дониш муайян кардани ҷойгиршавӣ ва ҳаракати Уторид, Зуҳра,

Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал буда, рисолаи мазкур низ ба илми нуҷум бахшида шудааст. Дар он ҳар яке аз ин ҷирмҳои осмонӣ бо хосиятҳои ҷудогонаи худ шарҳ дода мешаванд. Аҳмади Дониш ин асарашро соли 1883 таълиф намудааст.

4. «Меъёру-т-тадайюн» («Ҳадди диёнат»). Аҳмади Дониш ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ҷамъиятиву ҳуқуқӣ аз нигоҳи илмӣ баҳо медиҳад. Ҳадафи муаллиф амиру аморат ва сохтори роҳбарии ҷомеаро, ки аҳли диёнат мебошанд, ба адлу адолат ва инсоф даъват кардан аст. Асари мазкур соли 1894 таълиф шудааст.

5. «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития». Дар ин асар дар бораи ба сари қудрат омадани амирони Манғития аз Дониёл то Абдулаҳад маълумот дода мешавад. Асар оид ба шахсияти амирон, усули давлатдории онҳо, муносибатҳои дохилидарборӣ ва хориҷии онҳо, хусусан бо Русия, вазъи раъият ва ғайра хеле маълумоти пурарзишу судманд медиҳад.

6. Девони ашъор, ки каме поёнтар дар бораи таърихи пайдо кардани дастхатҳои он ва парокандагии шеъри Аҳмади Дониш маълумот дода мешавад.

Дар афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва маорифпарварии Аҳмади Дониш «Рисолаи таърихӣ» нақши муҳимтаре бозидааст. Рисолаи мазкур қисмати аввали асарест, ки Аҳмади Дониш онро тамом карда натавонистааст. Азбаски асар нотамом мондааст, муҳаққиқон вобаста ба мазмуну мундариҷаи он ба ин асар унвонҳои «Таърихча», «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития», «Тарҷумаи ҳоли амирони Манғития»-ро додаанд. Маълум аст, ки рисола дар овони пиронсолии олим таълиф шудааст, зеро танҳо наздиктарин эҷодкорон аз таълифи он хабардор шудаанд. Ин асар тақрибан пас аз даҳ соли таълифи «Наводир-ул- вақоеъ» эҷод шудааст. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш тули даҳ сол тавонистааст, ки сохтори сиёсии Бухоро, амиру аморат, сиёсатмадорону усули давлатдории онҳоро боз ҳам амиқтар омӯзад.

Аз осори мазкури Аҳмади Дониш бо хатти кириллӣ бори аввал дар даврони шуравӣ китобе аз чоп баромад, ки “Рисолаи таърихӣ” ва се ҳикоят аз «Наводир-ул-вақоеъ» ва ашъори ҳамасрони мутафаккирро дар васфи ӯ фаро мегирифт. Ин иқдоми нахустин ҷиҳати табъу нашри осори мутафаккир маҳсуб мешавад, аммо дар ҳар сурат, дар даврони шуравӣ на ҳамаи асарҳои Аҳмади Дониш маълум буд. Қариб ҳамаи асарҳои мутафаккир дар замони соҳибистиқлолӣ нашр гардиданд.

Аксар маводи ба ҳаёту фаъолияти Аҳмади Дониш дахлдоштаро метавон аз нашри асарҳои мутафаккир дастрас намуд, чунки нашри аввал бо нашри дуюми осор андаке бошад ҳам, тағйир ёфтааст ва маълумот низ дар он зиёдтар аст. Масалан, чопи «Наводир-ул-вақоеъ», ки дар таҳияи Алиқул Девонақулов дар солҳои 1988-1989 интишор ёфт, аз нашри дар соли 2017 анҷомёфтаи ҳамин китоб фарқ дорад.

Ҳамчунин, китоби дигари Аҳмади Дониш бо унвони «Рисола ё мухтасаре аз таърихи амирони хонадони манғития» ду бор нашр шудааст: яке нашри соли 1992 аз ҷониби нашрияи «Сарват» ва дигаре нашри соли 2010, ки комилтар аст ва ҳаҷман низ аз нашри аввал бартарӣ дорад. Ин бартарӣ натиҷаи таҳлили дастнависҳоест, ки дар кишварҳои гуногун нигаҳдорӣ шуда, ба тозагӣ дастраси муҳаққиқон гардидаанд.

Муҳаққиқон зимни пажуҳиши осори Аҳмади Дониш девони ашъори ӯро низ зикр намуда, дастхати онро нашр намудаанд. Оид ба ин масъала ва умуман, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш муҳаққиқони зиёд сухан кардаанд.  Аз ҷумлаи онҳо устод Садриддин Айнӣ аст, ки дар муаррифӣ шудани мутафаккир нақши намоёне гузоштааст. Ҳатто Бертелс Е.Э. иқрор мешавад, ки ба донишшиносӣ тавассути С. Айнӣ ворид шудааст. Тибқи маълумоти дар «Намунаи адабиёти тоҷик» омада, чандин шоир пеш аз Аҳмади Калла бо тахаллуси «Дониш» шеър мегуфтаанд, аммо нуфузу эътибори Аҳмади Дониш ҳамто надоштааст.

Як омили таваҷҷуҳ доштани устод С. Айнӣ ба Аҳмади Дониш насрнависӣ аст ва устод дар бисёр мавридҳо иқрор мешавад, ки бо

таъсиргузории ин мутафаккир аз назм бурида ба наср гузаштааст. Бояд зикр кард, ки дар осори мутафаккир истифода аз порчаҳои шеърии мансуб ба дигарон васеъ истифода мешавад ва худи ӯ низ китобе бо унвони «Девони ашъор» ба ёдгор гузоштааст. Лекин лаёқати шеърнависии мавсуф зимни сафарҳояш ба мулки Русия ошкор мешавад. Шеъре, ки бахшида ба зодрӯзи духтари императори ин кишвар Мария нигоштааст, саршор аз тасвирҳост ва агар шоир лаёқати олӣ дар тасвирҳо надошта бошад, ҳеҷ вақт бо чунин шаҳомат дар як шеър ин қадар тасвирҳоро эҷод намекунад. Гузашта аз ин, мутафаккир дар навиштани шеър низ услубу равиши махсусе дорад ва метавон гуфт, ки дар нигоштани шеър ҳам ӯ инқилоб намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки девони ашъори Аҳмади Дониш аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба табъ расида, дар сомонаи ин муассиса мақолае интишор ёфтааст, ки дар он омилҳои дастрасии ашъори мутафаккир баён шудааст. Девони Аҳмад Махдуми Донишро, ки коршиноси мероси хаттии Китобхона ва Архиви миллии Узбекистон, донишманди нусхашинос ва муҳаққиқи дақиқназар Ф. Маҳмудов аз байни дастхатҳои дар Ганҷинаи Институти Абурайҳони Берунии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон маҳфузбуда таҳти рақами 3679/2 кашф кардааст, дар воқеъ як падидаи хеле муҳим ва нодир ба ҳисоб меравад. Зеро то ба ҳол асарҳои мавсуф ва баъзе шеърҳои Аҳмади Дониш ба нашр расида дастрас шуда бошанд ҳам, вале маҷмуаи ашъораш ба аксари муҳаққиқон, нусхашиносон ва таҳиягарони осори ӯ маълум набудааст. Устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз осори назмии Аҳмади Дониш иттилоъ дода, «дар миён набудан»-и девони ӯро зикр кардааст. С. Айнӣ дар ин бора навиштааст, ки Аҳмади Дониш тибқи одат ва фаҳмиши масъалаҳои дунявӣ ба ҳар муносибат ба тариқи рубоӣ, ғазал, қитъа ва қасида хеле шеър иншо карда бошад ҳам, бино бар аҳаммият надоданаш, нусхаҳояшро ҷамъ накардааст. Ба ҳамин сабаб маҷмуаи осори манзумаш мавҷуд нест. Бино бар омилҳои зикргардида, осори Аҳмади Дониш чун шоир ҳанӯз баррасӣ нагардида, маҷмуаи осори назмии ӯ то кунун гирдоварӣ нашуда аст.

Ҳамчунин, худи Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» иттилоъ медиҳад, ки девони ашъори худро тадвин накардааст. Хушбахтона, ашхосе ёфт шуд, ки муътақиди афкору андеша ва пайрави ӯ буданд ва аз пайи тадвини маҷмуаи ашъораш шудаанд. Маҷмуаи ашъори Аҳмади Дониш, ки ба кӯшиши Ф. Маҳмудов ба расмулхати имрӯзаи тоҷикӣ, яъне ба кириллӣ, баргардон шудааст, кори наҷиб ва хидмати қобили таваҷҷуҳ дар матншиносии тоҷик мебошад. Ин маҷмуа, ки «Девони Аҳмади Дониш» унвон дошта, дар 60 вароқи дастнавис, яъне 120 саҳифа дарҷ ёфтааст, мувофиқи ахбороти Ф. Маҳмудов маҷмуаи нусхаи хаттиеро, ки се асари гуногун дар он ҷойгир шудаанд, дар бар гирифтааст: "Ашъори дар ин «Девон» омада ба хаттот Муҳаммад Абдулҳафиз ном шахсе аз гузари Меҳтари Анбари шаҳри Бухоро тааллуқ дошта, ӯ онро моҳи шавволи соли 1297 ҳ.қ. (1880-и милодӣ) китобат карда будааст» [118, с. 328-339].

Осори Аҳмади Дониш аз таҳқиқоти устод С. Айнӣ шуруъ шуда, мавриди баррасиҳои илмии муҳаққиқони зиёди тоҷику кишварҳои хориҷӣ қарор гирифтааст. Баррасиҳои мазкурро аз лиҳози мансубияташон ба илмҳои мушаххас ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: фалсафӣ (таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ), таърихӣ ва филологӣ (забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ). Методологияҳои омӯзиши ин осор низ гуногун буда, дар замони шуравӣ ва даврони муосир аз ҳамдигар фарқ мекунанд: 1) арзёбии осори мутафаккир аз нигоҳи марксизм, материализми диалектикӣ ва таърихӣ, ки ба даврони шуравӣ ва ибтидои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ хос буд; 2) муносибат ба осори Аҳмади Дониш аз нигоҳи дин ва ислоҳоталабии динӣ, ки дар даврони ибтидоии истиқлоли давлатӣ зуҳур намуда, баъдан хомӯш гардид; 3) арзёбии воқеъбинонаи осори мутафаккир, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва истифода аз методҳои муосири сирф илмӣ сурат гирифта, дар ду даҳсолаи охир дар кишвари мо ба назар мерасад. Таҳлилҳое, ки дар фасли мазкури таҳқиқот ва фаслҳои дигари он сурат гирифтааст, ин гуногунрангии муносибати методологиро ба осори Аҳмади Дониш ба таври аёнӣ собит месозанд. Ҳамзамон, мо дар ин таҳқиқоти худ осори

мутафаккирро аз нигоҳи аксиологӣ (арзишшиносӣ) баррасӣ намуда, мувофиқати ақидаҳои ӯро бо арзишҳои миллӣ собит сохтаем.

Устод С. Айнӣ Аҳмади Донишро раҳбари инқилоби фикрӣ дар Бухоро номидааст. Дар ин бора ӯ менависад: «Аҳмади Калла, чунонки осораш далолат мекунад, дар муҳити Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ раҳбар ба шумор меравад. Аҳмад-махдум, чунонки дар як дафтар дар зайли гузориши ҳолоти худ навишта, дар хурдсолӣ ва овони мактабхонӣ аз ғайри шуур ва бино бар ҳис карданаш машаққати тоқатгудозро ба усули таълими мактаби куҳна эъломи исён кардааст ва мегӯяд, ки «ман ба истеъдоди фавқулодае, ки доштам, аз ғайри давомат карданам ба мактаб соҳиби хатту савод шудам. Агар саводбарорӣ мавқуфи таҳаммули он ҳама машаққат мебуд, ҳароина бесавод мемондам» [24, с. 200].

Ҳамчунин, С. Айнӣ зикр мекунад, ки дар замони Аҳмади Дониш ҳама хурду бузург ба Абдулқодири Бедил пайравӣ карда, намунаҳои осори ӯро замзама менамуданд, аммо Аҳмади Дониш алайҳи чунин анъана исён намуда, муосиронро аз тақлиди Бедил манъ мекардааст. Дар баробари ин, С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд кардааст, ки аз зумраи осори мутафаккир «Наводир-ул-вақоеъ» бартарӣ дошта, дар он нигоҳи интиқодии мусанниф мушоҳида мешавад.

Асари дигари С. Айнӣ, ки дар он ба осори Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ шудааст, қисмҳои сеюму чаҳоруми «Ёддоштҳо» маҳсуб мешаванд. Дар қисми сеюми ин асар С. Айнӣ аз шабнишиниҳое маълумот медиҳад, ки дар хонаи истиқоматии Аҳмади Дониш барпо мешуданд. Тибқи шаҳодати С. Айнӣ, Аҳмад-махдум дар хонаи худ шабнишиниҳоро ҳафтае як бор ташкил мекардааст ва иштироккунандагони ингуна шабҳо бо даъвати донишманд ҳозир мешудаанд: «Ингуна шаб бештарин бо базми музика ва рақс мегузашт ва дар вақти дамгирии навозанда ва хонандагон, мушоара ва ё латифагӯйӣ сар мешуд. Аммо соҳибхона дар ингуна шабҳо ҳам дар гӯшае нишаста, ба кори худ машғулӣ мекард» [23, с. 216].

С. Айнӣ иброз медорад, ки тафаккури ӯ пас аз мутолиаи «Наводир-ул-ваҷоеъ» тамоман дигаргун гашта, андешаҳои қаблан доштаашро иваз намудааст. Дар ин бобат мавсуф менависад, ки “ҷойҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-ваҷоеъ» он ҷойҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки дунё ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард? Ва худро бо ин байти Бедил, ки ҳамон вақт забонзадаи ҳамаи аз дунё дилтангшудагон буд, тасаллӣ медодам:

Зиндагӣ дар гардан афтодаст, Бедил, чора чист?

Шод - бояд зистан, ношод – бояд зистан.

Аммо, вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-ваҷоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод» [23, с. 216].

Дар «Ёддоштҳо» аз китоби «Наводир-ул-ваҷоеъ» мисолҳо оварда, устод С. Айнӣ ҳар якеро шарҳ медиҳад ва ибораи “ин тасвири Аҳмади Дониш ба ман ончунон таъсир кард, ки»-ро хеле зиёд истифода бурда, баён медорад, ки китоби мазкур дар сарнавишти ӯ инқилоб намудааст. С. Айнӣ аз мутолиаи «Наводир-ул-ваҷоеъ» ба ваҷд омада, китоби мазкурро аз сабабҳои рӯоварии худ ба соданависӣ номидааст. Устод зимни баррасии ҳаёту рӯзгори хеш ба чунин хулоса меояд: “Оре, фикри соданависӣ ҳам дар ман баъд аз шинос шуданам ба «Наводир-ул-ваҷоеъ» пайдо шуд, чунки забони ин китоб ба хонандагони замони ҳозира хеле душвор намояд ҳам ва дар ҳақиқат хеле душвор ҳам ҳаст, дар он замонҳо, ки ман ба ин китоб ошно шудам, нисбат ба дигар китобҳо ва аз он чизҳо, ки иншонависони ҳамон замон менавиштанд, хеле осон буд» [23, с. 238].

С. Айнӣ на танҳо таваҷҷуҳи шахсии худро ба андешаҳои мутафаккир равона кардааст, балки аз аксар ҳамсабақону ҳамсолони худ ёдовар шавад, ки ба осори Аҳмади Дониш майл дошта, ба ӯ пайравӣ кардаанд. Аксар ҷавонон ва шарикдарсони С. Айнӣ дар зери таъсири афкори фалсафии

Аҳмади Дониш ба насрнависӣ иштиёқ пайдо намудаанд. Масалан, С. Айнӣ ҳаёту фаъолияти Ҳайратро баррасӣ намуда, ӯро ба ҳайси мусаҳҳеҳи «Наводир-ул-вақоеъ» ҳисобидааст, ки чун худи ӯ бино бар мутолиаи ин китоб аз он бетаъсир намондааст.

Афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш аз ҷониби Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ ва дигарон пайравону тарафдорон пайдо намуд ва бахше аз равшангарони ҷомеаро ба андеша кашид. Ҳам осор ва ҳам суҳбатҳои меҳмонхонагии Аҳмади Дониш барои минбаъд ба арсаи сиёсат ва адабиёт расидани насли ҷавони маорифпар сабаб гардиданд, ки бо номи ҷавонбухориён ва ё ҷадидон машҳур мебошанд.

С. Айнӣ ба сифати шахсияти иҷтимоӣ ва адабӣ маҳз таҳти таъсири афкору осор ва муҳити маънавие ба воя расид, ки Аҳмади Дониш бунёди онро гузошта буд. Аҳли таҳқиқ бар асоси эътирофи худи устод С. Айнӣ муайян кардаанд, ки ӯ аз Аҳмади Дониш аз чанд ҷиҳат таъсироти ҷиддӣ бардоштааст: аввалан, шиносоӣ ба «Наводир-ул-вақоеъ» назари ӯро ба ҳодиса ва воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дар аморат вуҷуддошта ба куллӣ тағийр дод, ӯ моҳияти он ҳама ақибмондагии иқтисодӣ ва маънавии ҷомеаро пай бурд ва чашмонаш, ба қавле, кушода шуданд. Ин тағийроти сиёсӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии минбаъдаи С. Айнӣ нақши муҳимме дошт, ӯ возеҳ фаҳмид, ки ин тарзи ҳокимият ва ҷабру зулм, мухолифат ва тундгароӣ ба ҳеҷ як аз меъёрҳои мазҳабӣ ва инсонӣ мувофиқ намебошанд ва аҳли олам кайҳо аз баҳри ин шакли худсаронаву худкомаи давлатдорӣ баромадаанд. Сониян, С. Айнӣ, ки дар ибтидои фаъолияти эҷодкорӣ буд (ӯ нахустин шеъраш «Гули сурх»-ро дар соли 1895 таҳти назар ва маслиҳати Ҳайрат таълиф кардааст, вале таҳриру мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» солҳои 1899-1900 иттифоқ афтодааст), ба хулосае расид, ки ба ҳодисаҳои зиндагӣ бояд мисли Аҳмади Дониш назар карду баҳо дод, яъне аз рӯйи дастури "ҳодисаҳоро он чунонки ҳастанд, дарк намудану қазоват кардан" амал намояд, ё худ дар тасвири ҳаёт

воқеъгаро бошад. Ниҳоят, дар дили С. Айнӣ орзуе ҷой гирифт, ки агар ба таълифу таҳрир ҷиддӣ сару кор гирифтан хоҳад, пас бояд мисли Аҳмади Дониш насрнавис шавад. Ба андешаи мо, ин натиҷагирӣ чи барои С. Айнӣ ва чи барои адабиёти тоҷик дар ибтидои асри XX, ки дар зери таъсири ҳодисаҳои нави дар ҷаҳон ба вуқуъпайваста аз равиши тоза кор гирифтан мехостанд, бисёр муҳим буд.

Аз зумраи муҳаққиқони дигари осори Аҳмади Дониш шарқшиноси рус Е. Э. Бертелс мебошад. Ӯ дастхатҳо ё дастнависҳои асарҳои мутааллиқ ба Аҳмади Донишро омӯхта, мавсуфро падари адабиёти навини тоҷик шумурдааст. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки бештари навиштаҷоти Аҳмади Дониш гум шудааст. Ин масъаларо у чунин шарҳ медиҳад: «Бар асоси гузоришҳои афроде, ки имкони ошноӣ бо Аҳмади Донишро доштанд, ин нависанда бисёр пуркор буд, ки аз ҳар фурсате барои гирифтани қаламу коғаз истифода мекард. Аммо бо ҳамаи инҳо, ӯ барои корҳояш арзиши каме қоил буд, онҳоро рӯйи коғазҳои порагардида менавишт ва пасон ба дӯстонаш ҳадя медод, ҳатто дастнависи онҳоро боқӣ намемонд. Пас аз марги ӯ, ки дар соли 1903 ба вуқуъ пайваст, ҳамаи ин коғазпораҳо пароканда монда ва тавассути касе ҷамъоварӣ нашуд ва дар натиҷа барои мо ба доми марг рафтанд» [35, с. 9-28].

Дар муаррифӣ ва дастрасии осори Аҳмади Дониш чандин нафар аз муҳаққиқони тоҷик низ нақши калидӣ бозидаанд, аммо дар ин бобат нақши Р. Ҳодизода ва адиби номдор Сотим Улуғзода бештар аст. Аввалӣ дар санаи 1976 таҳқиқоте интишор сохт, ки тарҷума ҳол ва мероси адабию илмии мутафаккирро дар бар мегирад. Мавсуф оид ба се мушкилоти асосӣ ҷиҳати омӯхтани эҷодиёти Аҳмади Дониш ибрози назар намудааст: «Проблемаи аввал муайян намудани тарҷумаи ҳоли то ҳадди имкон мукаммали Аҳмади Дониш буд. Ин масъала асосан баъд аз таълифи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ шуруъ шуд. С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» бисёр лаҳзаҳои зиндагии Аҳмади Донишро батафсил тасвир намуда, дар бораи хислатҳои шахсии ӯ низ хеле ҳикоятҳои ҷолиби таваҷҷуҳ оварда, барои хонандагон ва аҳли илму таҳқиқ

нишон дод, ки ҳамаи ин тафсилот барои фаҳмидан ва шарҳ додани афкор ва андешаҳои ин нависанда чӣ аҳаммияти бузурге дорад... Проблемаи дуюм таҳқиқ ва нашри осори илмию адабии Аҳмади Дониш буд. Дар натиҷаи таҳқиқот ва ковишҳои олимони мо, аз як тараф, асарҳои тозаи Аҳмади Дониш ба даст омад, аз тарафи дигар, нусхаҳои нави асарҳои маълуми ӯ, махсусан нусхаҳои тоза ва муътабари "Рисолаи таърихӣ" ва "Наводир-ул-вақоеъ" пайдо гардид... Проблемаи сеюм таҳқиқи афкори иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш, инчунин муайян намудани мақом ва таъсири адабии ӯ ба адабиёти он давр ва ибтидои асри XX буд» [111, с. 4].

Сотим Улуғзода бошад, соли 1946 китобе бо унвони «Аҳмади Дониш» интишор намуд, ки дар саҳифаи аввали он мақсади худро муаррифии осори мутафаккири маорифпарвар медонад. Муаллиф зимни муаррифӣ чунин менависад: «Мероси адабии Аҳмади Дониш ӯро ба мо ҳамчун маорифпарвари Бухорои нимаи дуюми асри XIX мешиносонад. Ин мероси адабӣ асосан иборат аз ду китоб аст: 1) «Наводир-ул-вақоеъ», 2) Рисола дар бораи аҳволи ҳукуматдорони амирони манғит. Ҳардуи ин асар ҳам ба наср навишта шудааст» [100, с. 6].

Дар баробари ҳамаи ин, масъалаҳое, ки Расул Ҳодизода ҷиҳати муаррифӣ ва омӯзиши афкори фалсафӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш пешниҳод кардааст, ҳанӯз дар замони шуравӣ ба ҳадди кофӣ ва қонеъкунанда арзёбӣ шудаанд, аммо таҳқиқи осор ва аҳволи Аҳмади Дониш дар замони шуравӣ ба талаботи муосири илм ҷавобгӯ нест. Масалан, баҳогузории ягона ба таълимоти мутафаккир вуҷуд надорад: яке ӯро равшанфикр мегӯяд, дигарӣ маорифпарвар, сеюмӣ бошад, мавсуфро поягузори наҳзати ҷадидия муаррифӣ мекунад. Файласуфони ватанӣ бошанд, барои якҷоя кардани маорифпарварии Аҳмади Дониш бо ҳаракати ҷавонбухориён иқдом кардаанд. Бино бар ин, тасмим гирифтем, ки дар фаслҳои минбаъдаи ин дисссертатсия тафовути афкор ва равиши фалсафии Аҳмади Донишро аз дигар афроди равшанфикри ҳамзамон бо ӯ ва пайравонаш бо унвони ҷадидия исбот намоем.

Дар умум, агар ба таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик назар кунем, чеҳраи Аҳмади Дониш ба ҳайси комилтарин файласуф ва донишманд муаррифӣ мегардад. Мавсуф бо дарназардошти таҳия ва тадвини афкори дунявӣ маъруфияти зиёд дорад ва ӯро аксар муҳаққиқон поягузори ҷараёни нави фалсафаи иҷтимоӣ дар минтақа донистаанд. Фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш барои баррасии фалсафаи фарҳанг ва дигар самтҳои фалсафаи постмодернизм (пасомодернизм) кумак мекунад, вале мо ин ганҷинаи камёфтро асосан чун таърихи фалсафа мавриди арзёбӣ қарор додем, зеро аксар вижагиҳои фалсафаи миллӣ омилҳои таърихӣ доранд. Бино бар ин, мо Аҳмади Донишро бо Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Абубакри Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Хоҷа Насируддини Тусӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ва дигар бузургони тоҷик дар як қатор гузошта, хидмати ӯро дар назди миллату давлат аз нигоҳи мусбат баҳогузорӣ мекунем.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки дар маҷмуъ, дар замони шуравӣ ҳам муаррифӣ ва ҳам таҳқиқи афкори мутафаккири маорифпарвар зиёд сурат гирифтааст. Академикҳои АМИТ А. Баҳоваддинов, Ғ. Ашуров ва М. Диноршоев андешаҳои ӯро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он чун ба «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» баҳогузорӣ намудаанд. Нависандагон ва адабиётшиносон С. Айнӣ, С. Улуғзода, Р. Ҳодизода, А. Мирзоев ва таърихшинос З. Раҷабов бо забонҳои русиву тоҷикӣ осори Аҳмади Донишро дар қиёс бо фаъолияти иртиҷоии ҷадидия пешқадам эълон намудаанд.

Тибқи пажуҳиши Ғ. Ашуров ва М. Диноршоев, фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш ду марҳиларо сипарӣ кардааст, ки яке аз дигаре фарқ дорад. Марҳилаи аввал ба солҳои 70-80-уми асри XIX иртибот дошта, он замон мутафаккир ҷиҳати ворид намудани ислоҳ дар низоми давлатдорӣ тадбирҳо ҷуста, сохти давлатии аморатро зери тозиёнаи танқид қарор дода буд. Дар марҳилаи дуюм, ки аз солҳои 90-уми асри XIX оғоз ёфт, афкори ислоҳотхоҳонаи мутафаккир ба андешаҳои инқилобӣ табдил мeёбанд

ва маҳз дар ҳамин марҳила мутафаккир ҳамчун яке аз ҷомеашиносони сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

Ба ақидаи мо, фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш сарманша аз афкори гузашта ва муосиронаш, чун андешаи ориёӣ оид ба тафаккури дунявӣ, майл ба дунявият дар фалсафаи Юнон ва баъзе унсурҳои фалсафаи ислом бо дарназардошти тарзи андешаронии Абурайҳони Берунӣ, Насируддини Тусӣ ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ гирифтааст. Маҳз ҳамин мутафаккирон буданд, ки фикри ориёиро дар муқобили фикри сомӣ ба ислом ворид карданд, вагарна имрӯз маслаки исломиён рангубори зоҳидӣ, раҳбониятро ба худ касб менамуд. Вобаста ба ин, дар ин таҳқиқот мо ду омили бегона ва боздошткунандаи дилхоҳ ҷомеа ва пешрафтро таҳқиқ намуда, яке аз онҳоро дар ривоҷи афкори сомӣ (ғайридунявӣ) ва дигарро дар истиқрори низоми мансуб ба Темучин баррасӣ намудаем.

Вобаста ба масъалаи мазкур бояд таъкид намуд, ки назарияи тамаддун дар фалсафаи постмодернизм ва густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир ба мо талқин менамояд, ки асоси ҳама гуна тамаддунҳои офаридашуда тамоюли динӣ маҳсуб мешавад, аммо дар илми фалсафа дин танҳо унсуре аз фарҳанги миллӣ шинохта шудааст. Ба ибораи дигар, агар дар фарҳанг дин мақоми хос надошта бошад, пас дар эҷоди тамаддунҳо чӣ нақше дорад? Дар ин замина тамаддунҳоро тибқи фарҳанг ва анъанаҳое бояд баррасӣ кард, ки хоси як миллати воҳид мебошанд. Аммо ҳар як халқ фарҳанги миллӣ дорад ва аз ин ҷо хулоса мебарояд, ки тамаддуни исломӣ хос ба миллатҳои муштарак нест ва чунонки Ибни Халдун дар «Муқаддима» мефармояд, араб ҷиҳати ҳукумат доштан ниёз ба аҳкоми динӣ дорад ва бо суистифода аз он муҳлати қудратдории хешро тулонитар месозад. Яъне, миллатҳои тамаддунофарро чун тоҷикон бо қавмҳои бадавӣ дар як мизон санҷидан пояи илмӣ надошта, ба ҳақиқат мухолифат мекунад. Тибқи ин назария, ориёитаборони дунё, аз ҷумла тоҷику форсро бояд бидуни маҳдудиятҳои динӣ таҳқиқ кунем ва ин суханон ба муҳтавои асарҳои Аҳмади Дониш бевосита тааллуқ доранд.

Дар баробари ин, чунонки дар муқаддимаи кор низ ишора рафт, дар даврони соҳибистиқлолӣ масъалаҳои мубрами маорифпарварӣ дар осори Аҳмади Дониш, рабти ӯ бо ҷадидия, озодфикрии мутафаккир, консепсияи ислоҳотхоҳии ӯ, ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва даҳҳо масъалаҳои дигари бо ҳаёт, фаъолият ва таълимоти мутафаккир иртиботдошта мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин амал аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик Ғ.А. Ашуров, А. Турсун, Н. Зокиров, Б. Ҷ. Самиев, Н. Ҳотамов ва дигарон сурат гирифтааст. Аммо мутаассифона, дар таҳқиқоте, ки дар ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ сурат гирифтаанд, бо таъсири муҳит ба фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш муҳри «ислоҳталабии динӣ» зада шудааст, ки ин иштибоҳро дар фаслҳои баъдии диссертатсия мо рад кардаем. Зеро Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама, созмондеҳи муҳити милливу маънавиест, ки қаблан дар таърих арзи ҳастӣ накардааст ва он чи бар тоҷики онзамонӣ талқин менамуданд, фақат аз ривояту хаёлпардозиҳои бардурӯғи ғайримиллӣ иборат буд. Бино бар ин, мақоми Аҳмади Дониш дар густариши ҳувияти миллии тоҷикон дар баробари корномаи Ҳаким Фирдавсии Тусӣ қарор дорад.

Хулоса, далелҳои тарҷумаиҳолии Аҳмади Дониш муътамад буда, ҳаёт ва фаъолияти ӯро воқеъбинона равшан месозанд. Осори мутафаккир тақрибан дар шакли комил то ба мо расида, аксари онҳо, ки фалсафаи иҷтимоии маорифпаваронаи ӯро фаро мегиранд, дар замони муосир ба нашр расида ва қисман таҳқиқ шудаанд. Дар замони шуравӣ файласуфони тоҷик афкори фалсафии Аҳмади Донишро баҳогузорӣ карда, онро бо унвони «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» муаррифӣ намудаанд. Ин баҳогузорӣ гувоҳӣ медиҳад, ки афкори фалсафии Аҳмади Дониш оғози марҳилаи нав дар таърихи фалсафаи миллӣ мебошад. Аммо дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе олимон фалсафаи динро ба афкори сиёсӣ-иҷтимоии мутафаккири маорифпарвар пайванд карда, таълимоташро “ислоҳотхоҳии динӣ” номгузорӣ кардаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад.

## 1.2 Ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро

Таърихи кишварҳои исломӣ собит месозад, ки илм дар ин минтақа аз миёнаи асрҳои VIII то миёнаҳои асри XIII яке аз рушдёфтатарин дар олам ба ҳисоб мерафт ва он ба рушди кулли инсоният, махсусан барои Эҳёи Аврупо мусоидат кардааст. Аммо, мутаассифона, баъд аз ин ва бо ташкили хилофати туркони усмонӣ Шарқи исломӣ ба гирдоби таассубу хурофот ва ҳатто ҷаҳолат ғӯтавар гардида, тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии он ба рукуд дучор гаштанд. Чунин вазъ дар аморати Бухоро низ ба мушоҳида мерасид. Хушбахтона, дар асри XIX ҳаракате дар Осиёи Миёна пайдо шуд, ки намояндагони он тавонистанд қадамҳои нахустинро ба сӯйи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоию фарҳангии минтақа гузоранд. Ин ҳаракати маорифпарварӣ буд, ки дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии кишварҳои аврупоӣ ва хусусан, Русия зуҳур намуд.

Истилоҳи “маорифпарварӣ” (бо забони англисӣ: enlightenment; бо забони русӣ: “просветительство”)-ин як ҳаракати зеҳнӣ ва фарҳангиеро дар асри XVII-XVIII ифода мекунад, ки Аврупоро фаро гирифта, натиҷаи мунташир кардани ормонҳо ва донишҳои муосир буд ва ҳадафҳои муфиди амалӣ дошт ва аз ин рӯ, ба таърихи кулли инсоният таъсири амиқ гузошт. Маорифпарварон, ки аз ғояҳои ақлонӣ-ратсионалӣ, илм ва пешрафти техника ва технология илҳом гирифта буданд, кӯшиш мекарданд, ки инсониятро аз зулму ҷаҳолат, таассубу истибдод озод созанд. Ҳаракати маорифпарварӣ дар Аврупо ба якчанд принсипҳои асосӣ такя мекард:

- эътиқод ба неруи ақлонии инсон, ки дар маърифат ақл василаи асосии дарки ҷаҳон ва воситаи беҳбуди зиндагии инсон дониста шуда, тафаккури илмӣ-интиқодӣ, усулҳои илмӣ ва озодии сухан тарғиб карда мешуд;

- гуманизм (инсондӯстӣ) ва болобарии мақоми инсон, яъне маорифпарварон шахс ва ҳуқуқи ӯро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода,

озодии шахс, баробарии ҳамаи одамон дар назди қонун ва ҳуқуқ доштани ӯро ба таълим ҳимоя мекарданд;

- таъмини пешрафти илмию техникӣ ва ислоҳот, ки маҳз онҳо имкони беҳбуди ҷомеаро тавассути ислоҳоти оқилона фароҳам меоваранд ва ба воситаи навсозии идоракунии давлатӣ рушди иқтисодиёт ва маориф таъмин мегардад.

Тавре муҳаққиқи русзабон Сабирова Р.Г. одилона таъкид намудааст, ҳаракати маорифпарварӣ дар кишварҳои Аврупо ҳам аҳаммияти назарӣ ва ҳам амалӣ дошт: «Ин дигаргуниҳо ба зарурати эҷоди "фалсафаи амалӣ" оварда расонданд, ки ба инсоният кумак мекунад, то хуҷаини табиат шавад ва онро ба хидматгори одамон табдил диҳад. Аммо барои дигаргунсозии сохтори ҷомеа ва табиат донишҳои амиқи сотсиологӣ зарур буданд, ки дар бораи ин аксари олимони файласуфи асри XVIII дар асарҳои худ навиштаанд. Маҳз барои чунин сиёсат, ки ба рушди умумии ақлонӣ равона гардида буд, асри XVIII асри маорифпарварӣ номида шудаст» [128, с. 364-365]. Вобаста ба ин бояд таъкид намуд, ки Аҳмади Дониш низ маҳз бо истифода аз фалсафаи иҷтимоӣ ақидаҳои маорифпарваронаи худро пешниҳод намудааст.

Дар асрҳои XVII-XVIII дар Аврупо мутафаккирон кӯшиш мекарданд, ки ҷомеаро аз догмаҳо ва таассубҳои динӣ озод кунанд, принсипҳои озодӣ, баробарӣ ва таҳаммулпазириро ҳукмфармо созанд. Ба ин мутафаккирон файласуфҳо Ҷон Локк, Франсуа Волтер, Шарл Луи Монтескйе, Иммануил Кант ва ғайра, адибон Даниэл Дефо, Жан-Жак Руссо ва дигарон дохил мешуданд. Аммо, азбаски ҳар як ҳаракати зеҳнӣ зиддиятҳои худро низ дорад, баъзе нафарон ин мутафаккирони маорифпарварро ба он айбдор мекарданд, ки онҳо аз ҳадаш зиёд ақлпараст, ратсионалист ҳастанд ва нисбат ба эҳсосоту маънавиёти инсон беэътиноӣ мекунанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, саҳми маорифпарварони мазкур дар рушди тамаддуни Аврупо инкорнопазир аст.

Аз ҷумлаи асосгузорони маорифпарварии аврупоӣ Ҷон Локк (1632-1704) маҳсуб мешавад. Ӯ файласуфи бузурги англис буда, ба рушди афкори

маорифпарварӣ таъсири амиқ гузоштааст. Ғояҳои ӯ дар бораи ҳуқуқҳои табиии инсон, шартномаи ҷамъиятӣ ва ҳукумати дар тасмигириҳо маҳдуд ҷавҳари асосии идеологияи навро ташкил дода, ба ҳаракатҳои инқилобӣ дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон илҳоми тоза бахшиданд.

Ҷон Локк дар асари худ «Ду рисола оид ба ҳукмронӣ» назарияи шартномаи ҷамъиятиро асоснок кардааст, ки тибқи он одамон барои таъмини амният ва ҳифзи ҳуқуқҳои худ ихтиёран як қисми озодии худро ба ихтиёри давлат медиҳанд. Аз ин рӯ давлат натиҷаи мувофиқа байни мардум аст ва қудрати давлат бо созишномаҳо маҳдуд карда мешавад: “Локк мавҷудияти се шохаи ҳокимиятро муайян кард: қонунгузорӣ, иҷроия ва федеративӣ, ки масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, инчунин муносибатҳо бо кишварҳои хориҷиро идора мекунад. Дар айни замон, ӯ махсус таъкид кардааст, ки гарчанде ки ҳокимияти қонунгузорӣ бартарӣ дорад ва ҳамаи дигарон ба он итоат мекунанд, он табиатан танҳо як ҳокимияти бо бовариномa коркунанда аст, зеро ҳокимияти олӣ дар дасти мардум боқӣ мемонад, ки ҳангоми дарк кардани он, ки ҳокимияти қонунгузорӣ бар хилофи бовариномаи ба он додашуда амал мекунад, метавонад мақоми қонунгузорро аз байн барад ва иваз кунад. Файласуфи англис дар мавриди ҳимояи манфиатҳои олии мардум ба ҳокимияти иҷроия ва қонунгузории давлат ҳеҷ гуна эътиқод надошт, аз ин рӯ, ӯ ошкоро ҳуқуқи мардумро ба шӯриш, мубориза бар зидди ноадолатӣ ва зулм эълон кард» [135, с. 69]. Ин андешаҳои Ҷ. Локк ба мо имкон медиҳанд, ки ақидаҳои Аҳмади Донишро бо онҳо муқоиса карда, талошҳои ислоҳотхоҳонаи мутафаккирро дар заминаи мустаҳками илмӣ арзёбӣ намоем, зеро ӯ низ дар аморати Бухоро тарафдори таъсиси шурои машваратӣ буд.

Ҷ. Локк тарафдори тақсимоти неруҳои давлатӣ (ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва федеративӣ) буд ва чунин меҳисобид, ки тамаркузи ҳокимият дар як даст ногузир боиси зулму истибдод мегардад. Андешаҳои мутафаккир дар бораи озодии баён, таҳаммулпазирии динӣ ва ҳукумати дар тасмимгириҳо маҳдуд ба аксарияти мутафаккирони маорифпарвари асри XVIII, аз қабили

Волтер, Монтескйе ва Руссо таъсир расонида, ҳамчун асос барои Эъломияи истиқлоли Амрико ва Инқилоби Фаронса хизмат кардаанд.

Идеяҳои маорифпарваронаи Франсуа Волтер (1694-1778), ки яке аз бузургтарин донишмандони Фаронса аст, ба ин ҳаракат руҳи тозае бахшидаанд. Ӯ дар соҳаҳои фалсафа, адабиёт ва танқиди вазъи иҷтимоӣ осори гаронбаҳо офаридааст. Ғояҳои асоси ӯ чунин буданд: ҳуқуқи инсон ба озодии сухан ва баён кардани ҳама гуна андешаву ақидаҳои худ ва танқиди таассуби динӣ. Ф. Волтер бар зидди догматизм ва фанатизми динӣ баромад карда, аҳаммияти баррасиҳои ақлонӣ, растионалиро таъкид мекард, таҳаммулпазирӣ байни динҳои гуногунро тарғиб менамуд ва дар асарҳояш риёкорӣ ва нодаркор будани муассисаҳои диниро зикр кардааст. Мутафаккир ҷонибдори ратсионализм ва усули илмӣ буда, донишро бо такя ба ақл ва таҷриба эътироф мекард, на тавассути боварии кӯр-кӯрона. Дар осораш ӯ ҳамчун тарғибгари адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа баромад мекунад. Ф. Волтер боварии комил дошт, ки танҳо маориф калиди пешрафт ва беҳбуди ҷомеа мебошад ва аҳаммияти таълимро ҳамчун воситаи мубориза бо ҷаҳолат ва хурофот таъкид мекунад. Ӯ ҳокимиятдоронро ба ислоҳот дар соҳаи маориф даъват карда, таъмини дастрасии тамоми қишрҳои аҳолиро ба дониш тарғиб намудааст. Ф. Волтер ба ҳокимияти мутлақи монархҳо зид баромада, аз ғояи ҳокимияти дар тасмимгириҳо маҳдуд дифоъ кардааст.

Дар маҷмуъ, Ф. Волтер, чунонки муҳаққиқони муосир воқеъбинона таъкид кардаанд, "дар рушди ҳаракати маорифпарварӣ на танҳо ҳамчун файласуф, балки ҳамчун драматург ва шоир низ саҳм гузоштааст. Ғояҳои гуногунҷанбаи ӯ дар соҳаи мушкилоти сотсиогуманитаристӣ ба ӯ имкон медиҳанд, ки яке аз асосгузорони ин ҳаракат дар Фаронса ҳисобида шавад. Вазифаи асосие, ки Волтер дар пеши худ гузошта буд, маърифатноккунии маънавии ҷомеа бо такя ба таҳсилот ва мабдаъҳои ақлонӣ буд... Аз Волтер сар карда, як гардиши қатъӣ дар равшан кардани мушкилоти зиёди ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз меёбад. Сухан пеш аз ҳама дар бораи амалисозии арзишҳои озодӣ, инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун роҳнамои калидии системаи

танзими иҷтимоӣ ва назорат меравад» [122, с. 9]. Тавре мушоҳида мегардад, баъзе андешаҳои болозикри Ф. Волтер дар таълимоти Аҳмади Дониш низ ба мушоҳида мерасанд (хусусан ислоҳоти маориф), ки метавонанд барои возеҳ сохтани паҳлуҳои муҳимми фалсафаи иҷтимоии мутафаккир хизмат намоянд.

Ғояҳои Ф. Волтерро файласуф ва нависандаи дигари фаронсавии асри XVIII Шарл Луи Монтескйе (1689-1755) идома додааст. Ӯ дар баробари тақсими ҳокимият ба шохаҳо, таъмини озодӣ ва баробарии ҳама шаҳрвандон ва танқиди абсолютизм, яъне ҳокимияти мутлақи монархҳо, дар бораи нисбияти қонунҳо сухан гуфтааст, ба ибораи дигар, ба шароити ҳаёти ҷомеа, фарҳанг, иқлим ва шароити таърихии ҷомеа мувофиқ кунонидани қонунҳо вазифаи давлат мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки қонунҳои куллӣ, универсалӣ вуҷуд надоранд ва ҳар кишвар бояд меъёрҳои ҳуқуқии худро таҳия кунад. Мутафаккир даъват мекард, ки иштироки тамоми шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ таъмин карда шавад.

Аз ҷониби Ш.Л. Монтескйе лоиҳаи давлати озод пешниҳод шуда буд, ки муҳимтарин аломату нишонаҳои онро муҳаққиқони муосир ба таври амиқ чунин арзёбӣ намудаанд: "Асосҳои назариявӣ-методологии таълимоти Монтескйе дар бораи давлат бо мавқеи фалсафӣ-ҷаҳонбинии ӯ зич алоқаманд буданд. Дар масъалаи пайдоиши ҳокимияти давлатӣ, Монтескйе ҳамчун ҷонибдори назарияи шартномаи ҷамъиятӣ кӯшиш кардааст, ки дар айни замон пайдоиши ҳокимиятро дар доираи раванди таърихии ҷаҳонӣ баррасӣ кунад. Ӯ яке аз он мутафаккирони даврони маорифпарварӣ аст, ки аллакай то андозае байни мафҳумҳои ҷомеа ва давлат фарқ гузоштаанд. Монтескйе давлатро ҳамчун категорияи институтсионалӣ муаррифӣ мекард, ки аз муносибатҳои сиёсӣ ва шартномавӣ дар заминаи ҳуқуқи табиӣ бармеояд. Дар баробари ин, мутафаккири фаронсавӣ падидаи ҳокимияти давлатиро на ҳамчун як навъ абстраксия, балки ҳамчун асоси зарурии системаи идоракунӣ, ки аз созишномаи ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада ва бо омилҳои обйективии рушди иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, баррасӣ мекард» [127, с. 28].

Яке аз файласуфони бузурги даврони маорифпарварӣ донишманди олмонӣ Иммануил Кант (1724-1804) мебошад. Ӯ аҳаммияти тафаккури интиқодӣ ва таҳлили мустақилро таъкид карда, мардумро даъват мекард, ки ақли худро барои расидан ба ҳақиқат истифода намоянд ва дар ин кор ба шахсони бонуфуз такя накунанд. Мутафаккир дар яке аз асарҳояш маорифпарвариро ҳамчун роҳи раҳоӣ аз ноболиғӣ - ҷаҳолат, раванди берун шудани инсон аз ҳолати ҷоҳилӣ, ки бо айби худаш ба он ғӯтавар шудааст, муайян мекунад: “Маорифпарварӣ ин баромади шахс аз ҳолати ноболиғӣ аст, ки дар он ӯ бо айби худ қарор дорад. Ноболиғӣ бошад, нотавонии шахс дар истифодаи ақли худ бидуни роҳнамоии ягон каси дигар аст. Ноболиғӣ бо айби худ чунин аст, ки сабаби он на дар набудани ақл, балки дар набудани қатъият ва далерӣ барои истифодаи ақл бидуни роҳнамоии ягон каси дигар аст. Sapere aude! – Далерона аз ақли худ истифода баред! Аз ин рӯ, маҳз ҳамин шиори маорифпарварӣ гаштааст» [117, с. 127]. Ба андешаи мо, чунин ақидаҳои И. Кант, ки асоси онҳоро ақлгароӣ ташкил медиҳад, имкон медиҳанд, ки мақоми ақл дар андешаҳои иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ба таври амиқтар арзёбӣ карда шавад.

Даниэл Дефо (1660-1731), нависанда ва публитсисти асри XVIII низ дар рушди афкори маорифпарварона нақши муҳим дорад. Мисоли барҷастаи ғояҳои маорифпарваронаи Д. Дефо романи машҳури ӯ "Робинзон Крузо" аст. Дар ин роман зинда мондани одам дар ҷазираи холӣ ташбеҳи мубоиризаи шахс барои озодӣ ва худшиносӣ мебошад, зеро Робинзон маҳз бо истифода аз ақлу заковат ва меҳнатдӯстиаш тамоми душвориҳоро пушти сар карда, дар танҳоӣ як тамаддуни хоса меофарад.  Дар ин мавзуъ муҳаққиқи русзабон Сеттарова М. Д. одилона менависад: «Мо қайд мекунем, ки маорифпарвар Дефо дар асари худ ҳамаро ба суди Ақл даъват кардааст. Қаҳрамони асосии асар таҷассумгари “одами табиӣ” мебошад. Робинзон он вақтеро орзу мекунад, ки давлати абадии Озодӣ, Баробарӣ, Бародарӣ, Ҳамоҳангӣ дар ҳаёти одамон фаро мерасад. Ва ҳамаи оне, ки ақлонӣ будани мавҷудияти худро исбот карда наметавонад, бояд нобуд шавад» [142].

Даниэл Дефо инчунин масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва нақши давлатро дар ҳаёти ҷамъият ҳаллу фасл намуда, тарафдори тиҷорату савдои озод буд ва рушди саноат ва маорифро ҳамчун калиди шукуфоии ҳар як миллат мешумурд. Ӯ ҳамчун нависанда ва ходими фаъоли ҷамъиятӣ дар рисолаю мақолаҳояаш камбудиҳои иҷтимоиро дар кишвараш зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Дар асоси муқоисаи ин навъи фаъолияти Д. Дефо метавон баъзе шабоҳатҳоро бо ҳаёту фаъолияти илмии Аҳмади Дониш ва маорифпарварони дигари тоҷик мушоҳида намуд, зеро онҳо низ ислоҳоти худро аз танқиди ҳаёти иҷтимоии аморати Бухоро шуруъ кардаанд.

Донишманди фаронсавӣ Жан-Жак Руссо (1712-1778) яке аз барҷастатарин намояндагони ҳаракати маорипарварӣ буда, ақидаҳои ӯ, ки бар ақлгаройӣ ва тарғиби накукории инсон асос ёфтаанд, на танҳо дар рушди тамаддуни Ғарб, балки минтақаҳои дигари олам низ таъсири амиқ гузоштаанд. Мавзуи асосии таълимоти Ж.Ж. Руссо танқиди ҷомеаи муосири ӯ мебошад, ки мутафаккир онро фасодзада (ғарқи коррупсия) ва ғайриодилона медонист. Ж.Ж. Руссо дар осори худ қайд мекунад, ки одамон бо ҳам озоду баробар ба дунё меоянд, аммо бо гузашти вақт ҷомеа бо бунёди моликияти хусусӣ ва зинаҳо дар низоми иҷтимоиаш нобаробарӣ ва зулмро нисбат ба инсон ба вуҷуд меоварад. Мутафаккир дар консепсияи худ оид ба давлати ормонӣ таъкид мекунад, ки қудрати ҳокимиятдорӣ бояд дар дасти халқ бошад ва давлатро он бо намояндагони интихобшудааш идора намояд. Ба ақидаи ӯ, халқ бояд соҳибихтиёр бошад ва ба муқобили зулм мубориза барад. Ж.Ж. Руссо демократияи мустақимро тарғиб мекунад, ки дар он ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи овоздиҳӣ дорад.

Дар давлати ормонии Ж.Ж. Руссо зулм вуҷуд надошта, дар он ақл ҳукмфармо аст: “Ж.Ж. Руссо ба давлати деспотӣ - "давлати зӯроварӣ" "давлати Ақл"-ро, ки аз рӯйи принсипҳои ҳуқуқи прогрессивӣ ва қонуни ҳамзиштии шаҳрвандӣ сохта шудааст, муқобил мегузорад. Бо қабули шартҳои созишномаи ҷамъиятӣ, одамон, ба андешаи маорифпарвар, ҳуқуқ ва амволи худро ба идоракуни олии иродаи умумӣ вобаста ба манфиати худ

месупоранд. Ягона ифодагари иродаи умумӣ – халқ, баранда ва идоракунандаи ваколатдори ҳокимияти олӣ-давлат мебошад. Ҳокимияти давлатии Руссо марзҳои муайян надорад, зеро дар давраи соҳибихтиёрии мутлақи халқӣ дуршавии ниҳоӣ аз давлати анъанавӣ ба давлати навъи нав, ки ба асоси назарияи табиӣ-ҳуқуқӣ асос ёфтааст, ба амал меояд" [126, с. 23-32].

Дар Русия низ ҳаракати маорифпарварӣ хеле барвақт оғоз гардида буд, ки ба монанди дигар кишварҳои Аврупо ба тағйироти назарраси зеҳнӣ ва иҷтимоӣ расонид. Аз ҷумла, дар даврони Екатеринаи II сиёсати "абсолютизми маърифатӣ" пеш гирифта шуда, илм ва санъат таҳти ҳимояи давлат қарор доштанд, мутахассисони хориҷӣ ба кишвар даъват мешуданд ва навсозии ҷомеа сурат мегирифт. Маорифпарварони рус, ба монанди М. Ломоносов (1711-1765), Д. Фонвизин (1745-1792), Н. Новиков (1744-1818) ва дигарон кӯшиш карданд, ки ғояҳои пешрафтаи аврупоиро ба Русия ворид кунанд ва онҳоро ба воқеияти иҷтимоии кишварашон мутобиқ созанд. Вобаста ба масъалаи маорифпарварӣ дар Русия, мо андешаи муҳақиқ Батуева А.С.-ро дастгирӣ мекунем, ки қайд кардааст: "Мо бояд иқрор шавем, ки маорифпарварии русӣ дар марҳилаи ибтидоӣ, дар ҳақиқат, аз бисёр ҷиҳатҳо тақлидкунанда буд, аммо пас аз ба камол расидан, он дар таърихи фарҳанг ба падидаи хосе табдил ёфт» [120, с. 7].

Ба ақидаи мо, маорифпарварӣ дар кишварҳои ғарбӣ ва Русия хусусиятҳои худро дошта, бо тарзҳои гуногун зуҳур намудааст. Ҳам дар маорифпарварии Англия дар асри XVII-XVIII, ҳам дар ҳаракати маорифпарварии асри XVIII дар Фаронса ва Русия андешаи пешқадам аз воситаҳои муҳимтарини тарғиб ва интишори афкори ин ҷараён буд. Фақат фарқ дар он буд, ки дар яке аз ин мамлакатҳо фалсафаи маорифпарварӣ ба тарзи мустақил (масалан, дар Англия), дар баъзе мамлакатҳои дигар фалсафаю афкори иҷтимоӣ-сиёсии маорифпарварӣ дар эҷодиёти нависандагон бо равияи фалсафии умумӣ якҷоя зоҳир мегашт (масалан, Фаронса ва Русия). Инро мо дар асарҳои фалсафии Д. Дидро (1713-1784), Ж.Ж. Руссо ва А.Н. Радишев (1749-1802) хеле равшан мебинем.

Дар осори ин нависандагон ва арбобони барҷастаи ҳаракати маорифпарварӣ афкори фалсафию иҷтимоӣ ба воситаи нақшҳо, образҳо тасвир ёфтааст. Аз тарафи дигар, дар таълифоти онҳо муҳокимаҳо, ақида ва андешаҳои амиқи фалсафӣ мавқеи намоёне доштанд. Дар мамлакатҳои Ғарб ва Русия ҳаракати маорифпарварӣ зери шиори мубориза бар зидди истибдоди кухна ва ақидаҳои динӣ ҷараён дошт. Ҳадафи танқиди тезутунди маорифпарварон ва нависандагони маорифпарвари ин мамлакатҳо, пеш аз ҳама, схоластикаи динӣ, тарзу усулҳои идеалистӣ (дар маърифати табиат), ҳукмфармоии номаҳдуди динӣ дар мазҳабҳои масеҳӣ буд. Дар Фаронса бошад, ҳаракати маорифпарварӣ дар зери шиори муборизаи материалистони он давр ба муқобили идеализм (боз ҳам дар соҳаи маърифати табиат) ҷараён дошт. Ба ҳамин тариқ, тамоми афкори фалсафию сиёсӣ дар ин даврон на ба масъалаҳои муҷарради динӣ, балки бевосита ба ҳалли масъалаҳои ҳаёти воқеӣ, ки рушди низоми сармоядорӣ ва пешрафти саноат дар ҳаёти кишварҳои Ғарб табаддулоти бузурге ба вуҷуд овард, нигаронида шуда буданд.

Таҳти таъсири маорифпарварии Аврупо дар кишварҳои Шарқ низ дар асри XIX ин ҳаракат паҳн гардид, ки хусусиятҳои худро дошт. Кишварҳои шарқӣ дар асрҳои XVIII-XIX дар чорсӯйи таърих қарор гирифта, бо мушкилоти навсозӣ ва ҳифзи анъанаҳои фарҳангии худ рӯ ба рӯ шуданд. Маорифпарварии аврупоӣ бо таваҷҷуҳи худ бо ратсионализм, пешрафти илмӣ ва озодиҳои фардии шахс ба ин кишварҳо таъсири амиқ гузошт. Масалан, ба Хитой ғояҳои маорифпарварии ғарбӣ тавассути фаъолияти миссионерии масеҳиён ва робитаҳо бо тоҷирони ғарбӣ ворид шуданд. Аз нигоҳи муҳаққиқони муосир маорифпарварон дар муҳлати начандон тулонӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гардида буданд: “Дар солҳои 1898-1913 дар Хитой давраи пуршиддати ислоҳот, инқилоби синхайӣ ва эълони ҷумҳурӣ буд. Дар ин замон аксари намояндагони зиёии хитоӣ, ки аз ғояҳо ва идеалҳои маорифпарварии аврупоӣ илҳом гирифта буданд, ба илми ғарбии муосир муроҷиат намуданд. Дар он давра элитаи зеҳнии хитоӣ консепсияҳои

анъанавии динӣ ва масеҳиятро танқид карданд ва ин ғояҳо алахусус дар байни тарафдорони ҳаракати "барои фарҳанги нав" паҳн шуда буданд” [143]. Аз ин рӯ, императори ин кишвар бо истифода аз таҷрибаи ғарбӣ як қатор ислоҳотро гузаронид, ки қабл аз ҳама, ба навсозии артиш ва иқтисодиёт дахл доштанд. Аммо мардуми Шарқ, ки одатан консервативӣ ҳастанд, ба навгониҳо ҳама вақт бо шакку шубҳа менигаристанд. Дар Хитой низ неруҳои пурқудрати консервативӣ ба ин тағйирот дар ҷомеа муқовимат карда, онҳоро таҳдид ба арзишҳои анъанавии худ мешумориданд.

Дар Ҷопон низ вазъ ба ҳамин монанд буд, аммо пас аз як давраи дар инзиво, (изолятсия) аз Ғарб қарор гирифтан, кишвар ба кулли ҷаҳон кушода шуд ва зуд ба навсозии ҷомеа шуруъ кард. Императори ин кишвар ислоҳоти куллӣ гузаронида, системаи феодалиро дар ҷомеа бекор кард ва технологияҳои муосирро ҷорӣ намуд. Ин ислоҳот махсусан дар давраи Мэйдзи (солҳои 1868-1877) пурмаҳсул буд: “Маорифпарварӣ дар Ҷопон таҳти шиори "пайвастшавӣ ба тамаддун" мегузашт ва шакли аврупоикунонии кишварро гирифт. Аммо ин, албатта, маънои саҷдаи кӯр-кӯронаро дар назди Ғарб надошт, балки танҳо натиҷаи зарурат ба таъсиси фарҳанги ҳақиқии сармоядорӣ буд. Барои Ҷопон дар даврони Мэйдзи Аврупои сармоядорӣ ҳамчун идеале буд, ки ҷопониҳо бояд ба он мерасиданд. Ин маҳз ҳамон чизе буд, ки бешубҳа, тақозо карда мешуд, зеро гузариш аз феодализм ба капитализм як раванди қонунӣ дар марҳилаи муайяни таърихи инсоният аст, илова бар ин, ин роҳи Ҷопон ба сӯйи истиқлолияти миллӣ буд, на ба тобеияти мустамликавӣ» [141].

Дар кишварҳои исломӣ низ маорифпарварӣ бо сабабу омилҳои гуногун ба таври густурда паҳн шуда, онро бо тарзҳои гуногун тафсир намудаанд. Дар Афғонистон маорифпарваронро бо истилоҳи “равшанфикр” муаррифӣ мекарданд. Шакли дигари ифодаи ҷараёни маорифпарварона дар Шарқ “маърифатхоҳӣ” мебошад.

Аз кишварҳои исломӣ ҳаракати маорифпарварӣ пеш аз дигар минтақаҳо дар Империяи Усмонӣ паҳн гардид. Дар ин кишвар ғояҳои

маорифпарварӣ тавассути элитаи зеҳние, ки барои навсозии давлат ва ҷомеа талош мекард, ворид шуданд. Аммо, муқовимати доираҳои динии консервативӣ ва набудани роҳбарияти ягонаи марказӣ ислоҳотро мунтазам бозмедошт: «Марҳилаи муҳим дар рушди маорифпарварӣ дар Туркия соли 1846 буд. Аз оғози гузаронидани ислоҳот бо номи танзимот дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, маъмурӣ, судӣ ва ҳарбӣ ниёз ба одамони таҳсилотдошта эҳсос мешуд. Табиист, ки ин талабот аз ҳисоби муассисаҳои таълимии махсуси дунявӣ (асосан ҳарбӣ) қонеъ карда намешуд. Дар соли 1846 дар мактабҳо инчунин асосҳои саводнокӣ ва арифметикаро таълим медоданд, аммо онҳо ҳамчун мактабҳои примитивӣ (содалавҳона) боқӣ монданд» [124, с. 138].

Қобили зикр аст, ки маорифпарварӣ дар Шарқи мусулмонӣ нусхабардории комили аврупоиён набуда, зимни он ғояҳои маорифпарваронаро ба шароити маҳаллӣ мутобиқ мекарданд, онҳоро бо арзишҳо ва анъанаҳои фарҳангии миллӣ ва динии худ созгор менамуданд. Аз ин рӯ, аз хусусиятҳои маорифпарварӣ дар ин кишварҳо-ин бартараф сохтани мураккабиҳо ва таҳти таъсири ғояҳои ғарбӣ интихоб намудани роҳҳои беназири рушд, ки ба фарҳанги миллӣ хос аст, ба шумор меравайд. Ин хусусиятҳо ба ташаккул ва рушди маорифпарварӣ дар аморати Бухоро низ хос буданд.

Дар Шарқи исломӣ маорифпарвариро асосан бо номҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ (1838/1839 - 1897), Муҳаммад Абду ё Абдо (1849-1905) ва Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) рабт медиҳанд. Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, ки аслан аз Афғонистон аст, дар кишварҳои зиёди мусулмонию аврупоӣ зиста, бо даъватҳояш оид ба ислоҳоти дини ислом ва бедор кардани олами исломӣ маъруф аст. Ӯ зулм, истидодро танқид карда, таъсиси давлатҳои исломиро бо сохтори конститутсионӣ тарғиб мекард. Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, инчунин, яке аз асосгузорони сотсиализми исломӣ шумурда мешавад, ки ба ғояҳои он муқаррароти исломиро, ба монанди закот (ё андоз) ва манъи рибоъ (ё фоиздиҳӣ) илова кардааст.

Тавре муҳаққиқон барҳақ таъкид доштаанд, “Мутафаккири намоёни Шарқ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ намояндаи афкори сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, публитсист, рӯзноманигори ҷаҳони исломӣ, асосгузори як қатор нашрияҳо на танҳо дар кишварҳои мусулмонӣ, балки дар Аврупои Ғарбӣ буд. Мақсади асосии ӯ чунин буд: таблиғи ягонагии ҷаҳони исломӣ, мубориза бар зидди мустамликадорӣ, рушди маорифпарварӣ ва мактаб дар кишварҳои исломӣ, ободонии низоми сиёсӣ ва ҳаёти ҷамъиятии ин кишварҳо ба монанди Ғарб» [121, с. 111-116].

Ба андешаи мо, ақидаҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ асосан пешқадам бошанд ҳам, дар фаъолияти сиёсии ӯ як камбудии бузург ба назар мерасад. Ин мутафаккирро яке аз асосгузорони панисломизм ҳисобем ҳам, иштибоҳ нахоҳад буд, зеро ӯ муттаҳид кардани мусулмононро дар мубориза бар зидди қудратҳои аврупоӣ тавассути таъсиси конфедератсияи давлатҳои мусулмонӣ бо халифа ва сарварии он зарур мешуморид. Ҳамаи ин маънии бозгашт ба қафо, ба ибтидои асрҳои миёнаро дошт.

Муҳаммад Абду (1849-1905), мутафаккири барҷастаи мисрӣ ва ислоҳотчӣ, яке аз маорифпарварон дар таърихи ислом аст, ки ақидаҳояш ба ратсионализм ва тафаккури танқидӣ такя мекарданд. Дар асарҳои худ Муҳаммад Абду зарурати аз нав тафсир кардани догмаҳои исломиро дар заминаи дастовардҳои илми муосир таблиғ мекард. Ӯ ба омӯзиши илм ва фарҳанги ғарбӣ даъват карда, боварӣ дошт, ки танҳо таҷзияи (синтези) ҳикмати шарқӣ ва пешрафти ғарбӣ метавонад ба шукуфоии тамаддуни мусулмонӣ оварда расонад.

Муҳаммад Абду аз ҷумлаи ҷонибдорони тавсеаи ҳуқуқи занон буда, ҳуқуқи онҳоро ба таҳсил ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ эътироф мекард. Ӯ фанатизм ва догматизмро дар дин танқид карда, ба таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба динҳои дигар даъват мекард. Албатта, чунин ақидаҳои ӯ аз ҷониби доираҳои консервативӣ қабул намегардиданд, вале бо вуҷуди ин таъсири Муҳаммад Абду берун аз Миср низ паҳн шуда, ақидаҳои

маорифпарваронааш ба аксарияти зиёиён ва ислоҳотгарон дар ҷаҳони исломӣ илҳом бахшиданд.

Мо ба андешаи муҳаққиқон Бадауи Н.М. ва Куделин А.А. мувофиқем, ки дар бораи Муҳаммад Абду ва ҳамсафони ӯ ҳамчун панисломист сухан гуфтаанд: «Модернистҳои исломии ратсионалист Ҷамолиддин Афғонӣ, Муҳаммад Абду ва Рашид Ризо чунин мешумориданд, ки рушди ҷомеа тавассути дин сурат мегирад, халқҳои мусулмон бошад, роҳи худро пеш гирифтаанд ва онҳо бояд муттаҳид шаванд (ин панисломизм буд, дар муқоиса бо панарабизм ё миллатгароии минтақавии самти дунявӣ). Онҳо маҷбур шуданд, ки ақибмонии шадиди ҷаҳони исломиро аз Ғарб эътироф кунанд, ки бо он сабаб рух додааст, ки мусулмонон аз исломи ибтидоӣ, ки бо бединӣ олуда нашуда буд ва бо сабаби гум кардани ахлоқ олуда шуд, хеле дур шуданд. Ислоҳотгарон зарурати гирифтани атрибутҳои берунии (бахусус, иқтисодӣ ва низомӣ) тамаддуни ғарбиро эътироф карданд. Тавре ки файласуфи мисрӣ А.Р. Бадавӣ қайд мекунад, ислоҳот на танҳо ба тағйир додани сохтори худи ҷомеа, балки ба раҳо кардани ақл ва тафаккур аз занҷирҳои каҷравӣ ва рукуд нигаронида шуда буд» [119, с. 55-56].

Дар фаъолияти маорифпарваронаи Муҳаммад Абду низ ҷанбаҳои мусбат зиёданд, вале ӯ баъзе андешаҳоеро баён кардааст, ки на хусусияти модернистӣ, балки панисломӣ ва куҳнагароӣ доранд. Ӯ аз як ҷониб, тамаддуни аврупоиро аз ҳад зиёд ситоиш карда бошад, аз ҷониби дигар, таъсиси хилофати исломиро бо сарварии султони туркӣ тарғиб мекард, ки на ба ҳамаи кишварҳои исломӣ хушоянд буд.

Ғояҳои маорифпарваронаи шоир, файласуф ва мутафаккири барҷастаи тоҷикзабони асри XX Муҳаммад Иқбол (1877-1938) низ хеле ҷолибанд. Ӯ ҷонибдори навсозии ҷомеаи исломӣ буда, чунин мешуморид, ки тамаддуни исломӣ метавонад ва бояд дар ҳамоҳангӣ бо дастовардҳои муосири илм ва техника рушд кунад. Барои ин, ба андешаи мутафаккир, зарур аст, ки догмаҳои анъанавии динӣ аз нав тафсир карда шуда, ба воқеияти ҷаҳони муосир мутобиқ карда шаванд.

Яке аз унсурҳои асосии фалсафаи М. Иқбол - ин ғоя дар бораи "исломи динамикӣ" (исломи мутаҳаррик) буд, ки тибқи он таълимоти динӣ тағйирнопазир набуда, бояд рушд кунад ва таҳаввул ёбад. Ӯ мусулмононро ба худтанқидкунӣ ва муколама бо дину фарҳангҳои дигар даъват карда, аҳаммияти тафаккури ақлонию мантиқӣ ва озодии фардиро таъкид мекард. Иқбол бо андешаи худ дар бораи "эҳёи фикри динӣ" машҳур аст, ки моҳияти онро муҳаққиқон ба таври амиқу возеҳ чунин шарҳ додаанд: «Эҳёи фикри динӣ дар ислом аз ҷониби Иқбол тавассути баррасии интиқодии идеалҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Ӯ ба он такя мекунад, ки идеяи асосии ҷаҳонбинии исломиро тасаввуроти ҷаҳон ҳамчун воқеият ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, ҳама чиз дар он воқеӣ аст. Ин воқеиятро метавон тағйир дод, такмил бахшид ва бадиҳои дар он мавҷудбуда, ранҷу азобҳо бояд нобуд карда шаванд. Он чизе, ки қувваҳои харобиовари табиат ба назар мерасад, метавонад манбаи ҳаёт гардад, агар ин қувваҳо аз ҷониби шахсе, ки қобилияти фаҳмидан ва идора кардани онҳоро дорад, дуруст назорат карда шаванд. Ҳамин тариқ, заминаи марказии тамоми низоми ҷаҳонбинии мусулмонон дар эътирофи ҳадафи асосии ислом "озод кардани инсон аз тарс" мебошад» [133, с. 18]. Аммо ин мутафаккир низ, ғайривоқеъбинона ба таъсиси давлати ягонаи мусулмонӣ ва бавҷудории як миллат - "умма" бовар дошт.

Ҳаракати маорифпарварӣ дар марзу буми тоҷикнишин ва дар аморати Бухоро танҳо дар асри XIX-ибтидои асри XX паҳн гардид. Тавре маълум аст, асри XIX бо оғози воридшавии фаъоли Русия ба Шарқ ва ҳамгироии ин минтақа бо империяи русӣ аз даврони гузаштаи таърихи минтақа фарқ мекунад. Ин раванд барои рушди фарҳанг ва маорифу таҳсилоти миллӣ оқибатҳои гуногун дошт. Аз як тараф, он ба пайдоиши имкониятҳои нав барои таҳсили илм оварда расонд ва аз тарафи дигар, нигарониҳоро дар бораи гум кардани ҳувияти миллӣ ба вуҷуд овард.

Барои намояндагони маорифпарвари тоҷик дар даврони зикршуда танқиди нуқсонҳои ҷомеа хос буд, ки хеле воқебинона сурат мегирифтанд:

“Аммо хусусияти танқиди на танҳо руҳониён, балки сохтори мавҷуда низ одатан маорифпарварона буд. Бадии асосӣ дар нодонӣ, беқонунӣ, торикӣ аст. Идеали асосӣ - маърифат, қудрати қонун аст, на худсарӣ. Чӣ гуна ба ин идеал ноил шудан мумкин аст, муҳим нест, тавассути абсолютизми маорифпарварона ё нобуд кардани аморат, нооромиҳои мардумӣ ё ислоҳот аз боло - ҳадаф муҳим аст, натиҷа муҳим аст. Маорифпарварони тоҷик мухолифи тартиботи феодалӣ-клерикалӣ буданд, маърифат, илм ва фарҳангро таблиғ мекарданд, манфиатҳои оммаи мардумро, пеш аз ҳама, манфиатҳои деҳқонон ва косибонро ҳимоя мекарданд» [57, с. 742].

Дар ин давра ҳаракати маорифпарварии тоҷик зери таъсири ғояҳо ва тарзи ҳаёти халқҳои Русия, хусусан русҳо ва тоторҳо қарор дошт. Ифтитоҳи мактабҳои типи нав бо забони таълимашон русӣ дар Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои минтақа ба паҳншавии забон ва фарҳанги русӣ мусоидат кард. Аммо бо вуҷуди рушди фаъоли таҳсилот бо забони русӣ, он танҳо барои қисми маҳдуди аҳолӣ дастрас буд. Ҳамзамон, дар ин давра афзоиши шумораи мадрасаҳо ва муассисаҳои таълимии анъанавии исломӣ ва пайдоиши мактабҳои типи нав мушоҳида карда мешавад.

Бо рушди маорифпарварӣ нишонаҳои аввалини эҳёи миллӣ, худшиносии миллӣ пайдо шуданд, зеро рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои миллии тоҷик таъсис ёфтанд, китобҳо ба забони тоҷикӣ нашр гардиданд, ки ба пешрафти фарҳанг ва адабиёти миллӣ, инчунин ба афзоиши таваҷҷуҳ ба омӯзиши таърих ва забони худ мусоидат карданд. Дар ин роҳ мушкилиҳо низ зиёд буданд, ки бо сабаби онҳо маорифпарварӣ суст сурат гирифта, бо як қатор монеаҳо рӯ ба рӯ гардид: норасоии кадрҳои баландихтисос, захираҳои маҳдуд ва назари консервативии баъзе табақаҳои ҷомеа ва ғайра.

Дар густариши андешаҳои болозикр ва дигар ғояҳои маорифпарварона Аҳмади Дониш, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Сироҷ, Саид Аҳмад Сиддиқӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарон саҳм доштаанд.

Аз миёни онҳо Аҳмади Дониш, чунонки дар боби оянда собит шудааст, бештар шуҳрат дошта, асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, дар аморати онвақтаи Бухоро шумурда мешавад. Дарвоқеъ, аҳаммияти таърихии фалсафаи маорифпарварии Аҳмади Дониш дар он аст, ки он акси садои мардум буда, орзуҳои онро ифода мекард ва роҳи тағйиротро дар ҷомеаи онзамонӣ нишон медод. Ғояҳои ӯ имрӯз ҳам ба онҳое, ки мехоҳанд ҷомеаи адолатпарвар ва инсондӯстона бунёд кунанд, илҳом мебахшанд.

Маорифпарвари дигар Мирзо Азими Сомӣ (1838-1904) барои гузаронидани ислоҳоти маорифпарварона пешниҳод карда буд, ки дар баробари муқаррароти динӣ, инчунин ба асарҳои мутафаккирони гузашта, таҷрибаи таърихии муосири халқҳои пешрафта такя карда шавад. Танҳо бо ҳамин роҳ, аз нуқтаи назари ӯ, ба пешрафти ҷамъиятӣ ноил гаштан имкон дорад.

Мирзо Сироҷ (1877-1914) низ, ки ҳамчун маорифатпарвар шуҳрат ёфтааст, мактабҳои кишварҳои пешрафтаро таърифу тавсиф ва вазъи маорифро дар аморати Бухоро зери танқид гирифтааст. Сабаби бадбахтии мардуми Шарқ ва қафомондагии онҳоро Мирзо Сироҷ дар ҷаҳолат, бесаводӣ ва такя ба илмҳои динӣ ва фалсафаи куҳнашудаи юнонӣ дидааст.

Дар эҷодиёти шоири маорифпарвар Тошхоҷаи Асирӣ (1864-1916) қафомондагии Шарқ аз Русия таъкид ёфта, ӯ омили рушди кишварро танҳо дар мактаб ва гирифтани донишҳои дунявӣ дидааст. Ин шоир тарафдори таълиму омӯхтани чунин илмҳое буд, ки ҷаҳонро обод мекунанд ва инсонро аз ҷаҳолат наҷот медиҳанд.

Саид Аҳмад Сиддиқӣ (1865-1927), зодаи Самарқанд, ки бо тахаллуси Аҷзӣ машҳур аст, аз зумраи он маорифпарваронест, ки дар осораш дар бораи кишвари ормонӣ, хаёлӣ, утопиявие сухан гуфтааст, ки дар он адолат пирӯз мешавад, илм, техника, фарҳанг рушд кардаанд ва омӯзиши илмҳои дунявиро манъ намекунанд.

Устод С. Айнӣ (1878-1954) низ ҳамчун маорифпарвар ҷорӣ кардани таҳсилоти дунявӣ, бартараф кардани бесаводӣ, ҳимояи мардуми меҳнаткаш ва амсоли онро пешниҳод намуда, вазъи ногувори иҷтимоиро дар аморати Бухоро хеле нигаронкунанда ба қалам додааст [57, с. 754-763].

Бояд таъкид намуд, ки дар баъзе таҳқиқоти муосир Абдурауфи Фитратро (1886-1938), ки аз ҷадидон, ҷавонбухориён буд, ба сафи маорифпарварон ворид кардаанд. Сабаби инро мо дар гаравидани Абдурауфи Фитрат ба панисломизм ва пантуркизм мебинем. Ба андешаи мо, асоси маорифпарварӣ дар ҳама кишварҳои олам болоравии худшиносии миллӣ, ташаккул ва рушди давлати миллӣ мебошад, дар ин бора каме поёнтар ва дар фасли дигари диссертатсия ин масъаларо дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем.

Тавре маълум аст, даврони маорифпарварӣ дар пайдоиши давлатҳои миллӣ дар тамоми олам, аз ҷумла дар Аврупо нақши калидӣ бозид. Маҳз дар ҳамин вақт "ҳуқуқи илоҳии подшоҳон", яъне монархияи мутлақ мавқеи худро аз даст дода, ба ғояҳои нав, аз ҷумла ҷумҳурӣ иваз карда шуд ва миллат ҳамчун мансубият ба ҷомеаи мушаххас аз рӯйи забон, дин, таърих ва пайдоиши умумӣ тафсир гардид. Илова ба он, ки омили муҳимми дигар - сулҳи Вестфалии соли 1648 имконияти ташаккули давлатҳои миллиро наздик кард, баъди рушди ҳаракати маорифпарварӣ дар Аврупо давлатҳои миллии мустақил пайдо шуда, зери таъсири онҳо кишварҳои исломӣ низ ба бунёди давлатҳои мустақили миллӣ оғоз карданд. Агарчи тоҷикон танҳо баъди таъсиси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба давлати миллии худ бо хисоратҳои зиёди марзӣ соҳиб шуданд, вале ташаккул ва рушди худшиносии миллиро миёни тоҷикон таҳти таъсири ақидаҳои ҳаракати маорифпарварӣ, махсусан таълимоти Аҳмади Дониш, ба андешаи мо, метавон яке аз қадамҳои нахустин дар роҳи бунёди давлатдории миллӣ ҳисобид.

Дар маҷмуъ, чунонки муҳаққиқони тоҷик воқеъбинона таъкид кардаанд, “Маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна хусусиятҳои худро дошт, ки ба ин ҷараёни ғоявӣ дар маҷмуъ таъсир расонданд. Пеш аз ҳама, маорифпарварӣ

дар Осиёи Миёна дар фарқият аз маорифпарварӣ дар Русия, на танҳо хусусияти зиддифеодалӣ, балки зиддимустамликавӣ дошта, бо ҳаракати маърифатпарварии кишварҳои ҳамсоя - Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон умумияти зиёдеро доро буд. Он на танҳо хусусияти зиддифеодалӣ дошт, балки идеологияи ҳаракати озодихоҳии миллиро низ ифода мекард. Ин дар шӯриши халқҳои Осиёи Миёна бар зидди давлати худкомаи шоҳӣ дар соли 1916 ифода ёфтааст» [57, с. 741].

Хусусиятҳои дигари ҳаракати маорифпарварӣ дар асри XIX-ибтидои асри XX дар аморати Бухоро, ба ақидаи мо, чунинанд:

1) агар ҳаракати маорифпарварӣ дар кишварҳои Шарқ дар зери таъсири кишварҳои Аврупои Ғарбӣ (асосан тавассути Англия, Фаронса ва давлатҳои испанизабон)  сурат гирифта бошад, пас дар аморати Бухоро он, асосан, дар зери таъсири Русия қарор дошт, агарчи шахсони маорифпарвари аморати Бухоро ба кишварҳои хориҷии дигари Аврупову Шарқ низ сафар карда аз онҳо ғояҳои навро бо худ оварда буданд;

2) ба маорифпарварони тоҷик ғояҳо ва тарзи ҳаёти халқҳои Русия, хусусан русҳо ва тоторҳо таъсиргузор буданд, зеро мактабҳои нахустин бо методҳои нав маҳз аз ҷониби русҳо ва тоторҳо таъсис дода шуда буд;

3) маорифпарварӣ ба муқовимати васеъ бо куҳнапарастӣ, доираҳои консервативии динӣ ва ҳокимияти иртиҷоии манғитони ҳукмрони аморати Бухоро рӯ ба рӯ буд;

4) ба ҳаракати маорифпарварӣ пайравони панисломизм, пантуркизм ва баъзе ҷадидҳо, ҷавонбухориён, ки дар зери таъсири панисломизму пантуркизм қарор доштанд, таъсири манфӣ гузоштаанд;

5) маорифпарварӣ тавассути таъсиси мактабҳои типи нав, паҳншавии рӯзномаю китобҳо ва воридшавии техникаву технологияҳои нави низомию ғайринизомӣ аз Русия ба мардум таъсиргузор буд;

6) маорифпарварони тоҷик аксарият аз ҷумлаи нависандагону шоирон, мударрисони пешқадам ва сарпарастони мактабҳои типи нав буданд ва ғайра.

Хулоса, ҳаракати маорифпарварӣ, ки дар Ғарб махсусан бо фаъолияти мутафаккирони англису фаронсавӣ пайдо шуда буд, минбаъд дар Русия низ паҳн гардида, таҳти таъсири омилҳои муайян, яъне ба Русия пайвастани аморати Бухоро дар ин минтақа низ дар асри XIX ташаккул ёфта рушд намуд. Мутафаккирони тоҷик, ки дар сафи пеши онҳо Аҳмади Дониш қарор дошт, усули роҳбарии амирони манғитиро зери танқид қарор дода, мактабҳо бо методҳои нави таълиму омӯзиш ташкил намуда, мехостанд мардумро босавод кунанд, бо дастовардҳои илму техника дар кулли олам шиносоӣ диҳанд ва бо ин роҳ дар аморати Бухоро вазъи иҷтимоиро куллан тағйир дода, бо роҳиислоҳот ин аморатро ба як давлати пешрафта мубаддал созанд.

### 1.3 Муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ

Шиносоӣ бо муҳити давраи ҳукмронии сулолаи Манғития дар аморати Бухоро имкон медиҳад, ки аз як ҷониб, мушкилоти гуногуни сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динӣ дар ин муҳит ошкор карда шаванд ва аз дигар ҷониб, заминаҳои мухталифи паҳншавии маорифпарварӣ дар ин сарзамин ва сарчашмаҳои таълимоти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва дигар мутафаккирони ҳамсафи ӯ муайян гарданд. Пӯшида нест, ки маҳз муҳит ва шароити иҷтимоӣ мутафаккиронро дар ҳамаи кишварҳои олам водор сохтаанд, ки аз пайи ислоҳи вазъи ҷомеаҳои худ ба равшангарӣ ва маърифатноксозии мардум рӯ оваранд. Намунаи олии он заминаҳои ҳаракати маорифпарварӣ дар кишварҳои ғарбӣ мебошад, ки минбаъд ба ҷаҳони Шарқ низ таъсиргузор будаанд.

Агар заминаҳои маорифпарвариро дар аморати Бухоро дар асри XIX ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Донишро аз рушду тараққӣ бо вазъ дар кишварҳои ғарбӣ дар асрҳои XVII-XVIII муқоиса намоем, як шабоҳатро мушоҳида мекунем, ки барои арзёбии амиқи вазъ ва сабабҳои ташаккули ҳаракати маорифпарварӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла, тавре маълум аст, дар Аврупо дар асри XVIII як қатор тағйироти ҷиддии иҷтимоӣ рух доданд, ки афзоиши шаҳрҳо ва рушди саноату тиҷорат аз ҷумлаи онҳо буда, ин ба пайдоиши синфи нави буржуазия (капиталистон, сармоядорон) оварда расонид. Ин синф, ки аз ҳокимияти мутлақи монархҳо ва имтиёзҳои аристократия, ашрофон норозӣ буд, хоҳиши иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва пешрафти иҷтимоиро пайдо кард. Ҳамзамон, пешрафти илмӣ, ки ҳанӯз дар даврони Эҳё оғоз ёфта буд, дар асри XVIII неруи нав гирифт ва бо сабаби кашфиётҳо дар соҳаи астрономия, физика, математика ва илмҳои дигар догмаҳои месеҳият ва нуқтаи назари анъанавиро оид ба манзараи олам зери шубҳа гузоштанд. Ҳамаи ин сабабгори зиёдшавии синфи миёнаи таҳсилкарда, рушди бесобиқаи илм, секуляризатсия (ғайридиникунонӣ)-и

ҷомеаҳои ғарбӣ ва рушди босуръати онҳо гардид. Дар ин мавзуъ яке аз муҳаққиқони муосир барҳақ навиштааст: “... ман пешниҳод мекунам, ки ҷанбаи нозуктари таъсири маорифпарварӣ ба инқилоби саноатӣ ва маҳз тавассути таъсири он ба ниҳодҳо таҳқиқ карда шавад. Агар тағйирёбии ниҳодӣ дар муҳити Аврупо сурат намегирифт, прогресси технологӣ, ки дар пояи инқилоби саноатӣ қарор дошт, метавонист сусттар анҷом гирад ва аз ҳама муҳимтар, фаророрасии он ба таъхир расад (ки дар гузашта рух дода буд) ва ин таҳти таъсире рух медод, ки онро алоқаи ҷавобии ниҳодӣ номидан мумкин мебуд” [129, с. 8].

Суханони боло аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маорифпарварӣ маҳз ба муҳит, хусусан муҳити ниҳодӣ, яъне институтҳо ё ниҳодҳои гуногуни дар ҷомеаҳои аврупоӣ мавҷудбуда, таъсир расонида кишварҳоро ба рушди илмӣ ва техникию технологӣ ва ба коҳиши мақоми дин ва калисо дар сиёсат раҳнамун сохт. Ба ин ниҳодҳо ҳам сохтори идоракунии давлат ва ҳам сохторҳои дигари давлатию ғайридавлатӣ дохил мешуданд. Дар натиҷаи пайдо гардидани муҳити нав мутафаккирони маорифпарвари ғарбӣ имконияти паҳн кардани дониш ва тафаккури интиқодиро ба даст даровярданд ва буржуазия дар ин ҳаракат воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худро дида, аз пайи онҳо рафт. Ба ибораи дигар, буржуазия, ки табақаи нав дар ҷомеаи рушдёбандаи сармоядорӣ буд, дигар бо муқаррароти феодалию асримиёнагӣ тоб наоварда, таҳти таъсири ақидаҳои маорифпарварон аз пайи рушди ҷомеа шуд ва дар муҳлати начандон тулонӣ ба ҳадафҳои худ расид. Ин нишон медиҳад, ки маорифпарварӣ гӯё ба ҳайси ҳам маҳсул ва ҳам катализатори мубориזаи феодализм бо капитализм баромад намуда, ин зиддият бо музаффарияти дуюмӣ анҷом пазируфт.

Муҳити иртиҷоӣ дар Бухоро дар даврони Манғитҳо айни ҳамин вазъро дар кишварҳои ғарбӣ мемонад. Тавре маълум аст, асри XIX барои аморати Бухоро давраи сукут ва куҳнагароӣ, консерватизм буд, ки асосан аз сиёсати сулолаи Манғитҳо бармеоянд. Ҳукмронии ин сулола, ки бо салтанати Муҳаммадраҳим оғоз ёфт [115, с. 165], дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ

бо тақвияти тартиботи феодалӣ ва саркӯб кардани ҳама гуна зуҳуроти навсозӣ алоқаманд буд. Муҳити реаксионии дар давраи Манғитҳо ташаккулёфта бо руҳониён ва ашрофон (аристократия), низ зич иртибот дорад. Барои мисол метавон гуфт, ки имом-хатибҳо, ки аз эътибори худ дар байни аҳолӣ суистифода мекарданд, сиёсати сарварони аморати Бухороро фаъолона дастгирӣ ва арзишҳои анъанавиро таблиғ карда, ҳама гуна навовариҳоро дар идоракунии ҷомеа ё соҳаи дин маҳкум менамуданд. Онҳо ҳама навсозиро ҳамчун таҳдид ба мақоми имтиёзноки худ ва суботи тартиботи муқарраршудаи ҷамъиятӣ медонистанд.

Дар баробари ин, қафомондагии иқтисодии Бухоро низ ба таҳкими муҳити иртиҷоӣ, реаксионӣ мусоидат мекард. Набудани саноат ва савдои пешрафта боиси он шуд, ки аҳолӣ, асосан деҳотӣ ва мутаносибан консервативӣ, куҳнапараст боқӣ монад. Бо ҳамин сабабҳо манғитҳо, ки мехостанд қудрати худро тақвият диҳанд, ҳама гуна кӯшишиислоҳотро фаъолона саркӯб мекарданд. Дар натиҷаи ин, аморати Бухоро аз равандҳои асосии тамаддуни ҷаҳонӣ дар инзиво қарор гирифт, ки амортро ба яке аз давлатҳои аз ҳама беш қафомонда дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин даврон табдил дод. Дар чунин шароит ҳаракати маорифпарварӣ авҷ гирифт. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки сарчашмаи маорифпарварӣ дар аморати Бухоро низ чун дар Ғарб муборизаи капитализм бо феодализм буд, ки бо пайвастани аморати Бухоро ба Русия ва пайдо шудани нишонаҳои аввалини сохтори нави ҷамъиятӣ ва муҳити нав дар шакли корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, мактабҳо бо усули нави таълим ва амсоли он оғоз ёфт [50, с. 870].

Ҳамаи ин шаҳодат аз он медиҳад, ки сабабҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва амсоли он буданд, ки муҳити иртиҷоиро дар аморати Бухоро ба вуҷуд оварданд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ руҷуъ ба таърихи мухтасари ҳукмронии Манғитҳо дар аморати Бухоро аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Тавре муаррихон таъкид доштаанд, таърихи давлатдории Манғитҳо давраи ҳукмронии онҳоро дар аморати Бухоро аз соли 1785 то соли 1920 дар бар мегирад. Дар асл бошад, ин сулола пас аз марги Нодиршоҳ дар соли 1747 ва куштори хони Бухоро Абулфайзхон ва писари хурди ӯ Абдулмуъмин аз ҷониби атолиқ (сарвари хонигарӣ) Муҳаммадраҳим ба сари ҳокимият расидааст. Аз соли 1747 то солҳои 1780 мағнитҳо худро атолиқи Хонигарии Бухоро медонистанд. Баъд аз ин Шоҳмурод худро амир эълон карда, аморати Бухороро таъсис дод. Ба ҳамин минвол дар асри XIX дар Осиёи Миёна шумораи давлатҳои мустақил ба се адад расид, ки аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қуқанд буда, дар ҳамаи онҳо муҳити носозгору иртиҷоӣ ҳукмфармо буд [134, с. 50].

Аз далелҳои боло маълум мегардад, ки омили асосии қафомондагии аморати Бухоро худи сарварони ин давлат буданд, зеро сулолае, ки бо куштор сари қудрат омадааст, ҳаргиз наметавонад бе зулму ситам бар сари мардум давлатро идора кунад. Ҳуҷумҳои пайвастаю ғасбкоронаи амирони манғитӣ ба Истаравшану Хуҷанд, Дарвозу Қаротегин ва минтақаҳои дигар, кушторҳои зиёд, ки аксари деҳаҳои ободро харобу бе аҳолӣ карда буданд, гувоҳи ин мебошанд. Дар умум ҳама амирони Бухоро - Дониёлбӣ атолиқ (1758-1785), амирон Шоҳмурод (1785-1800), Ҳайдар (1800-1826), Насрулло (1826-1860), Музаффар (1860-1885), Абдулаҳад (1885-1911) ва Олимхон (1912-1920) хунхору золим буданд, ки маҳз ҳамин ҳолат дар аморат вазъи харобиоварро ба вуҷуд оварда буд.

Миёни амирони мазкур Насрулло беш аз ҳама бо хунхорию ҷаллодияш фарқ мекунад. Дар бораи ин амири манғитӣ муҳаққиқон чунин иттилоеро овардаанд: “Марҳилаи ниҳоии мавҷудияти аморати Бухоро дар марҳилаи мавриди назари мо давраи ҳукмронии Насрулло, яке аз писарони Ҳайдар (дар солҳои 1827-1860) буд. Асоси режими Насруллоро такя ба ҳарбиён ва руҳониён ташкил медод. Ҳамаи намояндагони ашрофон, ки норозӣ буданд, ба қатл расонида шуданд: маълумотҳо мавҷуданд, ки дар давоми як моҳи

аввали ҳукмронии худ Насрулло ҳар рӯз то сад нафарро ба қатл расонидааст» [130, с. 159-160].

Академик Б. Ғафуров низ чунин маълумотеро овардааст, ки падари Музаффар – Насрулло намехост, ки аморати Бухороро ба ӯ ба мерос гузорад ва ҳатто ният дошт, ки ӯро қатл кунад, вале бо сабаби надоштани меросхури дигари сазовортар ба ин кор розӣ шуд [50, с. 573]. Амир Насрулло, ки худ қотил буд, дар охири ҳукмрониаш подоши сазовор гирифта, аз ҷониби наздиконаш ба қатл расид: "Мардум барои бераҳмӣ ва ҷаллодиҳояш ба ӯ «амири қассоб» лақаб гузошта буданд. Амир Насрулло саравдал тамоми бародаронашро аз дами теғ гузаронид. Ӯ дар тамоми давраи ҳукмронияш бо навбат бо Шаҳрисабз, Уротеппа, Қуқанд ва Хева меҷангид. Кӯшишҳои ӯ барои баргардонидани заминҳои он сӯйи Аму, ки ба дасти афғонҳо афтода буд, бенатиҷа анҷомид. Амир Насруллоро ҳатто наздиконаш чашми дидан надоштанд. Ӯро занаш - духтари волии Шаҳрисабз ҳангоми хоб дар гӯшаш симоб рехта, ҳалок намуд [115, с. 168].

Муаррихи тоҷик З. Раҷабов фаъолияи рӯзмарраи амирони Бухороро зимни баррасии вазъи сиёсии замони Аҳмади Дониш тасвир намуда, ба хулосае меояд, ки корҳои анҷомшуда аз ҷониби амирони манғитӣ рабте ба идораи давлат ва соҳиб будани қудрати сиёсӣ надоранд. Мавсуф менависад, ки амири манғит вақти худро тамоман ба бекорӣ ва беҳуда мегузаронид. Баъди субҳона мавсуф ба ҷойи баррасии масоили сиёсӣ ба шоҳмотбозӣ машғул шуда, вақти гиронмояи худро зоеъ менамуд ва агар зиёдтар бекор мегашт, бо баҳонаи шикор мусофират мекард ва ҳеҷ амали ӯ бар нафъи раъият набуд: «Агар ба сабабе шикор нашавад, дар палав пухтан бо дарбориёнаш мусобиқа мекард, ё наздиконашро даъват намуда, бо онҳо суҳбат мекард» [86, с. 38]. Ба ибораи дигар, амир аз субҳ то шом фаъолият накарда, танҳо ба фароғат машғул будааст. Дар чунин шароит вазъи миллату давлат фақат бад, иртиҷоӣ ва беоянда хоҳад буд.

Дар асоси таҳлили таърихи мухтасари сулолаи Манғитҳо ва вазъи аморати Бухоро, ба ақидаи мо, дар баробари омили асосӣ – золимию хунхорӣ

ва ноуҳдабароии амирони он, метавон аз чунин омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ – омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва амсоли он сухан гуфт.

***Омилҳои сиёсӣ***. Дар охири асри XIX аморати Бухоро, аз як тараф, пойбанди унсурҳои низоми анъанавии феодалӣ ва таъсири шадиди дини ислом ва ашрофи маҳаллӣ буд ва аз тарафи дигар, фишори афзояндаи империяи Русия ин аморатро рӯ ба рӯ бо интихоби душвор қарор дод: истиқлоли худро бо баҳои арзонтар нигоҳ доштан ё ба доираи таъсири Русия ҳамчун протекторат, мустамлика ворид шудан.

Ҳамзамон, дар дохили худи аморат дар ҳаёти сиёсии он мубориза барои ҳокимият ва ё талошҳо ҷиҳати наздик будан ба ин ҳокимият байни ашрофҳои гуногун сурат мегирифт ва муқовимат байни равияҳои анъанавӣ ва ислоҳотхоҳон тақвият меёфт. Амир Музаффар, ки аз соли 1860 то 1885 ҳукмронӣ мекард, кӯшиш кард, ки баъзе тағйирот тавассути навсозии артиш ва иқтисодиёт гузаронад, аммо талошҳои ӯ бо муқовимати унсурҳои консервативӣ, ки аз имтиёзҳои худро аз даст додан метарсиданд, рӯ ба рӯ шуданд.

Бо сабабҳои болозикр ва таҳти таъсири омилҳои дигар соли 1868 Русия аморати Бухороро ба протекторати худ табдил дод, ки ин ба афзоиши нуфузи сиёсии Русия дар аморат оварда расонд. Баъди ин дар аморати Бухоро дипломатҳо ва мушовирони ҳарбии Русия пайдо шуданд, инчунин баъзе навсозиҳо, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳан ва хатти телеграфӣ оғоз ёфт. Ворисн Музаффар - амир Абдулаҳад, ки бештар ба ҳамкорӣ бо Русия майл дошт, сиёсатеро пеш гирифт, ки ба таҳкими ҳокимияти марказӣ ва навсозии артиш равона карда шуда, ба дастгирии ҳукумати Русияи подшоҳӣ такя мекард [50, с. 624-625]. Ин афзоиши нуфузи сиёсии Русия дар байни қисми ашрофони Бухоро ва аҳолӣ норозигиро ба бор оварда, дар охири асри XIX дар аморат нишонаҳои нахустини ҳаракати миллӣ, ки барои озодӣ ва истиқлол аз Русия равона гардида буд, зуҳур намуданд.

Норозигии мардум аз империяи Русия сабабҳои худро низ дошт, зеро ин кишвар мехост, ки аморати Бухоро ҳамчун бозори молҳои фурӯши Русия дар муқобили молҳо аз Англия ва минтақаи ашёи хом барои русҳо дар ҳолати қафомондагӣ боқӣ монад. Дар ин бора муҳаққиқони муосир таъкид доштаанд: "Ба сиёсати шоҳигарии русӣ дар Бухоро асосан нигоҳ доштани сохти феодалӣ дар ин аморат хос буд. Натиҷаи хеле боэътимоди сиёсати ҳукумати шоҳиро нисбат ба Бухоро дар солҳои 60-70-уми асри XIX Кауфман ҷамъбаст намудааст: дар тули даҳ сол вазифаи ворид кардани бозорҳои осиёиро ба соҳаи бартарияти тиҷоратии рус иҷро карда, ман асос дорам таъкид созам, ки муносибатҳои тиҷоратии мо бо Бухоро ба натиҷаҳои хуб оварда расонданд. Дар айни замон, молҳои русӣ дар бозорҳои Бухоро бартарӣ доранд ва метавонанд бо чанд молҳои англисӣ, ки дар бозорҳои Бухоро мавҷуданд, рақобат кунанд» [131, с. 13-18].

Ба протекторат табдил ёфтани аморати Бухороро метавон натиҷаи воқеаҳои аслии нимаи дуюми садаи XIX дар Ховари Миёна, яъне мухолифат байни Британияи Кабир ва Русия ва истилои минтақа аз ҷониби ғосибони рус шумурд. Тибқи анъана, агар дар кишвари ишғолгардида неруҳои меҳандӯст мебуданд, алайҳи ғасбкории аҷнабӣ қиём менамуданд. Аммо, азбаски низоми амирӣ аз ғасби кишвар бадтар буд, равшанфикрон на ба ҳимояи аморат ва амирони он, балки ба баррасии камбуду норасоиҳои соҳаи ҳарбӣ бештар таваҷҷуҳ карданд. Аз ин рӯ, муаррих З. Раҷабов изҳор доштааст, ки барои Аҳмади Дониш, ки дар замони хеш ҳамто надошт, навиштани таърихи ғасбкориҳои Русия чандон аҳаммияте надошт. Аҳмади Донишро ҳамчун мутафаккири маорифпарвар дар асл он проблемаҳое ҷалб менамуданд, ки ҷомеаи Бухороро дар чунин аҳвол боздоштаанд. Дар ин бобат муаррихи мазкур таъкид менамояд, ки Аҳмади Дониш таърихи истилои русро пурра нанавишта, бисёртар диққати худро ба сабабҳои ба зудӣ маҳву нобуд карда шудани қувваҳои мусаллаҳи амир нигаронидааст. Ба осонӣ ғалаба кардани русҳо Аҳмади Донишро ба фикру андеша водор сохта, ӯро ба хулосае меорад, ки чаро амири манғит бо вуҷуди номутаносибии қувваҳо роҳи ҳарб бо

русҳоро интихоб намудааст. Ӯ манбаи қувваи русҳоро ҷустуҷӯ мекунад ва оид ба сабабҳои ба осонӣ ғалаба кардани Русия аз болои аморати Бухоро андеша меронад. Мутафаккир ба хулосае меояд, ки силоҳи русҳо дигар ва тарзи ташкилу низоми артиши он тамоман дигаргун мебошад. Сабаби асосӣ бошад, баланд будани дараҷаи фарҳангӣ ва таъминоти моддии артиши Русия аст. Ҳамаи ин масъалаҳоро ҳаматарафа муҳокима намуда, нукта ба нукта фаҳмидан лозим аст, ки қудрати Русия Аҳмади Донишро ҳам ба худ ҷалб мекард ва ҳам ба тарсу воҳима меандохт. Тасодуфан ба зудӣ ба Аҳмади Дониш муяссар гашт, ки аз наздик бо Русия шинос шавад ва аз он рӯз сар карда, ғояҳои маорифпарваронаи худро дигар кунад [87, с. 181].

Унсури дигари сиёсӣ, ки аз омилҳои аз рушду тараққӣ бозмондани аморати Бухоро дар даврони Аҳмади Дониш мебошад, ин сохтори идоракунии худи давлат ва номутамарказ будани он ба ҳисоб меравад. Тавре маълум аст, аморатро амир сарварӣ мекард, ки ба таври ирсӣ аз як насл ба насли дигар мегузашт. Дар аморат идоракунии дузинагӣ – ҳокимияти марказӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ вуҷуд дошт. Дар ҳокимияти марказӣ амир дар назди худ қушбегӣ дошт, ки сарвазир ҳисоб мешуд. Инчунин барои ҳалли мушкилоти ҳаётӣ амир Шурои давлатиро даъват мекард, ки дар он аз 5 то 12 мансабдори калон аъзо буданд. Девонбегӣ, парвоначӣ, аталиқ, додхоҳ, худойчӣ, мирзобошӣ ва ғайра аз мансабдорони калони аморат шумурда мешуданд. Мансаби аз ҳама калоне, ки ба иртиҷоӣ гаштани фаъолияти амир дар алоҳидагӣ ва кулли аморат дар маҷмуъ мусоидат карда буд, шайхулислом ё қозикалон буд, ки вазифааш аз додани фатвоҳои беасос ва бо таҳрифи муқаррароти исломӣ ва бофтаву сохта аз худ баровардани ривоятҳои бардурӯғ иборат буд. Беҳуда нест, ки мардум мегуфтанд барои иҷрои амалҳои номатлуб дар Бухоро ҳар гуна ривоятро бо пул аз қозикалону қозиҳои маҳалҳо харидан мумкин аст.

Ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи бекигариҳо, ки дар миёнаи асри XIX миқдорашон 44 адад буд, хусусиятҳои худро дошт. Сарвари он бек номида мешуд. Бекигарӣ ба воҳидҳои маъмурии хурдтар тақсим шуда, онҳоро

амалдорон роҳбарӣ мекарданд. Хурдтарин воҳиди маъмурӣ ҷамоати деҳот буд, ки сарварии онро оқсақол ба уҳда дошт [125, с. 574-576].

Таҳлили ин сохтор ва фаъолияти амалии он нишон медиҳад, ки ба ақидаи мо, номувофиқатии он ба талаботи даврони мавриди назар бо сабаби дигаргуниҳои сиёсию идеологӣ, яъне ивазашавии феодализм ба капитализми аз ҷониби Русия таҳмилшуда, омили бузурги қафомондагии аморати Бухоро буд. Дар баробари ин, маълумоти таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ғайримутамарказ будани давлат, озодиҳои нисбии ҳокимияти маҳаллӣ аз ҳокимияти марказӣ, ба таври нақшавию муназзам андоз насупурдан ба марказ ва қонеъ шудан бо пешкаши туҳфаҳо ба амирон, муборизаҳои пайдарҳами мусаллаҳона дар дохили кишвар ва даҳҳо омилҳои дигар ба он мусоидат намуданд, ки аморати Бухоро аз рушд бозмонад.

Дар умум, далелҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазъи сиёсии аморати Бухоро дар охири асри XIX хеле мураккаб ва мухолифатнок буд. Аморат дар чорсӯ қарор дошт, ки инҳо мушкилоти навсозӣ ва фишори берунии империяи Русия аз як тараф, кӯҳнапарастию динзадагии дохилӣ аз дигар тараф, буданд. Ин вазъи мураккаби сиёсӣ барои дигаргуниҳои сиёсӣ дар аморат замина гузошта, ҳамчун омили пайдоиши ҳаракати маорифпарварӣ ва ба вуҷуд омадани таълимоти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ислоҳотхоҳии миллии мутафаккироне чун Аҳмади Дониш хизмат намуд.

***Омилҳои иқтисодӣ.*** Омили дигари боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ- ин вазъи мураккаби иқтисодии аморати Бухоро дар охири асри XIX буд. Дар ин давра дар аморати Бухоро иқтисодиёти анъанавии феодалӣ, ки ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ асос ёфтааст, таҳти фишори афзояндаи муносибатҳои капиталистии аз берун, хусусан аз Русия таҳмилшуда қарор гирифт. Дар ин аморат захираҳои муайяни иқтисодӣ мавҷуд буданд: истеҳсоли пахта, абрешим ва зироатҳои ғалладона, ҳунармандӣ, аз қабили истеҳсоли қолинҳо, сафолҳо, ҷавоҳирот ва ғайра, ки содирот карда мешуданд. Аммо, аз ҷониби дигар, иқтисоди Бухоро чун сиёсати ӯ заифу пароканда буд. Набудани инфрасохтори муосир, дастрасии

маҳдуд ба сармоя ва бозори нокифояи меҳнат рушди иқтисодиётро бозмедошт. Бартарӣ додани ҳукмронҳои манғитӣ ба муносибатҳои феодалӣ, ки бесамарии хосе доштанд, на танҳо ба иқтисодиёти аморат, балки ба таъмини адолати иҷтимоӣ низ таъсири манфӣ мерасонид. Ҳамзамон, тиҷорат ва сармоягузориҳои Русия ба аморати Бухоро имкониятҳои навро фароҳам овард. Аз ҷумла, сохтмони роҳи оҳан тавассути қаламрави аморат ба ҳамгироии иқтисодиёти он бо низоми Русия мусоидат кард, аммо истеҳсолоти маҳаллиро халалдор кард, зеро он рақобатнопазир буд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи узбек Чориева М.А. воқеъбинона навиштааст: "Бо ворид шудани маҳсулоти саноатии рус вазъи ҳунармандони маҳаллӣ бадтар шуда, маҳсулоти онҳо ба рақобат тоб наоварданд. Аз дигарон бештар ҳунарҳои кӯзагарӣ дар самти тайёр кардани зарфҳои одии арзон, маҳсулоти дуредгарӣ ва мебелсозӣ, инчунин ҷавоҳироти маҳаллӣ боқӣ монданд. Баъзеи косибон ба корхонаҳои саноатӣ ба кор гузаштанд " [134, с. 55].

Дар маҷмуъ, ба вазъи иқтисодии аморати Бухоро дар охири асри XIX зиддиятҳо ва ноустуворӣ хос буд. Низоми анъанавии феодалӣ бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ шуд ва вобастагӣ ба империяи Русия ҳам имкониятҳо ва ҳам таҳдидҳоро ба вуҷуд овард. Маълум буд, ки аморат бо зарурати навсозии иқтисодиёти худ қарор дорад, аммо азбаски ҳокимони манғитӣ иродаи сиёсӣ надоштанд ва идоракунии пурқуввати мутамарказро таъмин карда натавонистанд, ягон ислоҳот сурат нагирифт. Ин ба афзоиши ихтилофоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар аморат оварда расонид, ки боиси пайдоиши ҳаракатҳои ислоҳотхоҳӣ дар мисоли маорифпарварии Аҳмади Дониш ва дигар мутафаккирони тоҷик гардид ва дар ниҳояти кор ба суқути аморат дар ибтидои асри XX оварда расонид.

***Омилҳои иҷтимоӣ.*** Вазъи иҷтимоии сокинони аморати Бухоро, ба ақидаи мо, дар боздошти он аз рушду тараққӣ нақши асосиро бозидааст. Ин давлат сохтори мураккаби иерархии (силсиламаротиби) иҷтимоӣ дошта, дар охири асри XIX дар қуллаи ин сохтор амир - сарвари давлат ва соҳиби ҳокимияти

мутлақ, мансабдорони авлодӣ, заминдорони калон, роҳбарони ҳарбӣ, табақаи руҳониён - муллоҳо, имомҳо ва қозиҳо ва амсоли он қарор доштанд.

Аксари аҳолии амoратро деҳқонон ташкил медоданд, ки бо коркарди замин машғул буданд. Дар шаҳрҳо ҳунармандон, тоҷирон ва омӯзгорон зиндагӣ мекарданд. Онҳо табақае буданд, ки бо намудҳои гуногуни истеҳсолот ва савдо, инчунин таълими шогирдон машғул буданд. Академик Б. Ғафуров зикр мекунад, ки деҳқонони аморати Бухоро андозҳои зиёде барои обёрии замин, барои юнучқазор, барои ҷуфти гов, аз ҳар сари чорво, барои чидани ҳезум, барои гузаштан аз пули дарёҳо ва амсоли он месупориданд, ки як навъи истисмор буд [50, с. 593].

Сохтори мазкури иҷтимоӣ ба аксари кулли кишварҳои шарқӣ дар он даврон хос буд. Аммо мушкилоти аморати Бухоро дар ин буд, ки низоми идоракунии давлат дар он шакли хеле консервативӣ ва золимона, инчунин фасодзада дошта, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синфҳои поёнӣ таъсири ҳалокатбор мерасонид. Аз ҷумла, “набудани низоми музди меҳнат ва умуман буҷети муайяни давлатӣ ба он оварда расонд, ки тамоми дастгоҳи мансабдор, аз боло то поён, аз ҳукумат маош нагирифта, аз ҳисоби ғорати мардум зиндагӣ мекард. Системаи “хурондани” табақаи роҳбарон аз ҳисоби заҳматкашон синфи ҳукмронро бериё намуда, онро ба истисмори бераҳмонаи оммаи мазлум тела медод” [57, с. 508].

Бояд тазаккур дод, ки дар аморати Бухоро дар он даврон ҳатто ғуломони умуман озодӣ ва моликият надошта мавҷуд буданд, агарчи дар охири асри XIX бо таъсири ғояҳои аврупоӣ ва русӣ ин вазъ тадриҷан коҳиш ёфт. Ҳамзамон, дар аморат таҳаммулпазирӣ нисбат ба яҳудиён ва намояндагони дину мазҳабҳои дигар хеле дар сатҳи паст қарор дошт. Ҳамаи ин на танҳо рушду тараққии аморати Бухороро бозмедошт, балки сабабгори пайдоиши ҳаракатҳои ислоҳотхоҳию маорифпарварӣ гардид.

***Омилҳои фарҳангӣ-динӣ.*** Бухоро қадимтарин шаҳр ва давлати мустақил дар минтақа маҳсуб мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки аз ин сарзамин ҳокимону олимони маъруфтарин ва ватандӯст ба камол расидаанд. Ибни Сино, ки дар

Бухоро таваллуд шудааст, тибби муосирро асос гузошт ва дар фалсафа ҳамто надошт. Бузургтарин сиёсатмадор Исмоили Сомонӣ Бухороро маркази давлатдорӣ қарор дод. Ба шаҳодати донишманди фаронсавӣ Ричард Фрай номи шаҳри Бухоро “аз калимаи бухор пайдо шудааст, ки дар забони муъбадони форсӣ маънии ҷойи тамаркузи олимонро дорад [99, с. 8]. Аммо, мутаассифона, амирони манғитӣ ин шаҳри бузургро на ба маркази илму фарҳанг, балки ба маркази хурофоту ҷаҳолат табдил доданд. Ба ҳамин сабаб ин шаҳри бузург дар замони салтанати хонадони Манғития ба футур рафта, бино бар бетадбирии амирони манғит ба карахтӣ ва пастравӣ дар самти идораи давлат ва дигар вижагиҳои кишвардорӣ мубтало гардид. Маҳз ҳамин асос мегардад, ки нақши омилҳои фарҳангию диниро низ дар боздошти рушду тараққии аморати Бухоро дар замони Аҳмади Дониш бузург ҳисоб намоем.

Амирони манғитии Бухоро ба рушди илму фарҳанг таваҷҷуҳ надоштанд ва зиёда аз ин, онҳо аз анъанаҳои қадимии ин шаҳр дар баъзе самтҳо, аз ҷумла, дар меъморӣ рӯ гардонида, бунёди қасру иморатҳоро қисман ба дӯши худи аҳолӣ ва қисман ба зиммаи намояндагони сафорату ширкатҳои Русия гузошта буданд. Дар ин бора муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик навиштаанд: «Дар асрҳои XVII1-XIX санъати расмии наздидарборӣ мақоми асосии худро аз даст дода, сохтмони оммавӣ рушди ҳамаҷониба меёбад» [57, с. 731].

Дар соҳаи таълиму тарбия низ амирони манғитӣ саҳми назаррасе нагузошта, ҳатто ба кушодани мактабҳои нав мамониат нишон медоданд. Муайянсозии муҳтавои барномаҳои таълимӣ низ пурра ба дӯши руҳониёни мутаассиб вогузор карда шуда буд, ки комилан динию дақёнусӣ буд. Аз ҷумла, тибқи маълумоти муаррих З. Раҷабов, «Дар Бухоро таҳсили илмҳои дунявӣ расм набуд»; «Дар мадраса камзул ё шим пӯшидан мумкин набуд. Муллобачаҳои мадраса ҷароҳатҳои худро бо равғани шамъ муолиҷа мекарданд» [86, с. 46-47]. Аз ин иқтибосҳо, ки муҳаққиқ дар китоби «Маорифпарвар Аҳмади Дониш» овардааст, чунин бармеояд, ки усули таълими мадрасаҳои шаҳри Бухоро бо зарби чӯб ва бо истифода аз қувваи

ҷисмонӣ, на аз неруи зеҳнӣ сурат мегирифт. Вобаста ба ин, лозим ба ёдоварист, ки Ғарб танҳо пас аз ҷудо кардани калисо аз давлату аз мактаб имкон пайдо кард, ки кишварҳояш тараққӣ кунанд, аммо дар аморати Бухоро вазъ баръакси он буд.

Вобаста ба вазъи таҳсилот дар аморати Бухоро, ҳаминро бояд таъкид намуд, ки таҳти таъсири Русия гарчи мактабҳои намунаи нав пайдо шуда бошанд ҳам, вале онҳо аз лиҳози ба пантуркизм майл доштан метавонистанд, ки ба тафаккури аҳолии тоҷики Бухоро таъсири манфӣ расонида, вазъи иҷтимоиро боз ҳам душвортар созанд. Ин вазъ ба он вобаста буд, ки чуноне болотар ҳам таъкид гардид, маорифпарварони нахустин дар минтақа аз ҷумлаи тоторҳо буданд, ки ҳам барои тоҷикон ва ҳам барои Русия бо сабаби иртибот доштанашон бо Туркия хатарнок маҳсуб мешуданд . Оид ба ин мавзуъ муҳаққиқони муосир таъкид кардаанд: "Охири асри XIX-аввали асри XX дар ҳаёти халқҳои турку мусулмони сокини қаламрави империяи Русия нақши назаррас гузошт. Ин замони фаъолона паҳн кардани ғояҳои маорифпарварӣ дар Туркистон аз ҷониби тоторҳои маърифатпарвар буд... К.П. фон Кауфман (1867-1882) медонист, ки ҳаракати тоторӣ метавонад ба тамомияти империяи Русия таҳдиди муайян эҷод кунад, аз ин рӯ, қайд кардааст, ки "ман реаксионерҳои шаҳри ба истилоҳ "модари ислом" - Бухороро бартар медонам, зеро тоторҳо аз реаксионерҳо хатарноктаранд" [132, с. 143].

Сотим Улуғзода низ вазъи замони Аҳмади Донишро давраи бениҳоят пӯсида ва болоравии ҷабру зулм ҳисобида, аз ҷумла чунин менигорад, ки дар паст шудани илму маданият дар ҳамаи асрҳо руҳониёни исломии мутаассиб ва реаксионӣ, иртиҷоӣ нақши бузург бозӣ мекарданд. Дар давраи ҳукмронии ин сулолаи хонахароби манғитӣ дар Бухоро ҷаҳолатпарастӣ ва таассуби динӣ, ҷабру зулм ба халқ, бенизомӣ ва харобкорӣ ниҳоятдараҷа авҷ гирифт, чунки онҳо чун сулола қудрати идора кардани давлатро надоштанд ва чун дар ин замина мушкил эҷод мегардид, дарҳол зулму тааддиро ягона василаи рафъи мушкилот мепиндоштанд [100, с. 9].

Аммо ҷолиб ин аст, ки Сотим Улуғзода на фақат руҳониёни замони Аҳмади Дониш, балки дигар давраҳои таърихиро низ сахт танқид намуда, майли фурӯхтани манфиатҳои давлатиро аз ҷониби онҳо ошкор мекунад, ки як далели воқеист. Аз ин хотир, андешаи ҷудо кардани дин аз давлат ва таҷрибаи кишварҳои Ғарб дар ин бобат  ба истиқболи бухориён ниёз дошт, аммо агар инро фақат Аҳмади Дониш хоста бошад, пайравонаш ба ин ҷониби масъала муқобил буданд, чунки фақат дар гуфтор худро пайрави равиши мутафаккир медонистанд, аммо дар асл тарзи тафаккур ва татбиқи афкорашон тамоман ба андешаҳои Аҳмади Дониш мухолиф буд.

Муҳаққиқи тоҷик А.М. Баҳоваддинов омилҳои зуҳуру интишори ақидаҳои навро дар аморати Бухоро дар роҳ наёфтани донишҳои дунявӣ дида, зимни баррасии масъала чунин таъкид намудааст: “Илм, фалсафа, ахлоқ, ақидаҳои иҷтимоӣ – яъне, тамоми фаъолияти маънавӣ дар хонигарии Бухоро тобеи дин буд. Руҳониёни мусулмон дониши дунявиро бидъат эълон карда, якравона ҷонибдори усулҳои консервативии таълими кӯдакон дар мактабҳо буданд ва аз ин рӯ, ба кучактарин зуҳури норозигӣ аз ин усулҳо роҳ надоданд ва тамоми чораҳоро андешиданд, ки аз шикастани онҳо пешгирӣ карда шавад” [39, с. 358].

Дар маҷмуъ, як омили боздошти рушду тараққӣ дар аморати Бухоро маҳз дин ва диндорони мутаасиб буданд, ки дар якҷоягӣ бо амирони манғитӣ амал мекарданд. Барои ҳамин ҳам З. Раҷабов хурофотпарастону руҳониёни диниро аз ҳамдастони ҳокимони бехабар донистa, онҳоро дар монеагузорӣ дар рушди аморати Бухоро айбдор мекунад: “Руҳониён дар иҷрои иртиҷоитарин тадбирҳое, ки ҳукумат дар мамлакат ба вуҷуд меовард, такягоҳи боэътимод буданд. Ин аҳволро мансабдорони маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ қайд ва таъкид намудаанд... Руҳониёни иртиҷоӣ бо ҳар роҳ кӯшиш мекарданд, ки дар байни халқҳои хонии Бухоро нисбат ба Русия нафрат ва нобоварӣ ба вуҷуд биоранд” [86, с. 43] .

Тавре, ки мушоҳида мегардад, дар баробари шахсияти ҷоҳилу қаттол будани амирони манғитӣ, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ

ва амсоли он буданд, ки ҷомеаи даврони Аҳмади Донишро аз рушду тараққӣ боздоштанд. Аз ин рӯ, ин мутафаккир ва пайравони ӯ ҳамин ҷанбаҳои ҳаёти онвақтаи аморати Бухороро зери тозиёнаи танқид гирифта, ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро дар ҳамин самт баён сохтаанд. Таҳлили ҳаракатҳои маорифпарварӣ дар кишварҳои дигари Шарқу Ғарб низ нишон медиҳад, ки маҳз танқиди ҳамин омилҳо барои намояндагони ин ҳаракат хос будааст. Аз ҷумла, маорифпарварони ғарбӣ ба паҳлуҳои зерини ин масъала таваҷҷуҳи бештар доштаанд:

- дар навбати аввал, онҳо монархияи мутлақ ва тартиботи феодалиро маҳкум кардаанд: ҳокимият бояд дар дасти мардум бошад ва бо конститутсия маҳдуд карда шавад;

- сиёсати иқтисодии меркантилизм, таваҷҷуҳи монархҳо ба ҷамъоварии тилло ва танзим нагаштани тиҷорат аз ҷониби давлат низ танқид шуда, маорифпаварон принсипҳои тиҷорати озод ва рақобати солими иқтисодиро таблиғ кардаанд;

- дар соҳаи иҷтимоӣ танқиди маорифпарварон ба нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоӣ нигаронида шуда, онҳо ғуломдорӣ, крепостной будани деҳқонон ва табъизро аз рӯйи ҷинс ё нажод маҳкум кардаанд;

- догматизм ва таҳаммулнопазирии дину калисоро танқид карда, маорифпарварон барои озодии виҷдон ва эътиқод мубориза бурдаанд ва зидди дахолати калисо ба корҳои дунявӣ, давлат ва мактаб буданд;

- низоми таҳсилоти мавҷударо танқид карда, онҳо ҷонибдори дастрасии таҳсилот барои ҳама табақаҳои аҳолӣ буданд ва ин амалро калиди ҳаракати иҷтимоӣ ва шукуфоии ҷомеа медонистанд;

- маорифпарварон ҷаҳолат ва хурофоти оммавиро дар миёни мардум танқид карда, аҳолиро барои мусаллаҳ шудан бо қудрати ақл ва илм, тафаккури интиқодӣ ва дониши таҷрибавӣ даъват мекарданд ва ғайра.

Дар умум, танқиди ҳаёти ҷомеа, чунонки муҳаққиқони муосир таъкид доштаанд ва мо онро комилан дастгирӣ мекунем, метод, усули асосии фаъолияти ҳаракати маорифпарварӣ аст: “... ин хусусияти калидии он

падидаи ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятии Аврупо ва баъдан олами глобалӣ мебошад, ки мо онро "Маорифпарварӣ" меномем. Ин хусусият тақозои танқид кардан ва тасдиқи ҳуқуқ ба танқиди ҳама мавҷудот мебошад. Танқид ҳамчун зарурат, агар бо суханони Дени Дидро гӯем…» [123. с. 68]. Аммо ҳадафи ин танқидҳои маорифпарварон дар кишварҳои ҳам ғарбию ҳам шарқӣ олӣ буд – шикастани сохтори куҳна, бунёди ҷомеаи адолатпарвар, ратсионалӣ ва гуманистӣ ва бо ин роҳ таъмин кардани саодати инсонӣ. Ҳадафи маорифпарварӣ дар аморати Бухоро дар охири асри XIX низ аз танқиди ҳаёти ҷомеаи онвақта маҳз ҳамин гуна буд.

Хулоса, муҳити иртиҷоӣ дар аморати Бухоро дар даврони Манғитҳо, хусусан дар асри XIX, ин давлатро ба давраи сукут ва куҳнагароӣ, яъне консерватизм овард. Таҳлили таърихи мухтасари сулолаи Манғитиён ва вазъи аморати Бухоро дар даврони зикршуда нишон медиҳад, ки омили асосии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ ин золимию хунхорӣ ва ноуҳдабароии амирони он буда, омилҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва амсоли он низ ба қафомонадагии аморат мусоидат карданд. Ҳамаи ин сабабгори танқиди шадиди ҳаёти ҷомеа аз ҷониби маорифпарварон, махсусан Аҳмади Дониш ва пешниҳоди ақидаҳои онҳо оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро гардид.

# БОБИ II. АФКОРИ МАОРИФПАРВАРОНАИ АҲМАДИ ДОНИШ ОИД БА МАСЪАЛАИ ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР МУҚОИСА БО ҶАДИДИЯ

## 2.1 Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX

Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш паҳлуҳои хеле зиёд дошта, дар муқоиса бо дигар маорифпарварони давронаш шакли васеъ ва ҷомеътар дорад. Ин масъала, аз ҷумла афкори маорифпарварона ва фалсафию сиёсии Аҳмади Донишро муҳаққиқи сиёсатшинос Ш. Ҷабборов мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки якчанд омилҳо дар густариши ҷаҳонбинии мутафаккири маорифпарвар нақш бозидаанд: а) муҳити хонаводагӣ; б) фарҳанг ва тамаддуни исломӣ бо дарназардошти мавҷудияти фалсафаи иҷтимоӣ дар он; в) дарбори амирони Манғития; г) сафарҳои мутафаккир ба Русия; д) муҳити илмии Бухоро. Зимни баррасии равиши фалсафии Аҳмади Дониш муҳаққиқ бархе аз вижагиҳои таълимоти мутафаккирро чунин баён менамояд: “Аҳмади Дониш ҳамчун файласуф ва сиёсатшиноси нуктасанҷ зарурати ин панҷ шартро асоснок кардааст: давлати пуриқтидор, подшоҳ ва амалдорони одил, табибони ҳозиқ, манзилу маоши мувофиқ ва обёрии кишвар” [116, с. 38].

Муҳаққиқ Ш. Ҷабборов дар таҳқиқи афкори мутафаккир бисёр кӯшиш намуда, паҳлуҳои дигари ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро низ баррасӣ намудааст. Панҷ омиле, ки ӯ онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир зикр мекунад, ба назари мо, ҳамагӣ асоснок ҳастанд, вале мутобиқ ба таҳқиқи дигар Донишшиносон дар густариши равиши фалсафии Аҳмади Дониш фарҳанги ориёӣ ва вижагиҳои тарзи тафаккури дунявии онҳо низ, ки тавассути тоҷикон ба фарҳанги исломӣ ворид шудаанд, нақши назаррас гузоштааст, вагарна таваҷҷуҳи мутафаккири маорифпарвар ба омилҳои дунявӣ ва илмҳои табиатшиносӣ асли худро гум мекард. Ба қавли аксар

муҳаққиқони давраи шуравӣ, масъалаҳои обёрӣ ва дигар хусусиятҳои дунявӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш сарчашма аз донишу таҷрибаҳои ориёӣ, яъне ниёгони тоҷику форс мегиранд ва ақида дар бораи қонеъ будани мутафаккир танҳо ба тамаддуни исломӣ, ба андешаи мо, то андозае иштибоҳ хоҳад буд.

Ақидаҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш бо дарназардошти вазъи душвори сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар садаи XIX таваҷҷуҳи аксар файласуфонро ҷалб намудааст. Олимони ватаниву хориҷӣ ба пажуҳиши илмӣ машғул гардида, вижагиҳои масъала ва омилҳои густариш ёфтани ҳаракати ислоҳотхоҳонаи шахсони равшанфикри ҷомеаро баррасӣ намудаанд. Ин ҳаракатҳо дар зери таъсири маорифпарварии Ғарб ва Русия пайдо шуданд.

Бо ин ҳаракат ошно гашта, Аҳмади Дониш низ ба маорифпарварӣ пайваст. Ӯ дар осори худ вазифаҳои сирф дунявиро ба миён гузошта, аз масъалаҳои ахлоқ ва сиёсат, ки ба он зич алоқамандaнд, дур буда наметавонист. Оид ба ин мавзуъ бояд хотиррасон намуд, ки Арасту дар якҷоягӣ ахлоқ ва сиёсатро «илмҳои амалӣ» номида буд. Бо ҳамин сабаб масъалаи он, ки фаъолияти сиёсӣ дар «давлати одилона ба тартиб овардашуда» ба чӣ бояд асос ёфта бошад, бахши фалсафии мероси эҷодии Аҳмади Донишро ташкил медиҳад. Маҳз дар ҳамин самт Аҳмади Дониш қариб ки дар танҳоӣ дар даврони худ маҷбур шудааст ба ақидаҳои анъанавӣ муқобилат кунад ва навовариҳо ба илм ворид созад: «Таълимоти Аҳмади Дониш ҳанӯз ба кадри кофӣ омӯхта нашудааст, вале маълум аст, ки он замон танҳо чанд нафар тавонистанд, ки дидгоҳҳои анъанавиро мисли ӯ амиқан ба такон оваранд» [137].

Ислоҳоти иҷтимоии Аҳмади Донишро Е. Ермолаева мавриди пажуҳиш қарор дода, зимни натиҷагирӣ ба хулосае меояд, ки мавсуф аз зумраи файласуфони камназири Шарқ маҳсуб мешавад. Ба қавли ин муҳаққиқи рус, “Дониш ба ташаккули ватандӯстӣ даъват намуда, инчунин усулҳои ҳокимияти амирони манғитро танқид карда, онҳоро бо омили мушоҳида, ки дар байни халқҳои ориёӣ ба назар мерасад, муқоиса мекард. Ин ислоҳотталаб

тамоми масъалаҳоеро, ки дар аморати Бухоро пайдо шуда буданд, аз нуқтаи назари манфиати халқ ва ҳар як одами алоҳида ҳал карда, манфиатҳои шахсию ҷамъиятиро моҳирона ба ҳам пайвастааст ва дар ҳамин самт масъалаҳои муҳимтаринро ба назар гирифтааст” [52, с. 270].

Аҳмади Дониш тақдиргароиро танқид карда, мавҷудияти баъзе қонунҳои дигареро, ки ҳаёт ва амали инсонро муайян мекунанд, тахмин кардааст. Мутафаккир саволҳои сирф фалсафиро ба миён мегузорад, ки дар доираи равшанфикрони Осиёи Миёна дар он замон ба сабаби хавф аз уламои исломӣ на он қадар баррасӣ мешуданд. Аҳмади Дониш масъалаҳои дорои вижагиҳои ахлоқӣ ва сиёсиро ба миён гузошта, дар соҳаи назарияи дониш низ фарзияҳои навоварона барои даврони худ баён мекунад.

Муҳаққиқи тоҷик Б. Самиев ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Аҳмади Донишро омӯхта, бар хилофи муҳаққиқони пешин кӯшиш кардааст, ки фаҳмиши таърихӣ ва фалсафии эҷодиёти мутафаккирони тоҷикро, ки то Аҳмади Дониш умр ба сар бурдаанд, муҳимтарин шарти зуҳуроти ҳаракати равшангароӣ дар Осиёи Миёна ҳисобад. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти муҳаққиқ нишон дода шудааст, ки инкишофи фалсафаи иҷтимоии равшангароёнаи Аҳмади Дониш ду марҳиларо паси сар кардааст: дар марҳилаи аввал хусусияти либералӣ-ислоҳотчигии фалсафаи маърифатии мутафаккир дар шакли хеле ҷолибтарин зуҳур мекунад ва дар марҳилаи дуюм бошад, қариб ба ғояҳои демократӣ наздик мешавад. Муҳаққиқ инчунин бори аввал ва ба тарзи тамоман нав ақидаҳои равшанфикронро дар бораи сохтори тақсимоти иҷтимоии аҳолии аморат таҳлил кардааст. Б. Самиев хусусиятҳои ақидаҳои ислоҳотчигӣ ва демократии Аҳмади Донишро дар шароити хонигарии Бухоро муайян карда, ба майлу хоҳиши мутафаккир барои навсозии асосҳои патриархалию феодалии аморат, вусъат додани ҳаракати маорифпарваронаи байни ҳамфикронаш ишора мекунад. Ӯ исбот намудааст, ки бурду бохти ҳаракати маорифпарварӣ на танҳо аз вазъияти бади ғоявию тарбиявии аморат, балки аз муносибатҳои ҷамъиятии патриархалии ақибмонда низ, ки дар ҷамъият реша давонда буданд, вобаста буд [90, с. 46].

Баъзе ҷанбаҳои осор ва афкори Аҳмади Дониш танҳо аз дидгоҳи умумифалсафӣ таҳқиқ шудаанд. Бино бар ин, дар ин таҳқиқот тасмим гирифтем, ки афкори интиқодии мутафаккирро бо дарназардошти бартарӣ додани ӯ ба ҷаҳонбинии дунявӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Дар осори аксари маорифпарварони тоҷик, махсусан дар таълимоти Аҳмади Дониш, маҳз чунин навъи тафаккури фалсафӣ дида мешавад. Ин хусусият ҳодисаи нав ва фақат ба тақозои пайдоиши ҷараёни нави маорифпарварӣ набуд. Ин равия давоми анъанаҳои аҷдодии ориёӣ буд.

Тавре маълум аст, агар маорифпарварии Ғарб бар зидди таассуб ва хурофоти динӣ бо истифода аз донишҳои илмӣ ҷиҳати рафъи камбудиҳои ҷомеа нигаронида шуда бошад, аксарияти кулли маорифпарварони Шарқ роҳҳои бартартарафсозии нуқсонҳову камбудиҳои ҷомеаро асосан дар тақвият додани ҷаҳонбинии динӣ баррасӣ намудаанд. Дар ин самт танҳо афкори иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш ва дигар афроди маорифпарвар фарқ мекунанд, чунки афкори мавсуф дар мубориза бо ҳамоқату бехабарии силсилаи соҳибқудрат бо номи Манғития густариш ёфта, инчунин пайдоиши тафаккури нав омили аслии азбайнравии истиқлоли сиёсии аморати Бухоро маҳсуб мешавад.

Муҳаққиқи ҳаракати маорифпарварӣ Ш. Абдуллозода дар муқаддимаи китоби хеш таҳти унвони “Маорифпарварӣ ва озодандешӣ” ҷаҳонбинии маорифпарвариро чунин муаррифӣ кардааст: “Ҷаҳонбинии маорифпарвар на танҳо аз ҷаҳонбинии файласуф ва олим, балки аз ҷаҳонбинии суфии дунёбезор ва муллои зоҳирпараст, шоири суханпардоз низ тафовут дорад” [21, с. 14].

Сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро ба ҳайси мутафаккири маорифпарвар метавон бо афкори Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, ки аксари муҳаққиқон, чунонки дар боби гузашта таъкид кардем, ӯро асосгузори панисломизм дар охири садаи XIX пиндоштаанд, қиёс намуд. Ҳамчунин, нависандаи эронӣ ва муаллифи китоби “Саёҳатномаи Иброҳимбек” Мароғаӣ низ имкон дорад бо Аҳмади Дониш мавриди муқоиса қарор бигирад, аммо

агар таълимоти Сайид Ҷамолиддин бо такя ба дин рушд карда бошад, пас дар осори Аҳмади Дониш таъмини рушди ҷомеа бо дарназардошти роҳандозӣ шудани ислоҳот пешбинӣ мешавад. Мароғаӣ дар рафтори қаҳрамони хеш таассубро баррасӣ карда, омилҳои қафомондагии мусулмонони оламро дар мисоли Эрон баррасӣ мекунад. Масалан, ӯ чунин андеша баён месозад, ки сокинони ин кишвар беилмиро аз зумраи хушбахтӣ мепиндоранд: "Беилмӣ барои эшон саодати бузурге аст, зеро ки авсофи ҳасанаи диндорию меҳмоннавозӣ ва ростгӯйиву дурусткориро бе тааллум ёд гирифтаанд" [68, с. 163].

Воқеан, тадриси илмҳо дар мактабҳо, чи дар Эрон ва чи дар Бухоро, якранг буданд ва Мароғаӣ ин ҷо бидуни таълим ёд гирифтани ростиро аз он сабаб меорад, ки дар мактабҳо омӯзиши дурусти фанҳо ба роҳ монда нашудааст. Аммо Аҳмади Дониш бар зидди таассуби динӣ ва бар зидди таассуби миллӣ мепардозад ва омилҳои рушди кишварҳои Ғарбро ошкор месозад. Монандиҳо дар тарзи тафаккури ду маорифпарвар агар кам бошанд ҳам, вале мушоҳида мешаванд, фарқ инҷост, ки андешаҳои Аҳмади Дониш бештар муҳтавои фалсафӣ доранд. Аз ин рӯ, бартарии Аҳмади Дониш аз дигар афроди маорифпарвар, ки дар замонаш фаъолият доштанд, дар он аст, ки мавсуф интиқод аз дунёро навъе аз афкори раҳбоният ва зоҳидӣ маҳсуб медонад.

Дар баррасии ақидаҳои фалсафии Дониш пажуҳиши академик А. Баҳоваддинов ҷиҳати муаррифии фалсафаи мансуб ба мутафаккири маорифпарвар муҳим аст. Ба қавли мавсуф, дар байни мутафаккирон танҳо як нафар дар садаи XIX ба масъалаҳои умумии фалсафӣ муроҷиат кардааст, ки он ҳам Аҳмади Дониш мебошад: "Чунин шахсияти камёфту соҳибфикр буд Аҳмади Дониш - олим ва файласуф, шоиру хаттот, нависанда ва ситорашинос, пешрафтатарин шахсияти замони худ" [38, с. 304] .

Ба қавли А. Баҳоваддинов, сафарҳои ба Русия кардаи мутафаккир ҷиҳати густариши ҷаҳонбинии сиёсӣ-иҷтимоии ӯ таъсиргузор будааст. Аҳмади Дониш низоми пӯсидаистодаро дар аморат сахт танқид карда,

бехабарии руҳониёни исломиро исбот мекард ва ислоҳоти давлатиро ҷиҳати таъмини рушди ҳамаҷонибаи кишвар талаб менамуд. Мутафаккир пешрафти илму техникаи рус, фаъолияти пурсамари ходимони барҷастаи илму ҷамъиятии Русияро мушоҳида намуда, ба андешаҳои уламои дин тоқат карда натавонист. Ӯ эҳсос менамуд, ки қишри соҳибнуфузи ҷомеа ба инкишофи илму маориф тамоман манфиатдор нестанд. Аҳмади Дониш бар зидди андешаҳои ирфонию ишроқӣ, ки мутобиқ ба онҳо ақли инсон дар маҳдудае қарор дошта, дарки табиати аслии ашё ба дониши инсон дастнорас аст, шадидан баромад карда, дар бораи имкони донистани падидаҳои табиат сухан меронд ва дар бархе аз мавридҳо андешаи офариниши инсонро инкор кардааст.

Ҳамаи далелҳои болозикр нишон медиҳанд, ки масъалаи асосии фалсафие, ки Аҳмади Дониш ба он таваҷҷуҳ дошт, ин масъалаи имконияти маърифати инсонӣ мебошад. Аҳмади Дониш бар зидди донистанашавандагии олам сухан ронда, таълимоти мутафаккирони дигарро дар бораи қобилиятҳои маърифатии маҳдуди инсон рад мекунад. Дар асоси таҳлили чунин афкори равшанфикронаи Аҳмади Дониш А.М. Баҳоваддинов ба чунин хулоса меояд, ки то он вақт равшанфикрон фақат зарурати донишу саводро таъкид мекарданд, вале роҳҳои гузаронидани ислоҳоти ҳамаҷонибаро нишон дода натавонистанд. Танҳо Аҳмади Дониш тавонист дар рушди афкори маърифатӣ андешаҳои нав баён кунад. Аз ин рӯ, Аҳмади Донишро А.М. Баҳоваддинов ҳамчун олими далер ва дурандеш, мубориза роҳи озодӣ ва беҳбудкунандаи вазъи иҷтимоии халқ, мунаққиди хурофотпарастии динӣ ва мухолифи истибдоду зулми манғитӣ муаррифӣ намудааст. Дар ин маврид, муҳаққиқ менависад: “Лаҳзаҳое буданд, ки Аҳмади Дониш байни эътиқод ва атеизм калавишҳо дошт ва олим бобати ин масъала бо таассуф навиштааст”.

Муҳаққиқи дигар А. Девонақулов, ки нашри аввали “Наводир-ул-вақоеъ” бо тасҳеҳи ӯ анҷом пазируфтааст, зимни баррасии афкори мутафаккир зикр мекунад, ки андешаҳои ӯ тамоюли моддигароӣ доранд.

Бино бар ин, муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд: “Ҷаҳонбинӣ ва фикрҳои иҷтимоӣ-сиёсии ин марди наҷибро танҳо дар он вақт саҳеҳ муайян намудан муяссар мегардад, ки агар тамоми ҷузъиёти воқеа ва саргузашти мусофирати ӯ ба Русия (1857, 1869, 1874) мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор гирад” [1, с. 12].

Аз ин рӯ, агар ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро амиқ таҳлил намоем, метавон ба хулосае омад, ки тамоми масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти ӯ дар атрофи расидан ба камолоти инсонӣ ва наҷоти мардум аз зулм буда, ба интиқоди шадиди истибдод бахшида шудаанд. Тавре маълум аст, ҳамасрони Аҳмади Дониш кам андешаи дунявӣ дошта, масъалаҳои зиёдро ба сарнавишт нисбат медиҳанд ва ҳар паёмадро чун “насиб” баррасӣ мекунанд, ки яке аз омилҳои боздошти ҷомеа аз тараққӣ ва ҳамчунин, аз зумраи маслакҳое мебошад, ки ояндаи тарафдорони он танҳо пастравӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, хизмати асосии Аҳмади Дониш маҳз дар он аст, ки ӯ  ақидаи схоластикии мусулмононро дар бораи сарнавишт ва тақдири инсон рад карда, одамонро ба ҳаёти фаъолона барои бадастории хушбахтӣ даъват менамояд.

Тибқи баррасиҳои муҳаққиқ А.М. Баҳоваддинов, нахустин шахсони ислоҳотхоҳ дар нимаи дуюми садаи XIX дар Осиёи Марказӣ Курсавӣ ва Марҷонӣ маҳсуб мешуданд, ки аслан тотор буда, ислоҳоти диниро аз ҳокимият талаб менамуданд, аммо бузургтарин намояндаи ҳаракати маорифпарварӣ дар минтақа Аҳмади Дониш буд ва дар ин бобат дигар муҳаққиқони ҳаракати маорифпарварии Осиёи Марказӣ низ шубҳае надоранд. Тибқи таҳлилҳои муҳаққиқон М. Диноршоев ва Ғ. Ашуров, Аҳмади Дониш дар таърихи ҷаҳонбинии фалсафии тоҷик равияи нави маорифпарвариро бунёд намудааст [31, с. 48-59].

Фаъолияти маорифпарварии Аҳмади Дониш ва осори адабию фалсафии ӯ аҳаммият ва таъсири  ниҳоят бузурге дошт. Бино бар ин, тамоми уламои расмӣ ва таблиғгарони барҷастаи мафкураи исломӣ аз ин ҷасорат ва интиқоди Аҳмади Дониш ба даҳшат афтода, ӯро ба «куфру бидъат» айбдор мекарданд. Мирзо Абдулазими Шаръӣ  -  яке аз олимони пешқадами он давр, вақте ки  дар тазкирааш Аҳмади Донишро аз чунин «таънаҳои» уламову

мударрисон ҳимоя мекунад, ҳамин ҳамлаҳои ошкору ниҳони иртиҷоъпарастони замони худро дар назар дошт. Ӯ дар бораи фикрҳои интиқодии Аҳмади Дониш дар тазкирааш чунин навиштааст: «Аз ҷумлаи мусаннафоти мудавванаи комилааш яке «Наводир-ул-вақоеъ» ном китобест, ки аксари абвоби ахлоқ ва фунуни ҳукмия ва муҳозаротро муносиби мақом басту ташреҳ ва зебо намуда... Лоиқи мутолаа ва муколама аст. Ва он чи дар боби тақдир-ул-ҳуқуқ оёт ва аҳодиси воридаро тафсиру таъвили лоиқ, намуда, ба барозайни ақлия аз худуди шаръияи аслия истинботи мафҳумӣ намуда, ки нозир дар бодиюн-назар аз пой даромада ва аз ҷой рафта муттаҳайир мегардад» [4]. Дар зери мафҳуми «бароҳини ақлия», яъне бурҳонҳои ақлӣ, илму донише, ки аз илмҳои динӣ дур аст ва бештар ба доираи фалсафаю табиатшиносӣ дахл доранд, дар назар дошта шудааст. Яъне муосирони Аҳмади Дониш ҳам пай бурда буданд, ки ӯ низоми ҷаҳонбинии мусулмониро аз нуқтаи назари илмҳои табиӣ ва ба маҳаки таҷрибаи зиндагии воқеӣ аз нав санҷидааст.

Андешаҳои маорифпарваронаю озодфикрӣ дар осори ба меросмондаи Аҳмади Дониш бисёр вомехуранд. Ҳамаи ин далолат аз он мекунад, ки ин мутафаккир ягона озодандеш дар садаи XIX дар минтақа ба шумор мерафт.

Ба масоили дунявӣ майл кардани Аҳмади Дониш ва дар ин замина пайдо шудани афкори ӯро бо вижагиҳои дунявӣ муҳаққиқ З. Раҷабов чунин ба қалам додааст: “Дар рисолаи Аҳмади Дониш таҳлили сабабҳои ақибмонии мадании аморати Бухоро мавқеи махсусе дорад. Ба гуфти Садриддин Айнӣ, танқиди усулҳои таълим дар мактабу мадраса, танқиди мударрисон ва руҳониёни расмии бесаводи Бухоро, ки номи уламоро доштанд, яке аз хизматҳои бузурги Аҳмади Дониш мебошад. Дар Бухоро набудани нишонаҳои одитарини маданияти дунявӣ – театр, клуб, китобхона, матбаа, литография ва набудани умуман матбуот маорифпарвари моро ба изтироб меовард; дар мактабу мадрасаҳо фиқҳу қавоиди динӣ, ки ба ҳақиқат ҳеҷ алоқа надоштанд, омӯхта мешуданд; дар Бухоро ягон муассисаи тиббӣ, ки дар асоси медитсинаи аврупоӣ кор мебурда бошад, набуд, дар мамлакат шайхони

фиребгар, табибу фолбинҳое худсарона амал мекарданд, ки бо “табобат”–и худ одамонро маъюбу маслуқ карда, ҳазорон-ҳазор касро мекуштанд. Аҳмади Дониш дар сарсухани “Наводир-ул-вақоеъ” бо ғазабу нафрат навишта буд, ки дар Бухоро “Сайқалнома” ва “Абумуслимнома” барин китобҳое паҳн шудаанд, ки майнаи мардумро гарангу гиҷ мекунанд” [86, с. 157].

Академик Б. Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” ба таълимоти Аҳмади Дониш баҳогузорӣ карда, ӯро поягузори афкори маорифпарварӣ ва ҷонибдори азалияту абадияти олам дар Осиёи Марказӣ медонад: “Аҳмади Дониш дар ақидаҳои фалсафии худ дар мавқеи идеалист монда, монанди Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём ба таълимоти абадияти олам ва офарида нашудани он мухлис будани худро низ изҳор доштааст, ки ин дар шароити онвақтаи пуртаассуби Бухоро ҳамаи пояҳоро ба ларза медаровард” [50, с. 279].

Бартарии Аҳмади Дониш аз афроди дигари маорифпарвар инчунин иборат аз ин аст, ки бо вуҷуди ошноӣ бо равияҳои мухталифи илми муосир ва сафарҳои хеш ба империяи Русия гароиш ба фарҳанги бегона надорад, агарчи паҳлуҳои судманди фарҳанг ва тамаддуни аҷнабиро бо далели рушди ҷомеаи Русия истиқбол менамояд ва омилҳои ақибмонии аморати Бухороро дар ин замина мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккир аз монеаҳое сухан меронад, ки ҷомеаи Бухороро аз рушд бозмедоранд. Ба қавли ӯ, ҷомеаи мусулмонон дар Осиёи Марказӣ бештар ба бовариҳои динӣ дилбастагӣ дошта, ҷиҳати рушди илмҳои табиатшиносӣ ба онҳо имкон намондааст, чунки дар амр ба маъруф, ки ҳар фарде аз руҳониён мекунанд, дунё ва фикри дунявӣ мазаммат мешавад.

Тамоми осори гаронбаҳои Аҳмади Дониш аз фасоди ҳокимону камхирадии мансабдорон гувоҳӣ дода, мушкили ҷомеаро мутафаккир дар рафъи низоми таваккулии умарои манғит мебинад ва тафаккуре, ки мутафаккир думбол гирифтааст, ба дин иртибот надошта, бештар ҷанбаҳои интиқоди динӣ дорад. Масалан, дар “Рисола...” зимни баррасии ҳукумати

амир Музаффар таваҷҷуҳи ӯро ба дуову салот изҳор дошта, ин андешаро таъкид менамояд, ки дар Бухоро хурду бузург дуоро аз камхирадӣ муҳофизи давлат пиндоштаанд: “Дигар коре, ки амир дар бақои давлату ривоҷи салтанат дахлдор мепиндошт, дуову салот буд ва шамшеру тозиёна. Шамшер барои он ки барои султон зар биҷӯяд, тозиёна ҷиҳати он ки ба султон зану духтар надиҳанд. Дуову салот ҳофизи давлат асту бас” [6, с. 56].

Ҳамин гуна далелҳо дар ҳамаи асарҳои Аҳмади Дониш вомехуранд, ки дар онҳо мушкилоти рӯзгор, аз қабили суистифода шудани дин ва тамаъхоҳиву тамаъҷуйии мансабдорон аз нигоҳи интиқодӣ баррасӣ мешаванд, аммо дар ҳеҷ сурат маорифпарвари тоҷик андешаи таблиғи дин, ё худ ислоҳталабии диниро ба миён нагузоштааст. Ба қавли мутафаккир, миллатҳои дунё ягона роҳи рушд доранд ва он ҳам огоҳиву лаёқати фарқ гузоштан миёни сафеду сияҳ маҳсуб мешавад.

Миёни маорифпарварони ин даврон шахсиятҳои зиёде буданд, аммо ҳеҷ кадом аз онҳо бо Аҳмади Дониш қиёспазир нест. Ба ақидаи мо, чунонки болотар ҳам таъкид кардем, танҳо Мароғаиро бо асари машҳураш таҳти унвони “Сайёҳатномаи Иброҳимбек” ва Мавлоно Иқболи Лоҳуриро бо таълифоти насриаш зери унвони “Эҳёи фикри динӣ дар ислом” бо шоҳасари Аҳмади Дониш “Наводир-ул-вақоеъ” метавон қиёс намуд. Зеро дар нимаи дуюми асри XIX ҳамзамон чандин рисолаҳои маорифпарварона иншо гардидааст, ки яке аз зумраи чунин рисолаҳои сиёсӣ маҳз осори мазкури Аҳмади Дониш маҳсуб мешавад.

Нависандаи эронӣ Мароғаӣ низ дар рисолаи иншошудааш бо номи “Саёҳатномаи Иброҳимбек” муҳити тангу тор ва фисқу фуҷури Эрони онзамонро ба қалам оварда, дар зиндагии қаҳрамони асар ҳубби Ватанро таҷассум намудааст. Аз ҷумла, мусанниф менигорад, ки давлату миллат агар дар шакл аз ҳамдигар ҷудо ҳастанд, аммо дар маънӣ яканд ва давлатдор касеро гӯянд, ки Ватан бо номи миллати ӯ муаррифӣ мешавад. Ҳамчунин, Аҳмади Дониш низ дар “Наводир-ул-вақоеъ” омили ҳастии башарро дар ободу хуррам сохтани дунё муаррифӣ намудааст: “Ва моро овардаанд то

ҷаҳонро обод дорем ва баҳрҳо ва конҳо бикшоем ва аҷоиботи олами арконро зоҳир гардонем. Ва моро аз лавозим аст, ки таҳқиқи милали аҳли олам кунем ва сара аз сақат маълум кунем” [4, с. 153].

Аҳмади Дониш ба ин қонеъ нагардида, дунявият ва омӯхтанро сарманшаи худогоҳии инсон мешиносад ва оқибат ба андешае меояд, ки чаро айни замон ҳикмати Юнон беш аз дигарон паҳн гардидааст? Воқеан, инсон чун аз таҳқиқи табиати хеш канор рафту ҷуёи асли хеш шуд, ба муҷассамае монанд мешавад, ки аҳли ҷомеа ӯро мебинанду аз ӯ ҳеҷ манфиате намебардоранд. Андешаи мобаъдуттабиӣ, яъне метафизикӣ моро аз ҳақиқати маҳз ба канор кашида, водор менамояд, ки беҳуда ва хориҷ аз хеш фикрронӣ кунем: “Ҳеҷ ҷойи аҷобат надорад, аҷаб он ки оқил бад-он тааҷҷуб орад, балки аҷаб он бувад, ки бояд ки ҳаким маҷмуи модда ва ҳаюлои олами улвӣ ва сифлиро кашф кунад ва ҳақиқати онро дарёбад, ки инҳо барои чӣ махлуқ шудаанд ва ба ҷиҳати чӣ? Ва асли онро биталабад, ки ин обҳо аз кадом баҳр аст ва ин гулҳо аз кадом гулзор ва ҷуёи ӯ шавад” [11, с. 45].

Дигар матолибе, ки мавқеи мутафаккирро аз уламои дигари вақт ва ҳаракатҳои динӣ чун ҷавонбухориён ҷудо сохтааст, интихоб байни тақлиду таҳқиқ аст. Ба қавли Аҳмади Дониш, инсони соҳибфикр бояд роҳи таҳқиқро аз тақлид бартар донад: “Ҷаҳд кун ва ҳиммати олӣ пеш ор, ки мартабаи инсонӣ ҳосил кунӣ ва халқро бад-он раҳнамой кунӣ, чунонки кори муқаррабон аст аз абнои ҷинси ту. Ва ба тақлиди обо ва аҷдод сулук макун, ки ту ҳам истеъдоди ин маънӣ дорӣ, яъне муҳаққиқ бош, на муқаллид” [11, с. 25].

Аҳмади Дониш, ба андешаи мо, дар баъзе ақидаҳояш дар миёни тоҷикияту мусулмонӣ ва дар васати дину дунё мекалавад. Шояд агар ин калавиш дар осори фалсафии мутафаккири маорифпарвар намебуд, ӯро чун ҳазорон нафар, ки ба куфру зиндиқа гунаҳкор дониста, ҳамарӯза ба дор меовехтанд, мекуштанд ва осорашро месӯзониданд. Чунин буд муҳите, ки дар он мутафаккир ба камол расида, худ ва ин муҳитро маърифат намуд ва осори гаронбаҳое ба ёдгор гузошт, ки дар он фикри миллӣ бар андешаи аҷнабӣ

ғолиб омадааст. Аввалан, донишманд аз таърихи басе қадим далел оварда, исбот менамояд, ки дар Бухоро инсонҳои ғайримуқаррарӣ салтанат рондаанд. Сониян, усули давлатдории манғитияро ӯ қабул надорад ва ягона назми давлатдории хонадонҳои Саффорӣ ва Сомониро дар "Наводир-ул-вақоеъ" тавсиф менамояд. Мулоҳизаҳое, ки Аҳмади Дониш дар ин бахш матраҳ месозад ва суханони ӯ, ки дар фаслҳои оянда таҳлил шудаанд, моро ба хулосе меоранд, ки ӯро аввал тоҷик, баъдан мусулмон гуем, иштибоҳ нахоҳад буд.

Инчунин тарзи тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии мутафаккир бо дарназардошти баррасии дину дунё ба ин андеша меорад, ки ин донишманди маорифпарвар тадриҷан бо ҷаҳонбинии илмӣ мусаллаҳ гашта, тафаккури дунявиро аз ақидаи динӣ боло гузоштааст. Ин вижагиҳои осори мутафаккир моро водор месозад, ки Аҳмади Донишро дар муқобили таълимоте баррасӣ кунем, ки асли пайдоиши онҳо панисломизм маҳсуб мешавад. Ё худ мактабҳое, ки ҳазорсолаҳо муқаддам ягона роҳи наҷотро дар "тарк аз дунё" муаррифӣ карда, ба таблиғи "ишқи марг" пардохта буданд. Масалан, роҳибону зоҳидони яҳуд, ки дар Байтулмуқаддас зиста, дунёро маҳрум аз арзиш арзёбӣ менамуданд ва омода буданд, ки бо дунё падруд гуянд. Вазъи чунин роҳибону зоҳидонро Носири Хусрав дар "Сафарнома" инъикос намудааст. Ё худ маслакҳое, ки дар тасаввуфи исломӣ вижагиҳои радикалӣ доштанд, чун "маломатия" ва "қаландария" ва ғайра. Аммо Аҳмади Дониш, ки аз ҳамаи маслакҳои қадиму нав воқиф буд, дин ва унсурҳои онро дар дунё матраҳ намуда, мутмаин аст, ки инсон биҳишту дӯзахро дар ҳаёти индунёӣ худ барои худ бунёд месозад.

Бо сабабҳои болозикр Аҳмади Дониш молро мадори зиндагии дунявӣ меномад ва доштани молро аз некуаҳволии афрод дар ҷомеа донистааст: "Мадори зиндагонии дунё бар мол аст ва мардум ҳама аз шоҳу гадо косибанд ва касб ба муатталӣ сурат набандад ва тамоми аҳли олам ҳар гуна ҷидду ҷаҳде, ки доранд, барои мол аст ва ҳамин қадар беш нест, ки тариқи

иктисобро ҳар яке доме алоҳида ниҳодаанд ва муктасибро номе алоҳида" [8, с. 43].

Гузашта аз ин, мутафаккир зимни суҳбат ва муҷодалаву муколамаҳои судманде бо марди фарангӣ масъалаҳои таҳрифшударо дар матнҳои муқаддас ёдоварӣ карда, бо рамзу ҳарфҳои пардапӯшона аз забони фарангӣ менависад: "Бале, китобҳое, ки масеҳиён онҳоро муқаддас медонанд, дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҷониби афроди мухталиф таҳриф шудаанд, аммо магар китобе, ки мусулмонон ба он бовар доранд, таҳриф наёфтааст? Ин мубоҳиса далели он аст, ки китобҳои муқаддас фақат дар зоҳир мавриди эҳтироми диндорон аст, аммо дар воқеият мо мебинем, ки афроди бо чунин китобҳо мусаллаҳшуда амалҳоеро анҷом медиҳанд, ки ба онҳо мутобиқат надоранд. Инак, он суҳбат: "Ман боре аз ғурур, чунки чашмам дар зоҳир буд, пеши масеҳии олим дар таҳрифи дини насоро нуктаҳо ва амсол мерондам, вай қабул мекард ва эътироф менамуд. Он гоҳ гуфт: "Инсоф деҳ, ки алявм ин дин, ки шумо иттихоз кардаед, низ мунҳариф аст. Ва ба он дин, ки саҳобаи расул алайҳиссалом буданд ва тобеин бад-он тамассук менамуданд, ҳеҷ шабоҳат надорад ва илло ин микдор, ки ба забон мегуед: "Ло иллоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ", - ва мо низ мегуем. Онгоҳ фазоилу маосири саҳобаро маа тобеин, ризвонуллоҳи алайҳума аҷмаин баршумурд. Инодан ва мукобаратан ба ҳар кадом аз эроди ӯ ҷавобе рақиқ ҷиҳати тавофуқ медодам, аммо қуввати нотиқаам дар ботин мабҳуту хиҷил буд" [4, с. 99].

Ин иқтибос гувоҳ аст, ки ҳеҷ дине дар даврони муосир бе таҳриф намондааст ва ислом, ки аз забони амр ба маъруфгарон бартар аз динҳои дигар арзёбӣ мегардад, дар навбати худ чун маслаки раҳбонию зоҳидӣ ва дунёбадбинӣ ифшо мешавад, яъне, мундариҷаи динҳои яҳудӣ ва масеҳӣ, ки дар раҳбонияту зуҳд нуҳуфтаанд, айни замон бо дахолати уламои дин дар ислом низ нуфуз пайдо кардааст, ки далели боэътимод дар таҳрифи дини ислом маҳсуб мешавад. Ин ҳақиқатро Аҳмади Дониш дар баҳс бо фарангӣ ошкор мекунад, аммо ҷавонбухориён ягона омили ислоҳи ҷомеаи ақибмондаро дар бозгашт ба замони садри ислом донистаанд.

Афкори дунявии Аҳмади Дониш саршор аз ҷаҳду кӯшиш аст ва ин андеша ӯро дар зиндагӣ ба муборизтарин аҳли Бухоро табдил додааст. Дар рисолае, ки он ба овардани кишвар ба низом бахшида шудааст, Аҳмади Дониш ақлу хирадро пояи аслии давлатдорӣ муаррифӣ мекунад. Масалан, дар шарти нуҳум аз зумраи даҳ шарти татбиқи адл дар давлат оид ба ақл чунин менигорад: “Ва билҷумла то ғазабу шаҳват мусаххари ақл набошад, адл сурат набандад. Ва адл аз камоли ақл хезаду камоли ақл он бувад, ки ғаври корҳо чунончи ҳаст, бидонаду бибинад ва ҳақиқату ботини он дарёбад ва ба зоҳири он ғарра нашавад... Ҳар ки оқил нест, одил нест ва он ки одил нест, ҷояш дӯзах бошад ва аз ин ҷиҳат сари ҳама саодатҳо ақл аст” [8, с. 31].

Муҳаққиқи тоҷик А. Девонақулов дар пешгуфтори китоби дуюми “Наводир-ул-вақоеъ” бобати эътибор додани муаллиф ба дунё чунин мегӯяд: “Аҳмади Дониш ҷомеаро дӯст медорад. Вай барои зисти осоиштаву беҳбудии аҳволи моддиву маънавии ҳар фарди ҷамъиятӣ ғамхорӣ зоҳир менамояд” [4, с. 8]. Ин баҳогузорӣ воқеӣ аст, зеро худи мутафаккир дар ин боб мегӯяд: “Дар диёри мо аҳли ҳунарро сағиру кабир душман медоранд” [4, с. 31].

Агар ба муҳтавои осори Аҳмади Дониш бингарем, пай мебарем, ки ӯ мехостааст аморати Бухоро чун кишварҳои мутараққӣ рушд кунад ва ҳамчун пешоҳанги давлатҳои минтақа муаррифӣ шавад, аммо боис ба нигаронии мутафаккир аст, ки ҳар чизе номутаносиб аст, хоси Бухоросту рушди дилхоҳ хориҷ аз он аст. Дар ин бобат мусаннифи “Наводир-ул-вақоеъ” менигорад: “Ваҷҳи хамули ман он будааст, ки ман ободии мамлакатро меҷустам, аммо ҳукми қазо бар харобии ин мулк ҷорӣ буд” [11, с. 274].

Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи тараққиёти мамлакатро дар маърифатнокии халқ медид. Ӯ ба ҳайси маорифпарвари муътақиди замони худ камбудию норасоиҳои ҷомеаро дар тарзу усулҳои нодурусти низоми кишвардорӣ ва сохтори давлатӣ, дар вижагиҳои схоластикию ирфонии таълиму тадрис дар мадрасаҳову мактабҳои шаҳри Бухоро дида, роҳҳои нави раҳбарии оммаро пешниҳод кард, ки бо дигаргунсозии куллӣ дар ҷамъият алоқаманд аст. Аҳмади Дониш

дар дигаргунсозии инқилобии шуури худ, пеш аз ҳама, ба омилҳои пешравии тамаддуни дигар кишварҳо (хусусан Русия) такя карда, онҳоро бо сахтгирии схоластикии Осиёи Миёна муқоиса намудааст. Ӯ ҳамчун мутафаккири маорифпарвар яке аз сабабҳои асосии норасоиҳои сохти пӯсидаи аморати Бухороро дар кам будани маърифати ҷомеаи мавҷуда медонист ва ислоҳ намудани ин вазъиятро талаб мекард.

Аҳмади Дониш бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва таърихӣ сабабҳои таназзули сохти давлатдории сулолаи Манғития ва паст будани низоми таълиму тарбия дар мактабу мадрасаро ошкор намуда, бо ҳадафи сифатан тағйир додан ва рушди низоми сиёсӣ тибқи барнома, стандартҳои нави тадрису таълим изҳори назар кардааст. Дар мактабҳои Бухоро, ба қавли Аҳмади Дониш, илмҳои муфид намеомӯхтанд, муллоҳо талабагонро ғорат мекарданд. Аҳмади Дониш моҳияти схоластикии илмеро, ки дар мактабҳои он айём дар Бухоро таълим дода мешуд, фаҳмида, роҳҳои ислоҳи онро дар тадриси улуми табиатшиносӣ дидааст. Аз ин рӯ, ӯ борҳо таъкид кардааст, ки бартарии аврупоиҳо аз бухороиҳо дар таҳқиқи сабабҳои мушкилот аст. Аҳмади Дониш ҳамчун пешвои мафкуравии маорифпарварӣ, инчунин ба нақши илм ва тафаккури инсонӣ дар рушди ҷомеа боварӣ дошт. Ба ҳамин сабаб дар оғози фаъолияти маорифпарвариаш мисли дигар ислоҳотгарони ҷаҳони мутамаддин бо пешниҳоди барномаи ислоҳот аз ҳокимон тақозо мекард, ки дар низомҳои мавҷудаи давлатдорӣ тағйирот ҷорӣ намоянд. Аммо ҳокимон аз гузаронидани ислоҳот қатъиян даст кашиданд.

Сабаби ба вуқуъ пайвастани нобасомониҳо дар аморат ва надонистани ваколату меъёри табақоту равияҳои мухталиф дар ҷомеаи Бухоро ба ибораи мутафаккир «беилмӣ» мебошад. Бобати паҳнсозии хирадгароӣ ва мусаллаҳ будани омма бо донишҳои аввалия ҷиҳати тасаллут наёфтани бегона дар умури давлатдорӣ Аҳмади Дониш аз муосиронаш даъват ба амал меорад, ки аввал касб ихтиёр кунанд ва баъдан, илмҳои дунявиро омӯхта, дар рақобат бо ғайри худ ҳамеша ғолиб оянд: «Ва ин беилм ва ҳадси фитрӣ ба даст наояд. Ва илм бе муқобилаи ҷаҳл маълум набошад. Ва чун меъёри илм маълум

шавад, ҳар чи нақизи он бувад, ҷаҳл бошад. Ва бад-ин зобита олим аз ҷоҳил мумтоз гардад» [7, с. 31].

Дар маҷмуъ, дар масъалаи боварӣ ва адами он дар ҷомеаи дилхоҳ мушкилӣ агар аз назари таассуб ва ҷаҳолат баррасӣ шавад, пас ҳар як фард кӯшиш хоҳад кард, ки дар ҷамъият ҳарфе гуфта шавад, то дигарон онро қабул кунанд, яъне инсон майлу хоҳишҳои дигаронро ба инобат гирифта, назари худро пинҳон медорад, зеро эътимод дорад, ки аксар ҷомеа дар ҳоли таассубу ғафлат ва нохудогоҳӣ қарор дошта, баҳсу мунозараро истиқбол нахоҳанд кард. Дар муҳите, ки Аҳмади Дониш зиндагӣ мекард, бепарда сухан гуфтан ва гузашта аз он, ибрози андешаи интиқодӣ кардан як қаҳрамонӣ буд ва бино бар ин сатҳи афкору ҷаҳонбинии илмии Аҳмади Дониш ба ӯ имкон дод, ки боварҳои диниро хориҷ аз масъалаҳои давлатдорӣ баррасӣ кунад, чунки тули ҳазор сол мусулмонон ба ҳифзи оятҳову абёти шоирон икдом менамуданд, дар ҳоле ки ҳифзи матн ё дастнависи дилхоҳ он маъноро намедиҳад, ки ҳифзкунанда маъниро дарк кардааст ва донистан бо зӯри ҳифзу қироат ба даст намеояд. Пас ягона роҳи тараққӣ ва хориҷ гардидан аз бозмондагӣ чист? Тафаккури дунявӣ, ки Аҳмади Дониш онро аз ҳама муқаддам медонист, омили асосии рушду тараққӣ буда, ҳаст ва мемонад. Аз ин рӯ, мутафаккири маорифпарвар аз «илми авроқӣ» ҳарос дошта, онро сабаби қафомонии ҷомеаи Бухоро пиндоштааст. Дар ин маврид, дар «Наводир-ул-вақоеъ» мехонем: «Ва ин мардум он чи дар мобайни авроқ ёбанд (агар пуку музахраф бошад), насси қотеъ гумон кунанд ва он чи дар кутуби мутадовилаи эшон, чун «Сайқалинома» ва «Бумуслимнома» набувад, онро пуку музахраф шиносанд» [1, с. 21].

Иловатан, Аҳмади  Дониш ба сатҳи донишҳои муосиронаш тамасхурро раво дида, тарзи фикрронии онҳоро, ки ба масъалаҳои зоҳирӣ менигаранд, на ба ботини мушкилот, чунин интиқод менамояд: «Дареғ, ки ҷаҳон надидаанд, балки ба ҷаҳон нарасида, балки ҳамон аз машимаи раҳим ба ҳуляи пурпеч афтода, чашмаке бозу даҳонаке кушода доранд. Ва мазиқи маҳдро хона ва фазои хонаро ҷаҳон эътиқод карда. Донистани «фӣ»-дар «ало» – “бар”-ро

илм донанд, тарсеи «дар Самарқанд гурба ях нахӯрад»-ро ҳунар шуморанд» [3, с. 117].

Гузашта аз ин, Ғарбу Шарқро бо ҳам муқоиса карда, Аҳмади Дониш оқибат ба андешае мерасад, ки донишу фарҳанг доштан хоси ҳокимони фаранг аст. Аммо сабаби нодонии ин гуна мардум дар Шарқ чист? Чаро ҳама пешгомони мо гарангу данг ҳастанд? [3, с. 123] Ба ин саволҳо посух ёфта, мутафаккир таъкид менамояд, ки фарангиён дар ҳеҷ поя аз талаб мавқуф нашуданд, зеро ғарази ободии дунё доранд. Ғараз аз вуҷуди эшон обод доштани ҷаҳон аст ва зоҳир сохтани ҳақоиқи олами аҷсоми касифа, то кӯрбасиратон нагӯянд, ки "ин хоки сиёҳ барои чӣ офарида шуд?" [3, с. 124]

Аҳмади Дониш нодонӣ ва ҷаҳолати мардуми Шарқро дида, кӯшиш кардааст, ки рӯйдодҳои печидаи ҷаҳонро дарк кунад, сарчашмаҳо, замина, таъсир, ақибмондагии ҷомеаи Бухороро биомӯзад, чунки дар аморат қонунгузории давлатӣ набуд ва аз рӯйи қонунҳои исломӣ зистани мардум як навъ манфиатҷуйиву суистифодабариро ба бор оварда буд, ки дар Ғарб чунин вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар садаи XVII «меркантелизми иҷтимоӣ» ном бурдаанд. Тибқи ин фаҳмиш ҷомеа кореро анҷом медиҳад, ки аз он суд бибарад ва хоҳиши дарк ҳам надорад, ки фоидаи ба дастовардааш зарар бар дигарон мебошад. Ҷомеаи Бухоро бошад, дар гуфтор пайрави имом Абуҳанифа буданд, аммо дар амалу рафтор мухолиф ба мазҳаби ӯ амал менамуданд. Дар ин асос баррасии афкор ва фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш нишон медиҳад, ки амал, яъне майл ба дунявият, дар тасаввури ӯ омили тараққӣ мебошад. Масалан, ин ҷумларо метавон таҳқиқ намуд, ки тибқи он мутафаккир дунёро амал пиндоштааст: «Ва ин дунё дори амал аст ва амал бе ранҷ ба даст наояд» [3, с. 272].

Вобаста ба ин як ручуе намуда, бояд таъкид сохт, ки инсонро на танҳо молпарастӣ ҳарис сохтааст, балки он вижагиҳои бархурдкунанда ба дунё ва ашёву зуҳуроти ин олам, ки дар раҳнамоии динӣ мавҷуданд, ба вижа зимни баррасиҳои охират, башарро ҳарис сохта, онҳоро ба сӯйи канор рафтан аз ҷамъият бурдаанд. Чун мо нисбат ба вижагиҳои дунё ва охират ҳарис ҳастем,

бидуни гуфтугӯ дӯзаху биҳишти дар китобҳо зикршударо дар рӯзгорамон худамон бунёд менамоем. Ҳамчунин, азҳадгузаштагӣ дар масъалаҳои охират аксар диндоронро ба гумроҳӣ раҳнамун сохтааст, хоса маргталабӣ ё худ изҳори андешаҳои ноҷое чун «ишқи марг». Аммо ниёгони тоҷикон чунин вижагиҳои мазҳабӣ надоштанд, чунонки имрӯз ҳастанд. Дар кишвари мо зистан он маъноро дорост, ки шумо дар ҳар лаҳзае иштибоҳан тасаввур хоҳед кард, ки ғайб ба назорат ва неку бади шумо шарик мебошад, чунки ҳама чиз ва ҳама масъалаҳо тибқи боварҳои динӣ баррасӣ шуда, ҷиҳати рафъи онҳо ба дин муроҷиат мешавад. Мо ба ҳар чиз, ки муроҷиат кардем, ҳатман аз он манфиат меҷуем ва чун дар баррасӣ суд наёфтем, дасту по бармедорем ва ҷойҳоеро аз нав ҷустуҷӯ хоҳем кард, ки он ҷо аққалан манфиати мо бошад. Мо ҳатто комёбиҳоро ба дигарон нисбат медиҳем ва аз бегонагон сипосгузор ҳастем, ки дар таъйини сарнавишти мо бо мо шариканд. Аз ҷумла, такопӯҳое, ки ҷиҳати баррасии афкор ва фарҳангу тамаддуни исломӣ анҷом медиҳем, оқибат бар зиёни дигарон ва бар суди бархе аз мусулмонони бегона тарҳрезӣ хоҳанд шуд. Чаро? Чунки мо ҳама гуна ҳаводиси рухдодаро аз сарнавишт мебинем ва озодии иродаро дар корҳо қабул надорем. Агар яке аз ошноён бо мо салом арз накард ва ё худ фарде аз мо шикоят бурд, бидуни мулоҳиза аз хеш гумонбар мешавем ва мегуем: чӣ гуноҳе аз мо гузашт, ки Яздон моро маҳкум намудааст! Дар муқовимат зуд доду валвала мебардорем, ки ин ҳама нокомиҳо аз исломситезист. Бубинед, ки ҳатто муборизаҳои баъзе бегонапарастон хусусияти мазҳабӣ дошта, дар он ниёзмандиҳои мо таҷассум наёфтаанд. Андаке маҳзун шавем, ҳатман аз худ суолгузорӣ мекунем, ки кадом амали бадро дар нисбати мусулмонон анҷом додем. Чун роҳҳои рушди молиявии хонаводагиро напазируфта, амиқан барои такмил иштиёқ надорем ва хештанро ҳамроҳ бо аҳли байт дар чаҳордевори хона маҳбус сохтаем, боз мегуем, ки дар пастравии мо қудрат ё сарнавишт гунаҳгор аст. Заифон ҳамеша умед бар дигарон доранд ва рушди худро низ дар эшон меҷуянд. Дар ин росто Аҳмади Дониш бар он ақида аст, ки он чи бар мусулмонон хос бояд бошад, дар аҳли куфр мебинем ва баръакс, чунки иғвоҳои шайтонӣ ва

кинаҳои нафсонӣ аз ҳиқду ҳасад ва учбу кибр ва бемурувватӣ дар миёни мусулмонон бештар аз он аст, ки дар миёни кофирону мушрикон [3, с. 273].

Аҳмади Дониш бар худ муносиб дидааст, ки пайравони як динро бо намояндагони дини дигар муқоиса кунад ва гузашта аз он, мусулмононро камтар аз мушрикон дониста, бар замми ин, боз иддао кунад, ки таҳриф, чунонки болотар ҳам қайд кардем, на фақат дар Инҷилу Таврот, балки дар ислом низ роҳ ёфтааст. Ин гуна баҳсҳои озод дар замони амирони манғит сахт муҷозот мегардиданд, аммо бо вуҷуди ин ҳама назари танги амалдорон Аҳмади Дониш кӯшидааст ошкор фикри худро изҳор намояд ва омилҳои рушду тараққиро бо тафаккури дунявӣ мавриди арзёбӣ қарор диҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки нақши Аҳмади Дониш дар густариши ҳувияти милливу фарҳангии халқи тоҷик то кунун аҳаммияти басе судманд дошта, минбаъд низ саҳми созандаро дар болоравии сатҳи ҷаҳонбинии илмии мардуми мо бояд бозад, чунки имрӯз ба хурду бузург маълум аст, ки хурофот ва таассуб роҳи наҷот нест ва агар миллате хоҳад тараққӣ кунад, бояд ба рушди илмҳои дунявӣ ва табиатшиносӣ рӯ оварад. Фарқи таълимоти Аҳмади Дониш аз мутафаккирони дигари онвақтаи тоҷик маҳз таваҷҷуҳи бештари ӯ ба масъалаҳои дунявӣ ва илмҳои табиатшиносӣ маҳсуб мешавад.

Дар бештари мавридҳо миёни мусулмонон дунё дар муқобили дин истифода шуда, зимни пазироии он андешаи канор рафтан аз дунё ба унвони наҷот аз олудагиҳои инҷаҳонӣ баррасӣ мегардад. Дунё дар тазод бо вожаи «охират» қиёс шуда, андешаи нодуруст дар мавриди он тавассути амр ба маъруфҳо паҳн гардидааст. Дунёро бештар ба маънии қаноат наварзидан донистаанд ва ибораи «тарки дунё» дар асли пайдоишаш дар заминаи аксуламали пурхурӣ ва пургуйӣ тавлид ёфтааст. Ба қавли мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш, сарчашмаи ҳамаи дунёбадбиниҳо ва дунёгароиҳо худхоҳӣ ва нохудогоҳӣ аст: «Ва ҳамаи он хитобот, ки дар боби ашхоси аҳлуннор омада, ҳама омми мутлақ аст. Ва ҳар ҷо дар калом ваъдаи

биҳишту ҳуру қусур ояд, мосадақи он худро донистан ва ҳар ҷо ваиди дӯзаху азоб бошад, онро махсуси ғайр донистан» [2, с. 70].

Яке аз омилҳои дунёро бад гуфтан зуҳду тақво аст ва чун инсон аз хотири қаробат пайдо намудан бо Худо ба риёзат рӯ меоварад, нафси ӯ бештар мехоҳад, ки бо ин амалҳояш тақарруб ҷуяд ва оқибат чунин зуҳд аз зумраи аркони нодонӣ зимни адои меъёр мешавад, аммо он низ чун аз садди муқарраргардида гузашт, бегумон ба зоҳидӣ табдил меёбад. Асли маънии дунявӣ ба фарогирии шуғл ва дарёфтани мавқеи муносиб дар муҳит ва ҷомеа мебошад, ки онро Аҳмади Дониш дар муқобили тарк, яъне ҷамъ пиндошта, якеро бар зидди дигаре муқоиса кардааст: «Фавоиди ҷамъ алалиҷмол он аст, ки мард неку бихурад, хуш бипӯшад ва ба ҳар ки хоҳад, бидиҳад ва бихуронад ва танокуҳ ва таносул орад ва айши софӣ таҳсил кунад ва зироату тиҷорат намояд. Ва ҳамаи ин маонӣ дар тарк мафқуд бувад, балки маъкус, ки давом гурусна бошад ва пашмина ва дурушт пӯшад ва ба касе додан натвонад, балки то тавонад бигирад ва кам бихуспад ва кам бихурад ва бе зану фарзанд бошад ва узлат гирад ва дар харобаҳо муқим бувад. Ва ин ду муқаддима ба ҳамдигар зиддонанд, ки ҳеҷ нафс ҷое, ки ҷамъ бувад, таркро ихтиёр накунад» [2, с. 71].

Ба қавли Аҳмади Дониш, сиришти инсон инчунин тақозо мекунад, ки ҳамеша хештанро ӯ аз бегона афзал шуморад ва худро хуб нишон дода, ғайрро ба бад мутаҳҳам созад ва дар ҳеҷ сурат ғайри худро бар хештан бартарӣ надиҳад, чунки агар дигарро бар худ афзал донист, пас ҳатман аз бегона таъсирпазир мегардад ва худро аз даст медиҳад. Таърих низ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ рӯйдоде нест, ки тибқи он миллате ба миллати дигар итоат намояд, агар он бо роҳи ҷанг сурат нагирифта бошад.

Дар баробари ин, Аҳмади Дониш ҳамеша мекӯшид, ки ба падидаҳои нофаҳмо посухи муносиб пайдо кунад. Чунин саволҳоро дӯстони муаллиф дар бораи пайдоиши ҷаҳон ва номувофиқатии чунин андешаҳо ба тасаввуроти динӣ бештар медоданд. Аҳмади Дониш инчунин сабаби даст кашидан аз озодии иродаро шарҳ дода, ба хулосае меояд, ки ирода ба ҳар

амал натиҷаи талошҳои ақлии инсон мебошад. Бахусус, дар мавриди тафовути ақлу истеъдод, хирад ва дониш бо уламои дарбор баҳс карда, Аҳмади Дониш бо ноумедиву таассуф роҳҳои дур шудан аз аз чунин касонро ҷустуҷӯ мекунад.

Ба ақидаи Аҳмади Дониш, такмили маънавии инсон бидуни шинохти гузашта, имрӯз ва фардо имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мутафаккир инсонро аз равишҳои гуногун таҳқиқ мекунад: инсон на танҳо дар фазо ва замони муайяни олами моддӣ вуҷуд дорад, балки фазо ва замони олами маънавӣ низ дорад. Асоси баҳсу Мунозараи мутафаккир бо ҳамзамононаш масъалаҳое мебошанд, ки дар доираи тангу тори аморати Бухоро гузошта шуда, дахолати инсонро нисбат ба сарнавишти худ ва дигарон бозгӯйӣ менамоянд.

Дар фаъолияти маорифпарваронаи Аҳмади Дониш масъалаи таълиму тарбия мавқеи хоса дорад. Махсусан, ин масъала дар ҳикоятҳои «Наводир-ул-вақоеъ», мисли «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» инъикос ёфтаанд. Ӯ чунин меҳисобад, ки ҷавонон ҳангоми интихоби ҳунар ва азхудкунии дониш на танҳо манфиатҳои худ, балки манфиатҳои дигаронро низ қонеъ гардонанд, яъне он ҳунар ва донише, ки ҷавонон аз худ кардан мехоҳанд, бояд барои ҳамаи мардум ва ҷомеа зарур  бошанд. Мақсади рӯоварӣ ба ҳунар  қонеъ кардани ниёзи мардум мебошад, ки аз дастёбӣ ба касб ҳар гуна ҳадафҳои ғаразнок, хоҳиши фоида ва зиёдаравӣ ва нафъи ҳунарро барои инсон дур созад, бояд худи шахс таъкид кунад, ки ӯ ба кумаки касе ниёз надорад ва ба кори хайри касе вобаста нест. Аҳмади Дониш чунин мепиндошт, ки барои ҷомеа аз ҳама зараровар он аст, ки одамон ҳангоми интихоби касб дар назди худ ҳадафҳои ғаразнок гузоранд. Хусусан, вақте ки чунин ҳадафҳо аз ҷониби он инсонҳое гузошта мешаванд, ки касби омӯзгориро интихоб мекунанд, боз ҳам зараровартар аст, зеро онҳо дар байни насли наврас нуқсонҳои ахлоқии худро паҳн мекунанд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш ба хислати ахлоқии омӯзгор аҳаммияти бузург медод. Ба эътиқоди ӯ, омӯзгор набояд худхоҳ бошад ва пеш аз ҳама, бояд манфиати дигаронро дар назар дошта бошад, то ба шогирдон ҳарчи бештар дониш

диҳад ва ҳамчунин пайваста болои худ кор кунад ва барои васеъ ва амиқтар кардани кори таълиму тарбия рафтору гуфтор ва донишашро сайқал диҳад.

Аҳмади Дониш инчунин қайд мекунад, ки пеш аз он ки ба ин ё он ҳунар машғул шавед, боварӣ ҳосил кунед, ки интихоби шумо бо ихтиёри худи шумо бошад, то баъдан касеро гунаҳкор накунед ва дарк кунед, ки барои ба даст овардани фоидаи ҳунари интихобшуда сарвати ҷамъшуда, дониш, баракат ва ободии зиндагиро ба даст меоред. Агар дар ҷомеа накукорӣ ташвиқ нашавад, ахлоқ вайрон мешавад. Инсон бояд вақти холии худро ба амали нек бахшад ва мавқеи худро дар ҷомеа пайдо карда, рӯ ба рӯйи виҷдони худ суол гузорад, ки чи хидмате ҷиҳати некуаҳволии мардум кардааст.

Аҳмади  Дониш мазмуну услуби тадрис дар мадрасаро зери танқиди шадид гирифта, нуктаи назари худро оид ба тарбияи равонии насли наврас баён кардааст. Ин натиҷаи фаъолияти мадрасаи куҳна  буд, ки он талаботи рушд ва мустаҳкам  шудани муносибатҳои буржуазиро дар дохили сохти феодалии аморати Бухоро қонеъ карда наметавонист. Тули нуздаҳ соли таҳсил дар мадраса шогирдон танҳо ба омӯзиши фанҳои динӣ ва забони арабӣ машғул буданд ва аксари фанҳои омӯхташудаашон дар ҳаёт ва амалия татбиқ намеёфтанд.

Инсон, ба андешаи Аҳмади Дониш, бояд барои бахту саодат саъю кӯшиш   кунад, зеро ҳар як инсон мехоҳад хушбахт бошад, аммо дар бораи хушбахтӣ тасаввуроти дақиқе надорад. Дар фаҳмиши ӯ хушбахтӣ он аст, ки инсон дар ҷойи покиза, дар хонаи мувофиқ барои худ зиндагӣ кунад, то  аз ваҷҳи ҳалол нони худро ба даст оварад, бояд оилаи обод, зани маҳбуб дошта бошад, бо дӯстони ҳақиқӣ муоширот кунад ва ба хонадони худ онҳоро даъват карда тавонад.

Дигар масъалае, ки Аҳмади Дониш ба баррасии он иқдом намудааст, нобаробарии марду зан ва низоми хонаводагӣ маҳсуб мешавад. Мутафаккир пас аз сафар ва дидану омӯхтани бартариҳои иҷтимоии занону бонувон дар муҳити иҷтимоии Русия дар “Наводир-ул-вақоеъ” аз “хусумати модаршӯ” ҳарф зада, зимни таҳқиқ занро аз модар бартарӣ медиҳад ва ин фикр бо

қонунҳои шариати ислом асоснок шудааст. Сабаб чист, ки Аҳмади Дониш ба баррасии мушкилоти занон пардохтааст? Гузашта аз ин, чаро баробарии фитрии марду занро мутафаккир ҷонибдорӣ мекунад? Магар поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон аз ҷониби мардони муосираш мутафаккирро қонеъ намекард? Диншиноси тоҷик Ғ. Мирзоев бобати чигунагии масоили хонаводагӣ дар тафаккури Аҳмади Дониш чунин ишора мекунад: “Яке аз чунин масъалаҳои дарднок масъалаи мақом ва мушкилоти занони Шарқ, махсусан занони аморати Бухоро буд, ки то Аҳмади Дониш ягон нафаре, ҳатто аз байни пешгомони ҳаракати ислоҳотхоҳии мусулмонон, аз қабили Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абдо, Муҳаммад Иқбол ва дигарон, ки таҳсилдидаи кишварҳои Аврупо буданд, монанди ӯ ин масъаларо бо тамоми мушкилоту жарфиҳояш ба таври кушод ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар назди ҳамзамонон ва ҷомеаашон бо диди нав ва руҳияи гуманизми инсонӣ нагузоштаанд... Дониш рӯйирост бар зидди руҳияи ҳукмрони он замон ва ақидаи иртиҷоии нафароне, ки ба қавли худи ӯ иброз медоштанд, «зан чи қадр дошта, ки ӯро назананд ва ё накушанд ва ё тарку талоқаш нагуянд?!», садо баланд намуда, аз ҳуқуқ ва мавқеи инсонии занон дифоъ намудааст… Ӯ ба он нафарони кутоҳназар ва бехирад, ки ба зан ҳамчун ба ҷинси дуюмдараҷа, нолоиқ ва чун молу коло муносибат мекарданд, муроҷиат намуда чунин менависад: «...инон надонанд, ки зан низ мисли эшон нафс дорад ва худро адили мард (яъне баробари мард. - М.Ғ.) мепиндорад. Ва ин заъфу забунӣ бар ӯ ба сабаби авориз афтода». Аз баёни андеша ва ифодаи мазмун аён аст, ки мутафаккир худ ба ин фикр ҳамраъй буда, баробарии ҷойгоҳи зану мардро дар ҷомеа қоил аст ва ин аслро ҷонибдорӣ мекунад” [136] .

Матраҳ намудани баҳсҳои хонаводагӣ дар “Наводир-ул-вақоеъ” ва таваҷҷуҳ ба поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон Аҳмади Донишро водор кардааст, ки ин мушкилро ҳамаҷониба омӯхта, пас аз пажуҳиши саҳеҳ ба қалам оварад. Ба ин масъала дахл кардани Аҳмади Дониш исботи ин ақида аст, ки мутафаккири маорифпарвар бори нахуст аз донишмандони Шарқ ба

ҳифзи ҳуқуқи зан таваҷҷуҳ карда, ин мушкилии ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бидуни ҳалли ин мушкилӣ ҳеҷ ҷомеае рушд нахоҳад кард ва чун проблемаи зан дар ҷомеа вуҷуд дорад, ҳеҷ фарҳанге ё худ тамаддуне дар ҳоли рушду тараққӣ қарор намегирад, ҳатто фарҳангҳое, ки замоне аз дигар фарҳангҳо бартарӣ доштаанд, ба сифати тамаддуни ғолиб пазируфта намешаванд, чунки вижагии асли ҷомеаҳо дар пояи иртиботи марду зан ва баробарии онҳо зуҳур меёбад. Чунин такмилёбиро дар Бухоро поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон ва дигар амалҳои ношоистаи амалдорони дарбор монеа шуда буданд. Таваҷҷуҳи мутафаккир ба мушкили мазкур бори дигар исбот мекунад, ки ҷомеа аз оилаи тифоқ сарчашма мегирад ва агар низоми хонаводагӣ ба тарафи мусбат майл кунад, ҷомеа низ имкони пешрафт карданро пайдо хоҳад кард, вагарна чун аморат садсолаҳо қафо монда, дер ё зуд аз ҷониби бегонагон ғасб карда мешавад. Чун зан аз ҷониби мард маҳбус мегардад, омили он дар занон нест, балки дар мардон буда, ҳароси онҳоро аз занон гувоҳӣ медиҳад.

Аҳмади Дониш доир ба масъалаҳои марбут ба нақши зан ва поймолшавии ҳуқуқи ӯ сухан карда, масъалаи беэътимод будани аҳком, догмаҳои исломиро равшан мекунад. Аз чунин андеша хулосаи дигар пайдо мешавад, ки аҳком дар чаҳорчуби мухолиф таҳмил шуда, бо дарназардошти муҳтаво зиёновар мебошанд. Аҳмади Дониш кӯшиш мекард, ки бо ин роҳ дар нодонии мардум рахна ворид карда, аз сохтори ҳувиятии онҳо хурофотзадагиро берун намояд. Дар ин роҳ Аҳмади Дониш тавонистааст ба умқи фарҳанги ҳамзамононаш ворид шавад, тасаввуроти нодурусти онҳоро фош кунад ва ин амалҳои ӯ он рӯзҳо самаровар гардида буданд.

Лозим ба ёдоварист, ки оид ба мартабаи зан сухан гуфта, Аҳмади Дониш қиссаҳои зоҳиран мафтункунандаи бардурӯғро шадидан инкор мекунад. Яке аз ин ривоёт, ки то имрӯз дар гуфтори мардумон мавқеи зиёд дорад, дуои модар аст. Дар воқеъ, агар яке бар дигаре андарз намояд, ночор ин гуфтаро баён месозад, ки «дуои падару модарро бигир, мушкилотат осон мешавад», ё худ «роҳат кушода мешавад». Аммо мусаннифи «Наводир-ул-

вақоеъ» чунин гуфтаҳоро, ки ҷанбаи хурофотӣ доранд, навъи ҷаҳолат шинохтааст. Аз дидгоҳи ӯ, сарнавишти инсон ба дӯши падару модар гузошта нашудааст, ки пешрафту рушду тараққии корашро аз онҳо бинад. Аз ин хотир, ранҷу машаққат аз сахтиву бадбахтӣ «аз шумии абавайн (падару модар) бар фарзандон оид мешавад, на аз мухолифати онҳо ва давлату иқтидор ва касбу иқтидор аз касбу тараддуд ба даст меояд, на аз ризоияти онҳо» [2]. Уламои дин дар тафсир намудану шарҳ додани маъхазҳо аз таҳқиқ сарпечӣ намуда, оқибат барои бунёди ақидаҳои хурофотӣ дар миёни мардуми одӣ замина мегузоранд. Барои исботи ин фикр ба маъхазҳое рӯ меорем, ки дар он гуфта мешавад: «Ризои Худо дар ризои падар аст» ва аммо бархе аз муфассирин ҳамаи инсонҳоро, ки фарзанд доранд, падар номидаанд ва барои дар ғафлат нигаҳ доштану аз ҳисоби буҷети хонаводагии онҳо зистан мусоидат кардаанд.

Бо сабабҳои болозикр Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба чунин тарзи шореҳӣ муқовимат намуда, ба ин ақида меояд, ки дар ин оят ҳадаф аз падар ҳамаи падарону модарон набуда, балки падари солеҳ ва модари солеҳа дар назар аст, яъне ғайри падари солеҳ боз падарон толеҳ низ мешаванд ва Қуръон маҳз танҳо падари солеҳро дар назар дорад. Агар падарону модарон саропо ба сарнавишти инсон мудохила намуда, аз ҷониби абнои ҷинс мавриди ситоиш қарор бигиранд, пас сутудани волидайн фарзандро аз воқеияти зиндагӣ барканор намуда, қудратро дар ниҳоди ӯ нобуд месозад ва инсонро водор мекунад, ки ба ғайри худ побанд шавад. Ба қавли Аҳмади Дониш, «ҳеҷ неъмат бузургтар аз зани шоиста нест» ва беҳтарини занон «шутурсаворанд» [2]. Ин истилоҳ маънои фарох дорад: шутур рамзи нафси аммора аст ва шутурсавор занеро гӯянд, ки бар нафси хеш ҳукумат мекунад.

Аҳмади Дониш инчунин ҷолибтарин гуфтаро «дар одоби никоҳ ва хусумати модаршӯ» баён доштааст, ки барои ҳар як хонаводаи имрӯз метавонад китоби рӯимизӣ бошад, чунки андешаронииҳои Аҳмади Дониш дар самти муаррифӣ намудани мушкилоти иҷтимоӣ ба воқеият пайвастагӣ

дошта, роҳҳои рафъи мушкилиҳо дар он ҷустуҷӯ мешаванд. Дар баробари ин, мутафаккир барои таъмини рушду тараққӣ ва болоравии сатҳи моддиву маънавии инсонҳо тафовути синну сол ва ҷинсиятро зарур надониста, қобилияти одамонро новобаста аз маҳалли зист ва мансубияти иҷтимоӣ эътироф намудааст.

Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар интишор ёфтани мазҳабу маслакҳои мухталифро дар аморати ҳамонвақтаи Бухоро аз омилҳои зуҳур кардани низоъ ва муноқишаҳои сиёсиву иҷтимоӣ донистa аст ва ин ақидаро дар рисолаи «Меъёру-т-тадайюн» зикр карда, оид ба рисолати мардони соҳибватан ва рафъи мушкили бархурд байни зан ва модаршӯ чунин тавсеаро мақбул донистааст: “Бидон, ки мабнои ин адоват ва хусумат бар ду даъвист, ки яке бар ҳақ бувад ва яке бар ботил. Ва чун асли даъвӣ мар ҳар ду тарафро аз инбиоси хоҳиши нафс аст ва ҳудудаш номутаайян бошад ва миқдораш номуқаррар ва ҳусули натиҷа номаълум, ба ҷиҳати он ки ин ҳар ду аз ақлу дин дар пояи нуқсон афтодаанд ва забти ҳадд кардан наметавонанд ва на фавоиду офоти хусумат шумурдан, лоалаттаъин ба ҳамдигар уфтанд ва ҷидол бунёд ниҳанд, то ғояте, ки ба далоили ақлӣ ва нақлӣ рафъи шубҳаву дафъи низои онҳо карда нашавад” [9, с. 156].

Аҳмади Дониш аз зумраи он андешамандонест, ки ба зиндагӣ ва ҳодисаҳои олам назари интиқодӣ дошта, аксар муноқишаҳо ва мушкилиҳои дохилии оилавиро бо дарназардошти манфиатҳои тарафҳои бо ҳам муқобил баррасӣ менамояд. Афкори ин мутафаккир аз дини ислом сарчашма мегиранд, аммо бар хилофи бештарин бузургони садаҳои пешин ӯ кӯшиш намудааст, ки ба сарчашмаҳо ва манобеи таърихӣ беш аз пешиниён иктифо намояд, чунонки аз гуфтори Абуҳанифа ибни Нуъмон ин иқтибосро тақдим медорад: «Агар қавли маро мухолиф ба ҳадис ёбед, ба девор занед». Дар ҷойи дигар мегӯяд: «Қола Абуҳанифа: Бар ману бар Молик ҳеҷ вақт пайравӣ накунед, маводро аз ҷое бигиред, ки мо аз он баҳравар шудаем» [136]. Аҳмади Дониш ин иқтибосро аз имом Абуҳанифа аз ин хотир меорад, ки муосирони ӯ ҷову беҷо сухан карда, бино бар нуфузи барҷастаи Имоми Аъзам дар зеҳни

сокинони шаҳри Бухоро каломи хешро ба Абуҳанифа нисбат медоданд ва ҳар гуна хурофотро аз номаш муаррифӣ мекарданд. Аз ин ҷо ибораи «қола Абуҳанифа», яъне «гуфт Абуҳанифа» дар замони Аҳмади Дониш мустаъмал гардида, аз омилҳои васеъ паҳн шудани хурофот дар минтақа гардид.

Аҳмади Дониш инчунин гадоие ё дарюзагиеро, ки нишонаи нодонию ҷоҳилии уламои тангназар ва зоҳирбин мебошад, маҳкум намудааст. Ӯ дар интиқоди холисонаи хеш ба фақеҳон ва уламои муосири хеш бархурд ва мухолифати эшонро бо бузургони садри ислом дарёфта, сабаби ин мухолифатро дар нодонӣ ва тақлиди бемаънӣ аз ҷониби фақеҳони дилмурда мебинад, ки ғолибан пешаи гадоӣ доранд ва ҳаммонанди дуздон ба сабаби ҷоҳилӣ ва ғофилӣ «назар ба кисаи ҳар ошною бегона меандозанд ва нобиноёна даст бар шонаи ҳар оқилу девона мегузоранд?!» . Имрӯз низ ба ҳамин монанд уламои дин бо суиистифода аз мақому мартабаашон мардумро ба вартаи гумроҳӣ бурда, дороии онҳоро бераҳмона тороҷ менамоянд ва боз даъво пеш меоранд, ки омили харҷи шумо дини мубин аст.

Дар шароити ҳукмронии ҷаҳонбинии динӣ ва нуфузи ҷову беҷои таассуб дар омма дигар донишмандон ба андак таҳқиқи интиқодӣ қаноат менамуданд, аммо осори Аҳмади Дониш ин ақидаро инкор карда, афкори комили интиқодии ӯро ба таври возеҳ исбот менамояд. Гузашта аз ин, ҳар як ормоне, ки Аҳмади Дониш дар осораш пешниҳод намудааст, пажуҳиши фалсафӣ ё худ, чунонки файласуфон Ғ. Ашуров ва М. Диноршоев зикр кардаанд, ҷаҳонбинии ба “фалсафаи иҷтимоии маорифпарварона” асосёфта маҳсуб мешавад. Муҳаққиқи тоҷик М. Болтаев ҳамин андешаро бо меъёрҳои ақоиди марксистӣ таъбир карда, чунин менигорад: “Аҳмади Дониш ба далелҳои илмӣ-табиӣ такя карда, дар мақолаҳои ба илми астрономия бахшидашудааш курашакл будани Замин ва ҳаракат кардани сайёраҳоро тасдиқ менамуд. Вай кӯшиш мекард, ки чунин ҳодисаҳои табиатро, монанди заминҷунбӣ, гирифтани Офтоб ва Моҳро аз нуқтаи назари илмҳои табиатшиносӣ бо далелҳои ҳақиқӣ исбот кунад. Гирифтани Офтоб ва Моҳро ҳодисаи қонунӣ шуморида мегуфт, ки ин ҳодисаҳоро дар натиҷаи омӯхтани

тағйирёбии мавқеи онҳо дар фазои олам пешгуйӣ кардан имконпазир мебошад. Ба фикри Дониш, заминҷунбӣ- ин оқибати ҳаракат кардани моддаҳои буғшакли гарм, ки дар маркази қабати замин воқеъ гардидааст, мебошад" [40, с. 31].

Зимни мутолиаи осор ва тарзи андешаронии мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш қудрати тағйирнопазире эҳсос мешавад, ки ҳаёти иҷтимоии ҷомеаҳоро дигаргун сохта, неку бад, ҳаққу ботил, харобиву ободӣ ва андуҳу хушвақтиро бидуни якдигар ҳоким насохтааст ва дорову нодор, ҳокиму маҳкум худро мутеъи ин тартиб медонанд. Вале дар баробари ин, мутафаккир комилан собит месозад, ки худи одам озод аст ва қудрат дорад то ба ин ё он манфиат амалро интихоб кунад.

Аҳмади Дониш оид ба масъалаи чигунагии саодат низ нуқтаи назари ҷолибе дорад, ки тибқи он саодатмандии инсон дар ҷамъу афзун кардани сарват нест ва ҳатто мутафаккир ин андешаи омиёнаро инкор менамояд. Хушбахтӣ ин ормонҳои ботинии инсон аст. Бархе бар ин иддао мекунанд, ки хушбахтӣ дар зиндагӣ ба хотири хушнудии худ аст, иддае наздикӣ бо подшоҳону ҳокимонро хушбахтӣ медонанд, иддае онро ба даромад аз кишоварзӣ ва тиҷорат рабт медиҳанд, дигаре дар ҷустуҷуйи он аст, ки бо кадом роҳҳо соҳиби мансаби давлатӣ шавад, чунки аз диди ӯ, агар мансабдор мебуд, саодатманду хушбахт мегардид ва ғайра. Аммо дар ҳаёти рӯзмарра ҳамаи ин даъвоҳои ноқис бо саодат иртиботе надоранд, чунки ҳақиқат дар пояи мухолифат шинохта мешавад ва агар нодор бошад, пас зарурати пайдо шудани доро низ воқеият хоҳад буд. Аз ин рӯ, саодат- ин рушди ҳунар, дониш ва илм аст, ки набояд ҳадафи ниҳоии ба даст овардани ягон манфиат дар олами моддиро дошта бошад. Мақсади ниҳоии ормонҳои ботинии инсон бояд бо «паҳн намудани дониш ва илм», яъне бо «маърифат»-и одамон пайванди ногусастанӣ дошта бошад.

Хирад, тибқи андешаи Дониш, бешубҳа, бояд дар соҳаи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ бартарӣ дошта бошад ва ба даст овардани осойиш дар қудрат танҳо бо кумаки ақл ва мардони оқил имконпазир аст, дар ҳоле ки ҷустуҷуйи манбаи

лаззатҳои нафсӣ дар ҳокимият, чунонки мутафаккир мешуморад, бадахлоқӣ мебошад. Ҳоким вазифадор аст, ки дар корҳои ҳукумат ба ақл, ба дастовардҳои илм, таҷриба такя кунад, нисбат ба тобеонаш боадолат бошад. Эътимод ба тавоноии ақл ҳам ба Аҳмади Дониш ва ҳам ба аксари рушанфикрон хос аст, зеро пешравии ақл, ба ақидаи мутафаккир, ба таври худкор боиси аз байн рафтани истибдод мегардад [8].

Ҳамзамон, Аҳмади Дониш нуқсонҳои зотиро бо истеъдоди фитрӣ вобаста донистааст, ки дар ҳар як фарди ҷомеа мушоҳида мешавад ва агар дар инсон ин таносуб саҳеҳ набошад, пас инсон хоҳ-нохоҳ ба дардҳое гирифтор мешавад, ки онҳоро мутафаккир дар амирони манғит ва амалдорони онҳо дидааст. Ба қавли Аҳмади Дониш, инсон пеш аз ҳама бояд дар умур ихтиёр дошта бошад, то беҳуда дунболи дигарон нарафта, худро дар колбуди хеш маҳв насозад. Бино бар ин, оид ба ин масъала чунин мегуяд: "Набинӣ, ки ангур агар тарбият накунӣ, ҳар соле мева аз соли гузашта камтар диҳад, то он ки хушк гардад. Шумо мева аз ток мехуред, дигар ғам надоред агар бехи ӯро кирм занад ва сарашро сармо" [2, с. 159].

Баъзе андешаҳои Аҳмади Дониш моро ба хулосае меоранд, ки ӯ пастравӣ, ё баръакс, рушди башарро бо омилҳои гуногун пайваст мекунад. Ба қавли мутафаккир, чаро Бухоро рушд намекунад? Чунки ҷоҳу мансаб ва амалдорӣ дар аморат ба нодону кӯдакон додаанд. Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш ҳама гуна фаъолияти сиёсии амири манғитро «тадбирҳои кӯдакона» ном бурда, оқибат ба хулосае меояд, ки амири ҷоҳилро на фақат амалдоронаш, балки кулли истиқоматкунандагони Бухоро дастгирӣ мекунанд, чунки мардум низ аз нодонӣ ҷабру зулмро ихтиёр карда, бино бар ғафлат касби муқовимат бо беназмии манғитҳоро надоранд. Зеро Аҳмади Дониш равиши фалсафии худро дар пояи ҳақиқат ва табиати инсон бунёд намуда, бар ин бовар аст, ки раёсатталаб ва мансабталош дар ҳар ҷомеа афроди нодон ҳастанд ва дар таърихи башар нест намунае, ки донишманде қудратро идора кунад, баръакс, нодон ба қудрат мерасад, аммо дар масъалаи идораи он ба донишманд рӯ хоҳад овард. Дар ин бобат, Аҳмади Дониш

чунин андешаронӣ кардааст: «Ва онон, ки эҳтимоли машаққату ранҷ наёранд, фақр ихтиёр кунанд ва фақир бошанд ва онҳо ки тааби талабро роҳат донанд ва ба ҳеҷ поя аз кӯшиш бознаистанд, ғино ёбанд ва ғанӣ бошанд. Давлат мавқуфи касбу тараддуд ва саъй аст ва меҳнат мавқуфи илтизому ихтиёри тарк. Лоҷарам ҳама давлату ҳукумат насиби суфиҳо ва беақлон бошад ва меҳнату мазаллат нонхӯриши уқало ва соҳибхирадон» [11, с. 19] .

Бо вуҷуди ин, Аҳмади Дониш, аввалан, кӯшишро барои инсон зарур медонад ва сониян, бар он мутмаин аст, ки инсон набояд дар андешаҳои динӣ-мазҳабӣ маҳдуд гардад ва воқеан, агар фард такя бар тафаккур ва ҷаҳонбинии динӣ дошта бошад, дер ё зуд ба як мавҷуди маснуъ табдил меёбад.

Хулоса, бо таъсиргузории афкори пешқадами кишварҳои мутамаддин андешаҳои волои навгаройӣ ва раҳоӣ аз ҳама гуна ҷаҳолатҳои асримиёнагӣ дар қалби маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш тавлид ёфтанд. Нисбат ба дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои ӯ воқеӣ ва асоснок, инчунин дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Ақидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Аҳмади Дониш дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷику-форс ташаккул ёфтаанд. Аз ҷониби дигар, сафарҳо, суҳбатҳо ва мулоқот бо ашхоси дунёдида, тоҷирон, бо маърифатпарварони ватаниву хориҷӣ боиси пайдоиши андешаҳои тоза гардида, ӯро то ба пояи асосгузори фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии тоҷик баланд бардоштаанд.

## 2.2 Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш

Муҳаққиқ Н. Ҳотамов Аҳмади Донишро асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ ном бурда, се нуктаи асосии афкори маорифпарварии ӯро қайд мекунад, ки дар он масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро фаро гирифта шудааст: "Омӯзиши афкори маорифпарварии А. Дониш гувоҳӣ медиҳад, ки дар он се нуктаи асосиро махсусан мушоҳида менамоем: аввалан, нависанда ҷиҳати асосии сохти давлатӣ ва ҷамъиятии замонашро сахт танқид кардааст, намояндагони табақаи ҳукмрон ва ҳомиёни ин тартиботи қафомондаи феодалиро мазаммат ва маҳкум намудааст. Дуюм, А. Дониш омӯзиши илмҳои дақиқ ва дунявӣ, аз худ намудани таҷрибаи тараққиёти мамлакатҳои Аврупоро тарғиб ва усули куҳнаи таҳсили мадрасаро сахт танқид кардааст. Сеюм, ӯ дар асарҳои худ манфиати оммаи меҳнаткашонро самимона ва далерона ҳимоя кардааст" [115, с. 115].

Ин тарзи баррасии масъала, аз нигоҳи мо, ба методологияҳои таҳқиқ дар даврони шуравӣ хос мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки дар баробари танқиди сохтори давлатдорӣ дар афкори мутафаккир таваҷҷуҳ ба низомҳои пешқадами кишварҳои Ғарб вуҷуд дорад, вале онҳо таблиғ нашудаанд, чунки равиши фалсафии Аҳмади Дониш дар ҳамаи асарҳояш вижагиҳои интиқодӣ дорад, на таблиғӣ. Аз ин хотир, бо нигоҳи дигар таҳқиқ намудани афкори сиёсӣ-иҷтимоии Аҳмади Дониш, яъне аз нигоҳи миллӣ, барои таърихи фалсафа амри зарурӣ мебошад.

Маорифпарварони тоҷик ба сохти давлатдории ҳокимони манғитӣ сахт нафрат доштанд. Онҳо, бавижа, Аҳмади Дониш чунин низоми истибдодиро маҳкум менамуданд ва дар асарҳои хеш ин низому қонунҳои иртиҷоиро интиқод намуда, оқибат ба хулосае меоянд, ки мавҷудияти ин гуна низоми ҷабру зулм ва худсарӣ ақибмондагии Бухороро аз байн намебарад. Муҳаққиқони осор ва афкори Аҳмади Дониш ақибмонда будани аморати Бухороро шарҳ дода, зимни пажуҳиши густурда ба хулосае меоянд, ки агар оқиле дар дарбори умарои манғитӣ фаъолият кардааст, пас ӯ Аҳмади Дониш

аст, ки сабабҳои қафомондагии давлатро дар сатҳи паст қарор доштани ҷаҳонбинии мансабдорони амири манғит мебинад. Илова бар ин, низоме, ки дар аморат ҳукумат мекард, бадтар аз беназмӣ буду ҳеҷ шабоҳат ба назму анъанаи сиёсӣ надошт ва ҳадафи он низ танҳо  созгор будан ба талаботи шахсии амиру дарбориёнаш буд. Аз ин хотир, дар Бухоро манфиатҳои давлатӣ ҳамеша ва ҳар лаҳза бо рафтори амалдорон поймол гардида, ақидаҳои хурофотию динӣ ривоҷ меёфтанд. Илму ақл дар чунин муҳити носозгор беқадр шуда, ҷойи пажуҳишу баррасиро таассубу хушунат ва мутлақбаёнӣ гирифта буд.

Тибқи андешаи Аҳмади Дониш, дар ҳар анҷумане агар ширкат кунед, ҳама сухани хешро бо “Қола Абуҳанифа” ифтитоҳ намуда ва донистаю надониста аз китобҳои муқаддас ёдоварӣ мекунанд. Амир бошад, ғайри фароғат ва дилхушиҳо дигар кореро анҷом намедиҳад, ки ба вазифаву уҳдадориҳояш ҷавобгӯ бошанд. Аҳмади Дониш дар ин мавзуъ дар “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития” низоми амириро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки агар амир дилтанг мешуд, ҳатман бо истифода аз маблағҳои гӯшношунид ҷашне барпо мекард: “Ва замони амир Музаффар доим ид буд ва давом ҷашну сур. Масалан, агар соли нав шавад, то ду моҳ сайру сури он хоб намекард, пас иди азҳо ё иди фитр меомад. Агар аз ин аъёд фароғат даст диҳад, туйи хатнаю никоҳи шоҳзодаҳою маликаҳо воқеъ мешуд” [6, с. 55].

Чунин авзоъ ва аҳволи мусулмононро таърих надида буд ва ин гуна боздошти рушду тараққӣ дар ҳеҷ гӯшаи дунё рух нadодааст. Бино бар ин, аморат дар миёнаҳои садаи XIX аз ақибмондатарин давлатҳо буд, ки вазъи онро Аҳмади Дониш дар осори хеш ошкор менамояд. Аммо дар чунин вазъи душвор, ки қафомондагиро дар ҳамаи самтҳо тақвият медод, мутафаккир дар кадом андеша қарор дошт? Ба ин суол муаррихи шинохта З. Раҷабов посух додааст. Ӯ менависад: “Аҳмади Дониш боварӣ ҳосил мекунад, ки амирон беларво, аблаҳ ва ҷоҳил мебошанд, вай нағз мефаҳмад, ки давлатдории амир ҷабру зулм аст. Вале ҳамаи инро Аҳмади Дониш рӯйирост гуфта

наметавонист, чунки ғазаби амир мудҳиш буд. Дониш нағз медонад, ки барои саҳлакак изҳор кардани озодфикрӣ одамонро дар бозорҷойҳои Бухоро гӯсфандвор сар мезананд, аз манораҳои баланд мепартоянд" [86, с. 97].

Омилҳои гуногуни боздоштани ҷомеа аз рушду тараққӣ Аҳмади Донишро водор сохтааст, ки барномаи бонизоми ислоҳи онҳоро ба ёдгор бигзорад. Агар ҷомеа дар рушду тараққӣ қарор медошт, дар ҳеҷ сурат афроде чун Аҳмади Дониш ба ислоҳи анъанаҳо ва русуми дарбори хонадони манғития намекӯшиданд. Ба ибораи дигар, тарзи нодурусти идораи давлат ва дар харобӣ қарор доштани аморат мутафаккирро водор сохтааст, ки низоми муайяни ислоҳоти давлатиро дар "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" иншо намояд. Ин рисола яке аз пажуҳишҳои нодиртарин дар умури давлатдорӣ маҳсуб мешавад.

Чун сарнавишти ҷомеа аз амир вобаста буд, роҳандозии сиёсати нодуруст аз ҷониби ӯ имкон фароҳам меовард, ки ҳар шаҳрванд дар алоҳидагӣ аз рушду такомул боздошта шавад. Мутафаккир зимни баррасии вазъи ҳукумати амир Насруллоҳ сабаби қафомондагиро дар ин мебинад, ки ашхоси дунпарвар ба роҳбарӣ, аз ҷумла ба вазирӣ расидаанд, дар ҳоле ки чизе аз тарзи роҳбарӣ намедонистанд. Мавсуф дар ин маврид менависад: "Лоҷарам, умури миллативу давлатӣ ихтилофи куллӣ ёфта, осудагӣ аз миёни сипоҳу фуқаро карона гирифт, ҳол он ки басту фусҳати мамлакат мавқуфи фатонату матонати раъйи вазир аст. Агар вазир бетадбир бошад, дар он мулку давлат бояд гирист" [6, с. 37].

Дар баробари ин, мутафаккири маорифпарвар сабаби мушкилоти муҳит ва омилҳои давлатдориро дар аморат дар он мебинад, ки назми давлатдории хонадони манғит аз рӯйи нишондоди Чингиз аст, ки дар таърихи башар ғайр аз куштану сӯзонидан дигар коре надоштааст.

Ба сабаби аз ухдаи вазифаашон набаромадани амирони манғитӣ дар лашкари онҳо парокандагӣ ҳукмрон буд. Тибқи андешаи Аҳмади Дониш, бо пароканда лашкар ҳифзи манфиатҳои давлатӣ номумкин аст. Ӯ ҳодисаҳои бархурди аскарҳои амирро бо сипоҳи Русия тасвир намуда, бар ҳоли онҳо ва

ҷаҳонбинии онон тамасхур мекард, ки бо чунин лашкар амире то кунун аз марзи давлати хеш дифоъ нанамудааст. Мавсуф менависад: “Ваҷҳи ин парокандагӣ он аст, ки руасои лашкар ҳама ғуломон буданд, ки бо амир ҳаммактаб буданд... Ва аз ҷиҳати безабтӣ урдабозори муайян набуд, ки арзонии қушунро мазбут дорад, ҳама аҷнос гаронбаҳо ва ин мавоҷиб кифояи ҳоли баҳодурон намекард” [6, с. 46].

Дар ин бобат Аҳмади Дониш аз аскарони бонизом ва ҷанги низомӣ ҳарф мезанад ва ҳадафи муаллиф аз ин иборахо ҷанги муосир аст, ки барои омодагӣ ба он давлатҳои рушдкарда барои тақвияти артиши худ сахт кӯшиш кардаанд. Яке аз кишварҳое, ки артиши бонизом дошт, Русияи подшоҳӣ буд, аммо амир дар муқобили ин артиш аскарҳоеро вогузошт, ки аз низоми ҳарбӣ хабар надоштанд. Сипоҳи амир аз тоифае иборат буд, ки ба тохтутозу қатли ом одат карда буданд, аммо ҷангу муҳорибаҳои муосирро намедонистанд. Бино бар ин, мутафаккир ба ҷанги бонизом омода набудани аскарҳои аморатро баъд аз бетадбирии амир омили дуюми истило шудани мулк дониста, дар бораи ноуҳдабароии чунин артиш менависад: “Узбакҳо (аксар аскарон аз тоифаи узбак буданд – С. Р.) риши гов доштанд, ки замини Самарқанд бисёр шикастдор аст, агар урус ояд, ӯро дар он ҷоҳо ба муфт баргиранд, ки диёре ҷон ба саломат набарад. Зеро ки пастиву баландии ин мавзеъро намедонад ва мо ӯро дар хами ҷариҳо гирифта, ба ҷари ҷаҳаннам мекашем” [6, с. 51].

Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки ҷанг дар таълимоти фалсафии мутафаккир худ ба худ ҷаҳлу торикӣ ҳисобида мешавад ва онро ба ҷавони ҷоҳиле шабеҳ медонад, ки хашму ҷаҳлу хушунат бар ӯ ғолиб омадааст: “Ва раъю тадбир аз пири ҷаҳондида таваққуъ дорад ва ҷанг аз ҷавони ҷоҳил” [8, с. 58]. Аммо дар ҳар сурат ҷиҳати ҳифзи мулк бояд артиши доимии касбӣ бунёд кард ва онро бо маош ва нафақа таъмин намуд.

Бо такя ба ин, Аҳмади Дониш муқовимати амири манғитро бо артиши Русия аз камоли нодонӣ пиндошта, таносуби ҳарб карданро дар меъёру андозае мебинад, ки бо қавитар аз хеш бархурд накарда ва бо заифтар аз худ

низ ҷабрро сазовор набинад, аммо ҳақиқати аморат баръакси гуфтаҳои ӯст, вагарна ғасби аморат аз ҷониби артиши Русия сурати дигар мегирифт. Афкори иртиҷоӣ ва нодониву таассуб амири манғитро ба донотарошӣ бурда, ғалабаи артиши аҷнабиро таъмин намуд. Пас амир, ки мувазҙаф дар ҳифзи якпорчагии аморат аст, чаро дар айёми мушкилзо миллату Меҳанро ҳифз карда натавонист? Магар ба ҷойи ӯ аҷнабӣ гунаҳкор аст, ки ин амири фосиқ бо дарбори басе ғафлатзада амаратро ҳини бархурдҳои сиёсии байни давлатҳо дар ихтиёр доштанд?

Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш бо дарназардошти рӯйдодҳои бузурги таърихии замонаш таваҷҷуҳ бар артиши амирӣ мекунад ва иқдом менамояд, то норасоиҳои дар кори ҳарбӣ мавҷудбударо ошкор кунад. Бавижа, пас аз мағлубият дар ҷанг бо артиши Русия мутафаккир сабабҳои ба осонӣ мағлубшавии артиши амириро ҷустуҷӯ мекард. Таърихшинос З. Раҷабов дар як мақолаи худ, ки ҳанӯз соли 1948 дар маҷаллаи “Шарқи сурх” нашр гардидааст, бобати артиши амирӣ чунин менависад: “Аҳмади Дониш ҳеҷ розӣ шуда наметавонист, ки яке аз истинодгоҳҳои муҳимми давлат – яъне армия ҷоҳил ва таълимнодида бошад. Назарияи танқидии Аҳмади Дониш дар бораи армияи амирӣ хеле оригинал ва ниҳоят саҳеҳ ва ҳаққонӣ мебошад. Структураи армияи Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX чандин сол пеш чи навъе ки бошад, моҳиятан ҳанӯз ҳам ҳамон навъ буд. Кӯшишҳои амир Музаффар дар солҳои 60-уми садаи гузашта, дурусттараш дар арафаи истилои русҳо барои дар армияи Бухоро ҷорӣ намудани устави кухнашудаи русӣ, муваффақият пайдо накард” [88, с. 40].

Дар ин самт Аҳмади Дониш байни ду чиз тафовут мебинад: яке давлатдорӣ дар ғояти ҳифзи давлат ва дигар бими халъи аморат. Амирони манғит ҳамеша бимнок буданд, ки давлат аз дасташон наравад ва ба ин хотир, аксар афроди муътабарро меовехтанд, то салтанат ба ғайри онҳо ба касе дастрас набошад. Ҳамин омил буд, ки онҳоро дар назди артиши Русия мутакаббир сохт ва чун дар муҳориба мағлуб омаданд, ба ночорӣ назди император элчӣ мефиристоданд ва ҳатто дар яке аз сафарҳои расмӣ амир

Музаффар писараш Абдулаҳадро ба ҳайати сафорат шомил сохт, то тавассути он алоқаро бо русҳо таҷдид намояд.

Мавҷудияти тасаввуроти номақбул ва ғайрикасбӣ дар артиши аморати Бухоро боис шуд, ки аҷнабӣ бидуни мамониат Самарқандро оғуштаи хун кунад. Ҳамаи инро Аҳмади Дониш аз камхирадиву бехабарии амирони Бухоро, аз ҷумла дар самти риояи қоидаҳои муомилоти дипломатӣ мебинад. Мутафаккир аз ин ки масъулини дарбор тибқи шуниданҳо амал мекунанду онро мавриди баррасӣ ба тарозуи ақл намегузоранд, ба риққат омада, муносибати ҳукуматдоронро бо аҳли тиҷорат аз камоли бетадбирӣ медонад: “Пас агар нек тааммуқ кунӣ, ин ҳама таназзулу харобӣ дар ин давлат аз беақлию беиқтидории (подшоҳу) вазир рӯй дод, ки (агар подшоҳро ақле мебуд, чунин сафеҳеро дар маснади вазорат ҷой намедод ва агар вазирро) иқтидору тадбир будӣ, аввалан, он ҷамоаи туҷҷорро ба маҳбас накашидӣ ба гуфтори туҷҷор” [6, с. 69].

Муаррих З. Раҷабов Аҳмади Донишро чун мунаққиди аморати Бухоро тасвир намудааст.Ӯ на ҳамаи ақидаҳои мутафаккирро қобили қабул медонад, аммо ба он эътимод дорад, ки ҳамаи бадбахтиҳои давлат аз амир вобаста буданд: “...барои тамоми фалокатҳои давлат ва мамлакат худи амир Музаффар гунаҳкор мебошад. Руҳи асосии тамоми навиштаҳои Аҳмади Дониш дар бораи амир Музаффар ва аҳди вай аз ҳамин иборат аст. Аҳмади Дониш навишта буд, ки дар давраи подшоҳии амир Музаффар дар корҳои Бухоро “чунин безабтӣ ва бенасақие, ки дар ин давлат зоҳир шуд, дар ҳеҷ асру замон кас нишон намедиҳад”... Амир Музаффар, ба қавли Аҳмади Дониш, на сояи Худост дар рӯйи замин, балки писари беномуси падараш, хунхор, золим, садри амалдорони дузд аст” [86, с. 142].

Вазъи дар ҷаҳлу торикӣ ғӯтавар ва нигоҳи кӯдакона дар идораи умури давлатдорӣ аморати Бухороро дар садаи XIX ба ақибмонӣ ва ба пастравии маънавӣ оварда расонид. Чунин авзоъ ва аҳволи басе нигаронкунандаи аҳолӣ боиси пайдоиши асарҳои ислоҳталабона гардид. Дар миёни ин осор аз ҳама шуҳратёфта асарҳои мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш маҳсуб

мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки ислоҳоти давлатӣ, ки аз нигоҳи Аҳмади Дониш дар ин осор пешниҳод шудааст, аз пешниҳодҳои дигар маорифпарварони Шарқ фарқ мекунад. Бино бар ин, Аҳмади Дониш нахустин мутафаккири маорифпарвар маҳсуб мешавад, ки бо фарқият аз дигарон андешаи миллӣ дошта, тарзи тафаккури дунявӣ дар осораш мавқеи ҷолибро соҳиб аст.

Зимни баррасии масъалаҳои корношоямии хонадони манғитӣ дар мавзуи идораи мулк бархе аз муосирин масъалагузорӣ кардаанд, ки Аҳмади Дониш агар Насруллоҳу Музаффару Абдулаҳадро танқид карда бошад ҳам, аммо Шомуроду Ҳайдарро васф намудааст. Зимни мутолиаи «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» чунин ба назар мерасад, ки мусанниф ду нафар аз умарои манғитро қабул карда, тариқи ҳукмронии онҳоро васф намудааст. Аммо дар асл ин хулоса иштибоҳ мебуд, агар мо фикрронии мусаннифи рисоларо фақат барои васфу интиқоди амирони алоҳида мутолиа кунем. Аҳмади Дониш ба қудрат расидани кулли ин хонадонро бало дар сарнавишти аҳли Бухоро медонад ва ҳеҷ яке аз амирони манғитро дастгирӣ накардааст. Фикри ин мутафаккир такя бар он дорад, ки Манғитиён тибқи таҳқиқоти илми нуҷумшиносӣ ба идораи давлату миллат бегонаанд ва агар қудратро ба зулм соҳиб шудаанд, ин он маъниро надорад, ки онҳо ҳунари ҳукмронӣ бар мардумро соҳибанд. Аз аввал то охир дар рисолаи Аҳмади Дониш омадааст, ки умарои манғит ба уламои дарбор ниёз доштанд ва тибқи маслиҳати онон дастурҳо медоданд, аммо аксар дастурҳои онҳо аблаҳона ва дар ҳадди камақлӣ роҳандозӣ мегардид. Масалан, Аҳмади Дониш дар мисоли амир Ҳайдар найранги руҳониёнро ошкор месозад: «Чун илтифоту инояти ӯ дар бораи уламо бештар буд, аз ин ҷиҳат умаро бад-ӯ ба нифоқ зист мекарданд ва элотро мешӯрониданд, то ба воситаи он аз подшоҳӣ мувоҷибу идророт зиёда гиранд, ки агар ҳама ҷо орамида бувад, подшоҳ ҳеҷ вақт аз хонақоҳу мадраса берун намеояд ва ғайр аз уламо ба каси дигар мултафит намешаванд» [5, с. 16].

Яъне, амир ба мадраса таваҷҷуҳ дошт, аммо ин маънии онро надорад, ки ӯ ваколатҳои ҳукуматдории худро медонад ва онҳоро амалан татбиқ месозад. Аҳмади Дониш бобати амирии Насруллоҳ ҳамоқатро ба ӯ созгор дониста, каллахареро дар нақши ӯ тасвир намудааст: «Бо тақозои фитрат майли ӯ бештар ба аморад ва суҳбати зебописарон афтода, аксар маносиби амoратро ба ин табақа арзонӣ медошт ва дар рикоби ӯ ҷавонони паришамоил бисёр мерафтанд ва ба суҳбати уламо ва фузало камтар руҷуъ медошт, магар барои зарурат» [5, с. 19].

Ҳадаф аз рисоланигории Аҳмади Дониш фақат яке аз амирони манғитӣ набуд. Ӯ мехост, бетадбирӣ, надоштани лаёқати қудратронӣ, валиаҳдбадбинӣ, корҳои ношоям ва кӯдаконаи тамоми ин сулоларо нишон диҳад, ки дар таърих бо бадномӣ боқӣ мондааст. Назари Аҳмади Дониш ба кулли хонадони манғития яксон аст ва он ҳам иборат аст  аз ваҷҳи беақлие, ки эшон доранд: «Ва дигар ваҷҳи беақлии ҳуккоми ин диёр аз он ҷиҳат аст, ки чун аз канори доя ҷудо шаванд, муаллиме барои онҳо мансуб мешавад, то соҳиби хатту саводе шаванд ва ду-се ғуломбача ба хидмати онҳо маъмур ва шабу рӯз ба онҳо маҳшур. Муаллим ба одобу тарсу бим ба ҳузури онҳо менишинад ва таълими сабақе медиҳад, агар хоҳанд, вагарна маҷоли бозпурсӣ надорад» [5, с. 23].

Ҳамин тавр намояндагони ин сулола дар ҳоли бехабарӣ ва кибр ҳоким гардида, намедонанд чӣ гуна ба раъият раҳбарӣ кунанд.  Онҳо ҳамин қадар тасаввур доштанд, ки тавассути аскарҳо ба мулкҳои ҳамсоя тохтутоз намуда, ғаниматҳоро ба Бухоро оваранд ва бо ҳамин васила мавқеи худро дар дарбори амир устувор созанд.

Аҳмади Дониш инчунин аз маҷмуаи тадбирҳои золимонае сухан мекунад, ки амир Музаффар онҳоро ҷиҳати рушду тараққии мамлакат роҳандозӣ мекард. Масалан, яке аз чунин тадбирҳои беақлонаи амирро мутафаккир оид ба муомилоти пулӣ чунин шарҳ додааст: «Аз ҷумлаи тадобир, ки амир Музаффар дар назми ҳукумат ниҳод барои ҷалби дилҳо ва ҷамъияти халқ, яке он буд, ки ҳамаи нуқуд, дираму динорро ба нияти ғазо ва аскардорӣ аз миёни

халқ бардошт ва дар хазина ниҳод, то агар касеро ба дираму динор эҳтиёҷ афтад, бояд ки сари иродат ба давлатхона ниҳад ва хидмати амир кунад ва зар бибарад» [5, с. 50].

Аҳмади Дониш дар тирагӣ ва ҷаҳолат қарор доштани амири Бухороро аз забони фарангие низ овардааст: «Вақте ки ба дору-с-салтанаи Рус рафт (мурод Козимбек аст – С. Д.), се чиз ба армуғон бурд: яке офтобаи сафоли шикаста, дигар қошуқи ошхурии бухории нимсӯхта ва дигар шамъдони сафоли шикаста назди импиротур ниҳоду гуфт: Ин обдасти подшоҳи Бухорост, ки бад-он таҳорат мекунад ва ин асбоб, ки бад-он таъомтановул кунад ва ин матоъ, ки шаб бар он чароғ ниҳад. Ва асбобу ашё, ки салотини диёри турк (ҳадаф Туркистон, ё Осиёи Марказӣ аст – С. Д.) бад-он таҷаммулу зинат кунанд, ҳама аз туст» [5, с. 43].

Ин андеша ба ин маънӣ аст, ки ба сабаби қафомонда будани амирони манғитӣ ва ходимони аморати онҳо, ғасби ин мулк мушкил нахоҳад буд ва император метавонад бе мамониат ба истилои кишвари Туркистон шуруъ кунад. Дар асл ҳамин тавр ҳам шуд. Амир ва артиши ӯ аз майдони ҷанг гурехтанд ва чунон дар таҳлука афтода буданд, ки гӯё онҳоро фақат колбуд боқӣ мондааст.

Таҳлили мавзуъ нишон медиҳад, ки интиқоди умарои манғит дар асарҳои мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш на аз хотири бархурд бо онҳо, балки чун омили бозгуйи барҷомондагию қафомондагии миллату давлат маҳсуб мешавад. Ҳукумат дар ҳар давлат бояд дар андешаи раият бошад, чунки омили ҳастии ҳукумат дар раият аст ва агар раият дар тангдастӣ умр ба сар барад, хоҳ-нохоҳ нестии ҳукуматро тавлид хоҳад кард. Лекин амирони манғитӣ дар дарки маънӣ нотавон буданд ва ҳатто чун чаҳорпоён эҳсос наменамуданд, ки хатари маҳрумшавӣ аз ҳукумати мустақил вуҷуд дорад. Бино бар ин, бо инъикос намудани фаъолияти амирони камхирад ва нотавонбин Аҳмади Дониш роҳи рушду тараққиро дар андешаи дуруст ва татбиқи он дар амал мебинад ва исбот менамояд, ки андешаи дуруст фақат бо

такя ба хирад ба даст меояд. Дин бошад, ҳамеша аз тарафи майли нафсонӣ суистифода хоҳад шуд.

Зӯроварӣ, истисмор ва истибдоди пурҷӯшу хурӯш дар Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ба ҳадди баландтарини худ расидааст. Дасисаҳои бепоён, тухмату буҳтон одамони равшанфикру бомаърифатро маҷбур кард, ки аз хизмати давлат даст кашанд ва дар фақру хорузорӣ зиндагӣ кунанд. Аҳмади Дониш бо дарназардошти мавқеи баланди иҷтимоии худ саъй кард, то амирро ба ислоҳоти давлатӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи илму маориф даъват намояд. Ӯ қотеъона менависад, ки сарвари давлат агар бихоҳад, ки ба кишвар нафъ расонад, атрофи худро на бо тудаи хунхор ва золимон, балки бо одамони соҳибмаърифат - олимон, нависандагон, табибон, рассомон ва амсоли онҳо оройиш медиҳад.

Андешаҳои маорифпарварию ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар китоби «Меъёру-т-тадайюн» низ баён шудаанд. Дар ибтидои он мутафаккир масъалаи обёриро дар мисоли Самарқанду Бухоро инъикос кардааст. Аҳмади Дониш масъалаҳои марбут ба обро яке аз омилҳои рушду тараққӣ мебинад. Ин масъаларо донишманд зимни сафари ҳиндуе ба Бухоро мавриди арзёбӣ қарор дода, маҳрумии Бухороро аз об исбот менамояд ва ҳамчунин гӯшзад менамояд, ки дар ҳеҷ сурат ба умеди оби Самарқанд набояд шуд. Аҳмади Дониш роҳи ҳалли камобии Бухороро аз забони ҳиндуе, ки ба Бухоро сафари хидматӣ дошт, чунин матраҳ менамояд: “Агар инчунин аст, ин сухан дуруст аст ва илло ин шаҳр дар канори Омуя боист ё аз Омуя об бояд кашид, то ин имороту зироотро эътимоде бошад” [8, с. 37].

Аҳмади Дониш дар асари дигари худ - «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития” низ омили асосии рушди ҷомеаро дар риояи адл медонад ва ободии Меҳанро бидуни обёриҳои муосир мақбул надонистааст: «Сабаби ободии ҷаҳон ҳаёту об ва адл бувад ва боиси харобии ӯ маргу беобӣ ва зулм бошад» [5, с. 14].

Аҳмади Дониш дар “Меъёру-т-тадайюн» бунёди баҳрҳову конҳои маснуъро барои кишварҳое, ки роҳҳои баҳриву роҳи оҳан надоранд, аз

зарурати аввалиндарача шинохта, ин масъаларо чунин шарҳ медиҳад: “Агар вилояти Бухоро ба эътимоди оби Самарқанд тараддуди об барои аҳолии худ накунанд, қаҳтии Бухоро дар замони отия муқаррар хоҳад шуд, чунки оби Самарқанд назар ба қарори имораташ, ки Русия фармон додааст, ба худи он ҷо ба сарф хоҳад рафт, валиёзу биллоҳи агар се сол аз Самарқанд оби Бухоро қатъ шавад, чоҳҳо низ об нахоҳанд дод” [7, с. 21].

Бо дарназардошти он авзоъ, ки Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми асри XIX баррасӣ намудааст, имрӯз аз зумраи мушкилоти рақами як норасоии об барои аксар иқоматкунандагони минтақа маҳсуб мешавад, вале кишвари мо, ки дар минтақа макони захираҳои фаровони обист, имкон дорад аз ҳисоби бунёд намудани кӯлҳову баҳрҳои маснуӣ рушди иқтисодии худро сайқал дода, бо истифода аз коркард ва истеҳсоли неруи барқ вазъи молиявии хешро беҳтар намояд. Имрӯз бархе аз корхонаҳои кишварҳое, ки дар ҷараёни кор обро аз меъёр зиёд истифода мекунанд, аз пешомадҳои норасоии об огоҳӣ ёфта, оби шӯри баҳру уқёнусро мавриди коркард қарор додаанд, вале инчунин чораҷӯйиҳо мушкилиро рафъ намесозанд. Рӯз аз рӯз дар ҷаҳон шумораи аҳолӣ дар афзудан қарор дорад ва об, ки манбаи асоситарини ҳаёт маҳсуб меёбад, кам гардида, арзиши он бо мурури вақт боло меравад. Аз ин хотир, об ягона василаи баромадан аз буҳронҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки таълимоти Аҳмади Дониш дар ин мавзуъ зарурати ин нуктаро, аз нигоҳи мо, бори дигар таъкид месозад.

Муҳаққиқ А. Мирзоев дар мақолае, ки ба низоми обёрии заминҳо бахшида шудааст, роҳандозӣ нашудани тавсияҳои Аҳмади Донишро дар белаёқатии ду амири охири силсилаи Манғития медонад: “...тамоми кӯшиш ва ҳаракате, ки Аҳмад Дониш барои обёрии мамлакат дар замони ҳукмронии амир Музаффар ва амир Абдулаҳад карда буд, бино бар белаёқатӣ ва ҳамоқати ин ду амир ба амал татбиқ нашуд ва масъалаи оби Бухоро ва истифода бурда шудани оби Ому ҳал нашуда, то Револютсияи Кабири Сотсиолистии Октябр маътал монд” [70, с. 137-141].

Илова ба мушкилоти об Аҳмади Дониш боз ду омили дигарро дар қафомондагии аморат бозгуйӣ мекунад: яке истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби артиши Русия ва дигаре «тадохули шиъӣ дар умури мулкӣ». Ба қавли мутафаккир, ҳатто нисф аз мардуми Бухоро ба ташайюъ гиравида буданд, аммо ин бурҳон нуқси авоми Бухоро нест, балки корношоямии амири манғитӣ аст, ки оид ба чигунагии раият фикр намекард. Як намунаи он баррасиҳо, ки Аҳмади Дониш оид ба динҳо анҷом додааст, чунин аст: «Дар рӯзгори валади амҷади ӯ, амир Абдулаҳад ба воситаи рафтуои Русия ва иштиғоли тоатдори ӯ ба он ҷамоа ба васотати эшон шиъиён хеле истизҳор ёфта, баръало ба изҳори ташайюъ ва таъну фаҳшу мубоҳот ва ифтихор менамуданд. Акнун сунниён аз шиъиён метарсиданд, чандонки яҳуд аз эшон меҳаросиданд» [7, с. 27].

Аҳмади Дониш тадбирҳоеро, ки хонадони манғитӣ ҷиҳати таъмини рушди кишвар роҳандозӣ менамуд, бо тамасхур зикр карда, иловатан шарҳ медиҳад, ки чунин тадбирҳо фақат манфиатҷуйӣ асту бас. Масалан, яке аз тадбирҳои амир Музаффарро бо чунин масхараомезӣ баён менамояд: «Дигар назме, ки амир Музаффар дар боби вилоятдорӣ ниҳод, вазъи даври угур ва рақси бачагон ва қавлу ғазали масхарабозон ва дорбозии эшон буд, ки дар тамоми солу фусул ин шева дар ҳамаи қаламрав ҷорӣ буд. Ва шабу рӯз овози нойю дуҳул аз ҳама ҷо баланд буд, то ахборуароҷиф бар забони халқ наафтад ва ҳама бад-ин масхарагӣ машғул бошанд ва халқ гумон кунанд, ки ҳама ҷо орамидааст ва ҳама фасоду фитнаҳо хобидааст, ки агар дар ҳаволии мамлакат мунқазате бошад, мумкин набувад, ки амир бад-ин навъ дилҷамъ бошад ва сомони тарабу дуҳул кунад» [5, с. 82]. Илова бар ин, ба қавли муосирони Аҳмади Дониш, амир китобхонаҳои Бухороро ба макони ишрати амирзодагон табдил дода буд. Аммо ин ҳақиқатест, ки ногуфтанаш беҳтар аст.

Ба қавли мутафаккири маорифпарвар, амири ба шаҳватронӣ мароқдошта ягона роҳи сафедсозии худро дар суистифода аз Қуръон мебинад ва шарм накарда мехост на фақат халқи аморат, балки Худоро низ фиреб диҳад. Ба

қавли Дониш, амир бино бар шуғли доимӣ ба шаҳватронӣ аз қаҳри мардуми азияткашида меҳаросид ва пайваста бим дошт, ки бар зидди низоми ӯ халқ исён накунад. Бино бар ин, бобати таблиғи ақидаҳои хурофотӣ дастур медод ва гумон мекард, ки агар мардум ба тарзи таҳқиқи ин масъалаҳо, аз қабили чигунагии ҷашну маросим ва одатҳои барпокунии мунозараҳои бесуд камари ҳиммат банданд, онҳо наметавонанд дар бораи бархезонидани инқилобҳо фикр кунанд: «Ва азбаски амир мувлиъ бар шаҳватронӣ буд, аз шомати он ҳаросида халқи бисёреро зар дода, ба салотхониву зиёрати мазорот ва хатми Қуръон мефармуд ва гумон мекард, ки Худоро бад-ин тадбироти ноқиса бифиребад» [5, с. 85].

Мисоли динзада будани дарбори манғитиёнро дар қиссаи зерин низ мебинем: “Зимни сафари Русия Аҳмади Дониш шеъре дар васфи духтари императори ин кишвар менигорад, аммо элчии ҷоҳил ва аз асрори кишвардорӣ бехабар Аҳмади Донишро зулме раво дида, мегӯяд: шоиста нест, ки мусулмон кофарро васф бинмояд”. Чунин ҷаҳонбинӣ низ аз омилҳои боздоштани кишвар аз рушду тараққист, чунки масъули давлатӣ мебоист дар инсон лаёқатро бубинад, на мансубияти диниро. Дар ин ҷо низ тафаккури масеҳӣ бар мусулмон пешқадам аст, чунки ӯ мувашшаҳи фарди мусулмонро дар ҳошияи ҷашни арусии духтараш истиқбол карду нагуфт, ки онро намояндаи дини бегона нигоштааст. Элчии бехабар ва нохудогоҳ бошад, хост Аҳмади Донишро муттаҳам кунад, дар ҳоле ки худ ҳамеша муттаҳами болонишинон будааст.

Зимни арзёбии муҳити дарбор ва андешидани тадбирҳои кӯдаконаи амири манғит Аҳмади Дониш бо хиҷолат сухан гуфта, оқибат ба хулосае меояд, ки ҳамаи ашхоси мувazzаф дар дарбор дар адои хидмати давлатӣ масъул нестанд, балки давлатро дар кирдори амири аблаҳ дида, ҳамарӯза дунболи ӯ ҳастанд ва ҳеҷ амалеро бар нафъи ҷомеа анҷом намедиҳанд.

Ҳикояти дигари Аҳмади Дониш, ки камхирадиву каммасъулиятии аҳли дарбор ва масъулони равобити байнидавлатиро исбот мекунад, ба ҳалли мушкилии аҳолӣ дахл дорад. Тибқи ин ҳикоят, Аҳмади Дониш, ки дар сафари

Русия бо элчӣ шарик буд, борҳо аз ӯ хостааст, ки вазъи камобии шаҳри Бухороро ба генерал-губернатори Туркистон арз намояд, аммо чун элчӣ бо губернатор суҳбат менамуд, масъалаи аз Самарқанд будани сарчашмаи оби Бухоро ва азияти шадид кашидани сокинони ин шаҳр аз камобӣ дар зеҳни ӯ фаромӯш мегардид ва ҳамин тариқ, баъзе масъалаҳои асосӣ бидуни ҳаллу фасл боқӣ мемонданд. Аз ин хотир, хулосаи мутафаккир оид ба бепарвоии афроди вазифадор бар ин минвол аст, ки нодон низ ҳамон корҳои доноро анҷом медиҳад, аммо ба расвоӣ [6, с. 121] .

Ба қавли Аҳмади Дониш, омили асосии қафомондагӣ дар беназмии давлатдорӣ буд ва маҳз ба ҳамин сабаб аморат, ки ҳокиму маҳкуми он мусулмонон буданд, дар харобӣ қарор дошта, аз рушд бозмонда буданд. Баръакси он, кишвари Русия аст, ки низоми дурусти давлатдориро бунёд карда, тули чандин садсола тараққӣ намуд, агарчи онҳо пайрави дини дигар - масеҳият ҳастанд. Пас саволи матраҳ чунин хоҳад буд: барои рушд кардани давлат дин омили асосист ё ба назм овардани низоми сиёсие, ки қудрат онро дар дилхоҳ давлат роҳандозӣ мекунад? Посухи чунин пурсиш дар нигоштаҳои мутафаккири маорифпарвар ниҳон аст ва бешубҳа, мутобиқ ба андешаи ӯ, бо истифода аз ислоҳталабии динӣ ҳеҷ кишвари дунё рушд нахоҳад кард.

Омили дигаре, ки барномаи ислоҳоти Аҳмади Донишро аз маорифпарварону ислоҳталабони дин фарқ мекунонад, андешаи миллии ӯст. Ӯ сабаби ақибмондагии аморатро дар замони салтанати хонадони манғития дар он дидааст, ки дар замони ҳукумати амир Дониёл тадохули мардуми узбак ба умури давлатӣ мушоҳида шуд ва ин боис гардид, ки безабтии ҷомеа сурат гирад. Тибқи андешаронии мутафаккир, аз омилҳои дар ҷаҳлу торикӣ ва харобӣ қарор доштани ҷомеа ин аст, ки давлатро афроди бодиянишин идора мекунанд, дар ҳоле ки идораи ҳар давлат бар дӯши он аҳли давлат, ки мутамаддин ҳастанд, бояд вогузор шавад: «Аз бақияи билоди турк, ки авлоди Ёфисанд, дар он ҷамъе бодиянишинанд ва бар сари ҳар ҷамъе касе ҳоким аст ба тағаллуб, ки ҳеҷ кадом аз аҳли давлат наянд. Ва аз байни эшон низ дохили

давлатҳо нест ва ҳар кадом даъвои “лиман ал-мулку” мезананд ва аз олам хабар надоранд. Ба таври худ касонро ҳабсу қайд мекунанд ва амсолашон ба мусодираву ғасб молик мешаванд ва эътиқод надоранд, ки ғайри замини эшон дар ҷаҳон замине бошад, ё ба ҷуз аз эшон дар замин подшоҳе» [5, с. 68].

Пораи мазкур аз таълифоти Аҳмади Дониш ба ду нуктаи баҳснок равшанӣ меандозад: аввалан, мардуми туркро ӯ ҳамчун Ибни Сино ва мутафаккирони дигари тоҷик шоистаи роҳбар будан намедонад ва сабаби асосии қафомондагии аморати Бухороро маҳз дар ҳокимиятдории ноуҳдабароёнаи онҳо мебинад; сониян, ҳеҷ гоҳ Аҳмади Донишро аз ҷиҳати мансубияти этникӣ турк донистан дуруст нахоҳад буд, аммо ин корро баъзе муҳаққиқони имрӯза раво диниста, Аҳмади Донишро бе ягон асосе “шоир ва мутафаккири барҷастаи турк [134, с. 52] ” хондаанд.

Тафовути дигари ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш аз маорифпарварон ва ислоҳталабони динӣ муносибат ба истилои Бухоро аз ҷониби артиши Русия аст. Дуюмиҳо ғасби аморатро барои мусулмонон марг медонистанд ва бо истифода аз ислоҳталабии динӣ хостанд, ки аморатро аз Русия озод намоянд. Барои татбиқи ин фикр онҳо ба бегонагон муроҷиат намуданд ва маҳз аҷнабиён сиёсисозии исломро барояшон бунёд карданд. Аҳмади Дониш бошад, мефаҳмид, ки аморат бо Русия дар як мизон яксон нест ва Русияву Бухоро рақиб нестанд, ки бархурди онҳо яксон пазируфта шавад. Дар ин самт низ Аҳмади Дониш руҳониёнро айбдор мекунад, ки омилҳои фарзшавии ҷиҳодро намефаҳманд: «Ва намепурсиданд, ки ҳоли хасм дар ҷанг чӣ гуна аст ва силоҳи ӯ чӣ навъ аст, нафири омм дар куҷо тавон кард. Ва ташхис намекарданд, ки аскария, ки умре мувоҷибу хироҷи вилоят мехуранд, барои чист ва вазъи улуфаи онҳо дар зиммати раият барои чӣ ва надонистанд, ки нафири омм дар ҷоест, ки аскария дар ҷанг оҷиз оянд ва баъд аз тақобул ҳама ба қатл расанд, ки дар эшон касе намонад, он гоҳ навбат ба раият расад» [5, с. 42].

Аммо дар чунин ҳолати басе нигаронкунанда амир дар кадом ҳоле қарор дошт? Аҳмади Дониш вазъи ӯро ҳамчун тарсуе тасвир кардааст, ки

натавонист бо роҳи сулҳ ба вуқуъ пайвастани ҷангро монеа гардад: «Ва дар он гуреза амир низ фурсати нақзи ҳоҷат наёфта, ҳам ба болои зини асб бавл карда, эзорро мулаввас гардонида, наздики ишоъ ба қишлоқе Хавос ном расида фаромад» [5, с. 45].

Аз омилҳои монеъшуда ба рушди инсон ва ҷомеа дар аморати Бухоро бояд руҳониёну таассуби онҳоро низ ҳисоб намуд. Аҳмади Дониш ҳама вақт ва дар муҳити мухталиф суистифода шудани Қуръонро аз ҷониби афроди руҳонии бехабару гумроҳгардида мушоҳида мекард ва яқин медонист, ки эшон бо истифода аз таъсиргузории худ дар зеҳни амири ҷоҳил бино бар ҳирсу ҷоҳталабӣ ва эҳсоси судҷӯёнаашон намегузоранд, ки ҷомеа рушд карда, тафаккури хурофотӣ аз байн равад. Баръакси ҳол, онҳо кӯшиш менамуданд, ки мусулмонони аморат мутаассиб бошанд ва динро ягона василаи хушбахтиашон ҳисоб кунанд.

Ба ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш дар рисолаҳои худ сабабҳои қафомонии аморати Бухороро баён карда, хусусан, пас аз сафар ба Русия дарк кард, ки иллати асосии он дар кулли Осиёи Миёна худи шакли давлатдорӣ ва низоми қонунгузорист. Набудани матбаа, театр, чароғ, таҷҳизоти гармидиҳӣ, муассисаҳои табобатӣ, мактабҳои нав ва ғайра аз ақибмонии Бухоро аз дигар шаҳрҳои ҷаҳон дарак медод. Яъне, аморати Бухоро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ақиб монд ва ин қафомонӣ Аҳмади Донишро водор кард, ки сабабҳои онро дар ҳама соҳаҳо ҷустуҷӯ кунад. Аз ҷумла, дар бораи маънавият сухан ронда, мутафаккир дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба хулосае омадааст, ки ривоятҳое чун «Абумуслимнома" аҳолии Бухорои шарифро боз ҳам ақибмондатар мегардонанд. Таъсири бечунучарои шариат ва дастгирии кӯр-кӯронаи мансабдорони бесавод барои ақиб мондани мардум аз рушд мусоидат карда буданд. Мардум чунон бехабар буданд, ки дар бораи давлату миллат заррае тасаввурот надоштанд ва бегонагонро ғулому дев медонистанд.

Аҳмади Дониш дар ин самт дар "Наводир-ул-вақоеъ" аз таҳқиқи мафкураи уламо оғоз намуда, онҳоро бо зоҳирпарастӣ, дурӯягии афкор ва

амалисозии онҳо айбдор менамояд: “Уламо ҷиҳати майли раёсат ҳақиқати дину диёнатро ба таъвил мепӯшанд, аз аломати ислом ҳамин амомаҳо бар сар аст ва аз шиори имон ҳамон азон бар манора ва бар забонҳо “Қола Абуҳанифа” ҷорист. Аммо дар кирдор ва атвор тафовути фоҳиш дар миён аст, ки ба ҳеҷ миллат ошноӣ надорад” [3, с. 31].

Яъне, донишмандони дин аз хотири мансабталабӣ ҳақиқати динро пӯшида медоранд ва нишонаҳои ин дин дар Бухоро ин аст, ки агар касе фикре изҳор бинмояд, ҳатман онро бо Абуҳанифа ибни Нуъмон ибни Собит пайванд медиҳанд. Ин ҳарф гувоҳӣ медиҳад, ки уламои дарбор мисли амирони манғит бехабароне буданд, ки тибқи гуфтори дигарон амал менамуданд ва аз ин рӯ, аз омилҳои боздоштани ҷомеа аз рушду тараққӣ пас аз ҳокимон, уламо маҳсуб мешаванд. Ҳамин муҳит ва ҳамин садрнишинон, ки дар Бухоро ҳукумат доштанд, ҷомеаро аз рушду тараққӣ бозмедоштанд ва маҳз ҳамин муҳити маънавӣ сабаб гардид, ки “Наводир-ул-вақоеъ” навишта шуда, дар он бештари масъалаҳои дунявӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад. Аз ҷумла, чунонки дар фаслҳои гузашта низ қайд гардид, Аҳмади Дониш бо такя ба амр ба маъруфи донишмандони муосираш тафовути дину дунёро шарҳ дода, оқибат хулоса мекунад, ки истилоҳи “тарки дунё” маҳсули тафаккури сомӣ буда, ба аҳкоми исломӣ дахле надорад, аммо мусулмонони аморат бо сабаби нохудогоҳии шадид андешаи зуҳдро тавассути уламо ба ислом низ ворид намудаанд. Ба қавли мутафаккир, онҳое, ки ин вожаро эҷод намудаанд, саҳеҳият дар ақли онон мушоҳида намешавад. Азбаски ин афрод байни дунёву охират тафовуте намебинанд, вижагиҳои якеро бо номи дигарӣ пайванд намудаанд, ки камоли нодонӣ мебошад. Ба қавли Аҳмади Дониш, ҳубби шаҳват, ҳубби раёсат ва ба таври нодуруст матраҳсозии масъалаҳои мухталиф ҷомеаи Бухороро ба садсолаҳо ақиб бурда, имкониятҳои ҷомеаро ҷиҳати рушду тараққӣ паст намуд.

Агар матраҳшавии масъалаҳоро дар осори мутафаккир мушоҳида кунем, бегуфтугӯ ба хулосае меоем, ки диндории аҳолии аморат низ яке аз омилҳои боздоштани ҷомеаи Бухоро аз рушду тараққӣ мебошад. Чунки ҳамаи

ҷомеаҳои рушдкарда чандон ба дин мутаваҷҷеҳ нестанд ва дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо ташхису татбиқи масъалаҳои дунявӣ нақши назаррас мегузорад. Ин андеша Аҳмади Донишро мутмаин сохтааст, ки биҳишту дӯзахро дар ҳамин дунё баррасӣ карда, вуҷуди дунёи дигарро инкор кунад. Шояд бархе аз муҳаққиқони осори ӯ маҳз дар ҳамин замина ба Аҳмади Дониш унвони моддигаро додаанд: “Олами охират ғайри ин олам набувад ва чунонки арш пеш аз вуҷуди самовот қоим ба зоти воҷибулвуҷуд буд, ҳамчунин баъд аз рафъи самовот низ қоим ба зоти ӯ бувад” [4, с. 275].

Аз ҷониби дигар, ҳамин омил мутафаккирро водор кардааст, ки ҷиҳати муносибати нодурусти мусулмонон бо ислом шак оварда, таъсири қафомондагиро дар диндорӣ арзёбӣ кунад: “Ва агар ҳақиқати дину диёнат ботини шариат аст, чӣ шуд, ки ҳеҷ як аҳволи уламо ва машоихуно дар он мувофиқ нест. Набояд, ки кулли халқ гумроҳ бошанд ва ба иттифоқ ғалат кунанд” [4, с. 53].

Ба иборaи дигар, Аҳмади Дониш омилҳои боздоштани ҷомеаро аз рушду тараққӣ дар ғафлате мебинад, ки ба он хурду бузург ва сағиру кабир дар аморат гирифтор шудаанд. Дар зимн ин пас аз сафарҳои ба Русия доштааш Аҳмади Дониш ба хулосае меояд, ки дар вазъи душвору басе нигаронкунандаи бухориён на танҳо амирону мансабдорони тиҳимағз, балки худи онҳо низ шариканд. Аз ин рӯ, мутафаккир мисолҳо ва ҳикоятҳое овардааст, ки ғолибан аз баррасии авзоъ ва аҳволи мардуми ин кишвар бармеоянд. Аҳмади Дониш вижагиҳои хос ба фарҳанги русро мушоҳида карда, натиҷагирӣ намудааст, ки шаҳрвандони ин империя ба дарди мансабталабӣ гирифтор нестанд ва вазифаро чун уҳдадорӣ мепиндоранд. Дар “Рисола дар назми тамаддун ва таовун” бобати ҳамоҳангии оммиву орифи миллат ин ибораро овардааст, ки ҳикмате дар умури сиёсӣ маҳсуб мешавад: “Ва асл он, ки ҳарчи бар худ раво надорад, бар ғайр ҷоиз нашуморад” [8, с. 13].

Аҳмади Дониш медонист, ки аҳли Бухоро бештар ба суроғи обу дона рафта, тибқи меъёрҳои хурдану хуфтан амал мекунанд ва ба чунин ҷамъият ӯ

Русияро муқобил мегузорад, ки дар рушду тараққӣ қарор дошта, ҳар фарде нақши худро дар чӣ гуна будани ҷомеа иҷро мекунад. Аз ин рӯ, мутафаккир зимни баён доштани афкори фалсафии худ омили қафомондагии Бухороро хориҷ аз он намеҷуяд, чунки ин гуна омилҳо дар даруни ҳамин аморат нуҳуфтаанд. Аз ҷумла, ин фикр таваҷҷуҳи моро ҷалб менамояд, зеро ҳақиқатест нуҳуфта дар ҷамъияте бо номи Бухоро: “Алафталабӣ кори сутурон аст, на маслаки одамиён” [4, с. 68]. Ин иқтибос гувоҳӣ медиҳад, ки дар замони мутафаккир аҳолии Бухоро аҳкоми исломиро ба алафталабӣ ё хурду хурок бадал намуда буданд [4, с. 68]. Дар маҷмуъ, ҷамъияти Бухоро дар хурофотзадагӣ пешгом буд ва роҳҳои рафъи мушкилоти сиёсиро намеҷуст.

Набудани назми муайян дар дарбори султонони Манғития монанд ба беназмӣ буд ва маҳз ин беназмӣ боиси дар ҷаҳлу торикӣ қарор доштани аҳолии Бухоро гардид. Мутафаккири маорифпарвар ин гуна низомро дар хотимаи “Рисола дар назми тамаддун ва таовун” чунин баррасӣ менамояд: “Ва низ чун зоҳири ин назм ба шавкату маҳобат ороста аст, аксари корҳо ба воситаву васила аз пеш меравад. Аз ин ҷиҳат мулозамати дарбори султон бағоят ба душворӣ кашида ва ба сабаби манъу заҷри сарҳангон, ки “ҳон, ин ҷо маист” ва “ин ҷо манишин” ва “ин арз макун”, ки ба султон малол ояд ва “ин вақт вақти духул нест”, ки амир фароғат дорад ва ё “ин ҷо бинишин” ва “аз ин ҷо марав, ки мабод туро биталабанд” ва се рӯз бигузарад, кас вайро наталабад” [8, с. 95].

Аҳмади Дониш зимни баррасии масъалаҳои давлатдорӣ ба ботини муносибатҳо менигарад ва талош меварзад, ки он чи нодиданист, ифшо созад. Аз ин хотир, осори ӯ диққати олимони зиёдро ба худ ҷалб намудааст. Агар гӯем, ки мавсуф чун муосиронаш фарди одие аз равшанфикрон буд, иштибоҳ мекунем, чунки таълимоти ӯ дигар буда, андешаҳояш мисли андешаҳои омма нест ва ҳар як ақидааш дорои ҳикмате мебошад, ки онҳоро бояд аз диди муосир баррасӣ намуд. Масалан, сабаб чист, ки инсонҳо пеши амир аз гуфтани сухани ҳақ метарсанд? Аҳмади Дониш ба ин пурсиш чунин

посух додааст: “...онон, ки аз гуфтани сухани ҳақ пеши салотин метарсанд, аз чанд сабаб аст: яке он ки аз заволи ҷоҳ ва эътибор андешанд, дигар он ки аз ҳабс ва қайд битарсанд, дигар аз қатл, дигар аз гуруснагӣ. Ва мабнои ин андешаҳо аз сустии эътиқод ва яқин аст, ки умури қазову қадарро ба султон нисбат медиҳанд ва султонро илоҳуларз эътиқод карда” [8, с. 130].

Дар маҷмуъ, метавон хулоса намуд, ки новобаста ба чигунагии муҳит Аҳмади Дониш дар баёни андеша озод буда, ҳеҷ гуна вобастагӣ аз ғайри худро эҳсос накардааст. Ҳамчунин, сазовори таъкид аст, кимутафаккир зимни баррасии масъалаҳои мухталиф нигоҳи хешро дошта, ҳар бахше аз онҳоро бо сабки воқеънигорӣ арз менамояд. Гузашта аз ин, мавсуф ба таблиғи чизе ё касе саргарм нест ва он чи навиштааст, ҳифзи манфиатҳои давлату миллати худ аст. Бино бар ин, андешаҳои ӯ билкул аз муосиронаш фарқ доранд ва ҳатто агар гӯем, ки зидди муосирин сухан гуфтааст, иштибоҳ нахоҳем кард. Масалан, муколамаҳои марди бухорӣ бо фарангӣ натиҷаи тафаккур ва тағйирёбии сатҳи ҷаҳонбинии сиёсии мутафаккир аст, чунки ӯ баъзе андешаҳоро аз номи хеш баён кардан нахостааст ва маълум аст, ки ин рафтор аз хотири ҳифзи амнияти шахсӣ сурат пазируфтааст. Аммо Аҳмади Дониш зимни баррасии вазъ тавассути муколама мехоҳад мушкилоти ҷомеаи Бухороро ошкор карда, барои рафъи он мусоидат намояд. Ин фикрро насли дигари бухориён исбот мекунанд, ки осори нависанда онҳоро бедор карда, водор намудааст, ки аз андешаҳои мутафаккир пайравӣ намоянд. Инро мо дар мисоли Шамсиддин Шоҳин, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шарифҷон махдуми Садри Зиё ва пеш аз ҳама, дар гуфтори Садриддин Айнӣ мушоҳида мекуне.  Ба қавли Сотим Улуғзода “Аҳмади Дониш ягона шахсе аз бухориён аст, ки ингуна сиёсати ҳукумати Бухороро сахт танқид карда, барои давлати Бухоро хатарнок будан ва ба сари вай балоҳо овардани онро таъкид намудааст” [100, с. 36].

Аз ҷониби дигар, Аҳмади Дониш на чун муфассир, балки чун муҳаққиқу мунаққид баромад карда, хонандаро водор мекунад, ки зимни таҳқиқи зиндагӣ бодиққат ва мушоҳидакор бошад. “Наводир-ул-вақоеъ” на танҳо

даъват ба фарқ кардани неку бад, балки даъвати ҳамзамонон ва наслҳои оянда ба амал, ҳифзи худ ва ҷустуҷуи худ аст, на дигарон, чунки инсоне, ки худро дар дигарон меҷуяд, ҳеҷ гоҳ ба худогоҳӣ намерасад ва ҳамеша дунболи дигарон хоҳад буд. Ӯ инсонро нигаҳбони ҳақиқат медонист. Мақсад аз рисолати маънавии Аҳмади Дониш ба таври реалистӣ инъикос намудани муносибати Шарқу Ғарб аст. Чаро олимони Ғарби давраи Эҳё ба улуми табиатшиносӣ машғул шуда, бозёфтҳои бузург ба даст овcovardанд? Зеро Ғарб аз илми асримиёнагии Шарқ баҳра бурд ва Шарқ ба ҳувияти исломӣ ва тамаддуни динӣ ғарқ шуда, аз рушд бозмонд. Ғарб ба пешрафти илми дақиқ роҳ кушод, Шарқ бештар ба улуми динӣ машғул буд. Ғарб калисоро аз давлат ҷудо кард ва монеаҳоро ҷиҳати рушди давлат бартараф намуд, Шарқ бошад, давлат ва умури идориро бидуни дин тасаввур намекард ва ба ҷойи рафъи монеаҳо, боз онҳоро тавлид менамуд.

Аҳмади Дониш бо вуҷуди он ки дар марзҳои басе ақибмонда мезист, аз вазъи сиёсии дунё ба хубӣ огоҳӣ дошт. Аз ин рӯ, таҳқиқоти Аҳмади Дониш ҳамзамонони худро ҷалб намуда, дар муҳити Бухорои он замон инқилоби маънавӣ ба амал овард. Аз ҷумла, дар тавсифи андешаҳои фарангӣ ҷиҳати чигунагии роҳандозӣ шудани сиёсати идоракунии Бухоро ва шаҳодатҳои як сайёҳи бухороӣ таҳлили дурусти муҳити манфӣ ва вазъи буҳронии аморати Бухороро метавон мушоҳида кард. Аз суҳбати сайёҳи аврупоӣ ва ҳоҷии бухороӣ дар асари ӯ маълум мешавад, ки сиёсатмадорони ғарбӣ дар Шарқ ҳадафҳои геосиёсӣ мегузоранд. Баҳси ин ду нафар далели он аст, ки кишварҳои ғарбӣ барои ишғоли заминҳои нав бо ҳамдигар вориди даргириҳо шудаанд. Аз ҷумла, дар Осиёи Миёна, бахусус Бадахшон, ки Русия бо мамолики аврупоӣ рақобат мекард, бархурдҳои шадид ба вуқуъ пайвастанд.

Аҳмади Дониш ҳамчун асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ва чун муаррих масъалаҳои ҳалнашавандаи иҷтимоии замони худро равшан дида, ба корҳои сиёсии мамлакат фаъолона дахолат мекард. Ӯ дар асари худ таҳти унвони «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» моҳияти таърихи давраи ҳукмронии амирони манғити Бухороро

ба як ҳаҷви тезу тунд ва бераҳмона ифшо кардааст. Як қатор маълумоти муҳимми дар асарҳои мутафаккир мавҷудбуда аксари воқеаҳои таърихиро ба таври нав равшан мекунанд. Аз ҷумла, Аҳмади Дониш ба ҳокимияти номаҳдуди подшоҳ муқобил баромада, ташкили Шурои давлатиро пешниҳод мекунад.

Аҳмади Дониш барои идоракунии мамлакат тартиботи вазорат ва Шурои давлатӣ ё маҷлиси машваратӣ (парламент)-ро зарур дониста, чунин ақида дошт, ки ҳуқуқи амир чун ҳокими мутлақ бояд дар асоси қонун (Конститутсия) маҳдуд карда шавад, зеро худи истилоҳи «мутлақ» аз нигоҳи мутафаккир дуруст нест ва ҳеҷ чиз дар дунё ҳукми мутлақ буданро соҳиб намебошад. Ҳамчунин, сохтор ва ҳуқуқи вазоратҳо, тартибот ва мавқеи артиш, ҳуқуқ ва мартабаи амир дар осори ӯ муфассал баррасӣ мешавад. Дониш зимни таҳқиқи ваколатҳо ва вазифаҳои подшоҳ иҷрои даҳ шартро қобили қабул медонад. Шоҳ дар тафаккури Аҳмади Дониш масъули идораи кишвар бо дарназардошти роҳандозӣ шудани низом аст ва ин низом ӯро қудрат медиҳад танҳо ба як хотир, ки амир бо истифода аз қудрат адлро дар ҷомеа татбиқ намояд. Маҷлиси машваратӣ (парламент) бошад, вазифаҳои маслиҳатдиҳӣ дошта, масъалаҳои ободонии кишварро муҳокима мекунад ва дахлу харҷи амалдоронро таҳти назорат мегирад. Мутафаккир бовари дошт, ки ислоҳоти пешниҳодгардида агар татбиқ гардад, метавонад барои рафъи қафомонии иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва илмию техникии Бухоро мусоидат намояд [8].

Дар умум, сулолаи Манғития ва вазъи нохудогоҳии онҳо дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» бо дарназардошти татбиқ намудани низоми басе иртиҷоӣ муаррифӣ мешавад: “Аҳмади Дониш бештар ба он воқеаҳои таърихие диққати махсус додааст, ки бебунёдӣ ва ноустувории ҳокимияти амирони Бухороро равшан нишон медиҳанд. Маҳз бо такя ба ҳамин маълумот дар аввали садаи XXI дар сомонаҳои зиёде ба муаррифии вазъи сиёсӣ-иҷтимоии аморат дар замони салтанати амирони манғит дахолат намуда, кӯшидаанд он авзоъро мавриди баррасӣ қарор

диҳанд. Аҳмади Дониш барои инъикоси равшантару муассиртари воқеаҳои таърихӣ аз зиндагии худ, аз ҳаёти ҳаррӯзаи халқи одӣ бисёр нуктаву лаҳзаҳои муҳимми таъсирбахшро ҳикоят мекунад. Дар ниҳояти кор ӯ ба хулосае меояд, ки ин давлати амирон, ки ба зулм ва нобаробарии иҷтимоӣ асос ёфтааст, яқинан сарнагун мешавад ва дар сурати сарнагун нашудан ҳам, ба муқобили он хуруҷ намудан ва ин тахти салтанати зулмпояро барҳам додан лозим аст. Дар шароити нимаи дуюми охири асри XIX чунин хулоса ва даъвати Аҳмади Дониш аҳаммияти бузурги таърихӣ ва инқилобӣ дошт. Мутаассифона, ин рисола нотамом мондааст ва худи муаллиф ҳам онро ба тарзи махфӣ иншо карда буд, ки дар замони зиндагӣ ва баъди вафоти вай ҳам то хеле вақтҳо аз назарҳо пӯшида ва номаълум монд...” [139].

Ғолибан, муҳаққиқони осор ва ақидаҳои Аҳмади Дониш зимни баррасии таҳлилӣ аз усули муқоиса истифода карда, равиши фалсафии ӯро дар як мизон бо ислоҳталабии динӣ санҷидаанд ва хулоса кардаанд, ки сабки нигоришу ормонҳояш бо ҳадафҳои муаллифи китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек» [68] мувофиқ мебошанд. Агар муҳтавои китоби зикргардидаро бо мақсадҳои мусаннифи «Наводир-ул-вақоеъ» баҳогузорӣ кунем, мухолифат дар фикрронӣ мушоҳида хоҳад шуд, чунки Мароғаӣ дар китоби саёҳатномааш иқдом намудааст, ки ғояро дар бораи иттиҳоди мусулмонон ироа кунад ва аз ин нигоҳ ӯ дунболи ақидаҳои панисломистӣ меравад. Бар хилофи вай, Аҳмади Дониш омили рушди ҷомеаро дар амал кардан мебинад. Ба қавли ӯ, сабаби ақибмондагии Аморати Бухоро ва кишварҳои дигари исломӣ дар бозмондагии худогоҳии одамон маҳсуб мешавад. Дар ҳоле ки аксар мубаллиғони исломӣ сабаби қафомондагии кишварҳои исломиро дар он дидаанд, ки мусулмонони муосир мисли мусулмонони ибтидо ё садри ислом нестанд ва зарурати бозгашт ба аҳкому хилофати аҳди Муҳаммад пеш омадааст. Андешаи бозгашт ба замони паёмбар нахустин қадам ҷиҳати таҳия ва татбиқи сиёсишавии дин аст, ки муҳаққиқон ин ҷараёнро панисломизм гуфтаанд ва дар замони мо ба унвони ислоҳталабии динӣ маълум мебошад.

Омили муҳимме, ки дар диду афкори иҷтимоию адабӣ ва илмии Аҳмади Дониш таҳаввулоти фикрии таҳлилию татбиқӣ падид овард, ин номутобиқ будани сохтори идоракунии ҳукумати Бухоро ба талаботи замон буд ва он барои ташаккули чунин ҷаҳонбинии мутафаккир нақшгузорӣ намуд. Ба ибораи дигар, мардум чун аъзои ҷомеа тамоюли зулмпарварӣ дошта, бо сабаби сатҳи тафаккур ва амалҳои ношоистаи итоаткорӣ омилҳои рушди худро дар бегонагон мебинанд ва розиянд, ки золиме бар онҳо ҳукумат карда, барояшон шароит фароҳам созад.

Муҳите, ки дар он Аҳмади Дониш зиндагӣ ва фаъолият намудааст, вижагиҳои басе иртиҷоиро фарогир буд. Бояд зикр кард, ки ҳар навъе аз иртиҷоъ дар ин муҳит чи шаҳри Бухоро ва чи дарбори сулолаи Манғит бо суистифода аз аҳкоми исломӣ оғоз шуда, ҳатто манфуртарин рафтору кирдори он замон аз номи дин бунёд ва татбиқ мегардид. Яке аз омилҳои густариш ёфтани афкори ислоҳотхоҳӣ дар зеҳни мутафаккир мушкилиҳои ҳамин муҳит аст, ки ҷомеаро аз рушду тараққӣ бозмедоштанд.

Лозим ба ёдоварист, ки тибқи барномаи пешниҳодкардаи Аҳмади Дониш ҷиҳати роҳандозӣ шудани ислоҳоти давлатӣ дар аморат, риояи адл ва инкори зулм дар мақоми аввал қарор дорад, чунки мавсуф қудрати сиёсиро бидуни шоҳ тасаввур намекунад. Илова бар ин, Аҳмади Дониш чун аз боби адлу зулм меандешад, дар ҳеҷ сурат якеро бидуни дигарӣ баррасӣ намекунад, чунки ба қавли ӯ, оқибати адл зулм асту баръакс ва яке бе дигаре вуҷуд надоранд, яъне адл дар зулм нуҳуфтааст ва хориҷ аз он вуҷуд надорад. Аҳмади Дониш дар ислоҳоти хеш шоҳро ба деҳқон монанд карда, рафъи омилҳои боздошткунандаи ҷомеаро бо мақсади рушд дар қобилияти раҳбарии ӯ донистааст. Масалан, ин иқтибос аз чунин ақидаҳои мутафаккир гувоҳӣ медиҳад: «Набинӣ, ки деҳқоне мутамаввил мазрааи бисёр дорад ва аз ҳар ҷинси буқулот ба навбат ҳар кадомро об медиҳад, барои тарбият ба тартиби он буқла, ки аввал об додааст, баъд аз понздаҳ рӯз боз навбат ба ӯ мерасад, ба воситаи бисёрии мазореъ. Дар ин муддат хеле нумув ба ҳоли ин мазраа воқеъ мешавад, лекин бисёр гиёҳҳои бегона дар ин мазраа мавҷуд

мешаванд, наздик ба он ки қариб аст, ки мизоҷи он бақларо фосид гардонад ва аз нумув боздорад. Боз деҳқон он алафҳои бегонаро даравида он мазрааро об медиҳад, то ба камоли хеш бирасад» [5, с. 17]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки агар деҳқон шоҳ бошаду мазореъ кишвар, пас алафҳои бегона, ки дар мазраа пайдо шуда, зироатро аз нумув бозмедоранд, ҳамон таблиғи судҷуёна аст, ки тавассути он аҷнабӣ мехоҳад ҷиҳати тасаллути мулк онро аз дохил фосид гардонад. Ба қавли Аҳмади Дониш, агар дунё тавассути дин ободшавад, пас дунё боз тавассути дин хароб хоҳад гашт, чунки дин агар тавассути омилҳои ахлоқӣ ва таблиғӣ заиф гардад, бешубҳа, боиси боздоштани ҷомеа аз рушду тараққӣ хоҳад буд.

Ба қавли муҳаққиқи осори мутафаккир Сотим Улуғзода, дар охири зиндагӣ Аҳмади Дониш эътимод ба ислоҳшавии амир ва муқаррабони ӯ надоштааст. Дар ин бобат мавсуф менависад: “Аммо аз солҳои 90-ум сар карда дар афкори Аҳмад махдум дигаргунӣ пайдо мешавад. Вай кам-кам ба чунин боварии қатъӣ омад, ки амирони ҷоҳил, олимони коҳил, сипоҳиёни гумроҳи ғофил ва усули идории онҳо ҳеҷ ҷойи ислоҳшавӣ надоранд, онҳо маҳкуми сарнагуншавианд. Дуруст аст, вай намедонист, ки ин сарнагуншавӣ чӣ навъ ба амал меояд, чӣ гуна ба анҷом мерасад ва кӣ онро ба анҷом мерасонад, вай ба дараҷаи фаҳмидани ин масъалаҳо нарасида буд, вале хуб ҳис мекард, боварӣ дошт, ки давлат ва ҳукумат дар дасти амирон пойдор намемонад” [100, с. 86].

Ин натиҷагирӣ аз ҷониби нависанда С. Улуғзода аст, аммо агар касе бо осори гаронбаҳои Аҳмади Дониш ошност, эҳсос мекунад, ки мусанниф хеле хуб дарк карда буд, ки қудрати амирони манғит дер намепояд, чунки ҳар як кас бо чунин сатҳи афкор ва ҷаҳонбинии илмӣ новобаста ба замони зистан бояд дарк намояд, ки ҳар таваллудшудае оқибат мемирад.

Вақте ки мусаннифи “Наводир-ул-вақоеъ” баҳси фарангиро бо марди бухорӣ таълиф намуда, аксар масъалаҳои муҳтавои сиёсиро аз забони фарангӣ баён менамояд, танҳо ба он маъност, ки сокинони Бухоро ин мушкилиҳоро дарк карда, бо истифода аз имконот барои рафъи онҳо камари

ҳиммат банданд. Ин Мунозараҳо, аввалан, ба он иртибот доранд, ки чаро амири манғит минтақаҳои дурдасти аморатро дар мисоли Бадахшон бар нафъи давлат истифода карда наметавонад? Масалан, дар китоби мазкур чунин баҳсро меорем, ки гуфта мешавад: "Бадахшон мулкест, ки манзари назари офтоби рахшон аст. Ва хазинахонаи султони торуми чаҳорум ва дар он чаҳор маъдан аст аз тиллову лоҷвард ва лаълу ёқут. Ба эътиқоди мо, агар касе дар ин замин мутасарриф бошад ва ин маодинро ба даст оварад, давлаташ ба чаҳор давлат ҳамсарӣ кунад, балки пешӣ гирад. Ва аз мо касон рафта, ҳар яке аз ин маодинро ба назари таҳқиқ ва имкон тафтиш ва тафаҳҳус намуданд. Хабар овардаанд, ки он чи мардуми узбак дар муддатҳои мутамодӣ дар ин конҳо ҷон кандаанд, ҳанӯз бар сари матлаб нарасида, ба хазафреза ва сангмайда қаноат кардаанд. Ва дар таворихи мо набиштааст, ки дар солиф замон лаъле аз кони Бадахшон ёфтанд панҷ ваҷаб андар панҷ ваҷаб ва он дар хизонаи волии он ҷо буд. Чиниён вуқуф ёфта, Бадахшонро ба зери сангу кулух гирифтанд ва дар шаб баъзе мавзеъро оташ медоданд. Асҳоби адъия ва аозим яке аз эшонро дида, аз он бедодӣ суол намуд, ки матлаб ва мақсади шумо чӣ будааст, ки дар озори ин халқ кӯшидаед? Гуфт: "Подшоҳи мо иморате дорад ва он қалъаи лаълро мехоҳад. Агар шумо хоҳед, ки аз осеби мо эмин гардед, он сангро дар фалон мавзеъ дар қалъаи кӯҳ гузоред, то мо бардорем. Ҳамчунон карданд ва аз он балоя наҷот ёфтанд". Ва ғарази мо (Бритониён) аз тасаллут дар замини Ҳиндустон ва ин ҳама ихроҷот кардан пай ба он замин бурдан аст. Ва дар он роҳ кушодан! Ва моро бо давлати Русӣ бар сари ин кон гуфтугӯст. Ва алҳол миёни мо ва Бадахшон як кӯҳ восита аст микдори серӯза роҳ. Ва тараддуд дорем, ки аз ин кӯҳ роҳ ба матлаб бикушоем" [3, с. 149-150].

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» оид ба аморати Бухоро ва тартиботи сиёсиву иҷтимоии он ва иқтисодиёти кишвар сухан гуфта, бо ислоҳот бартараф намудани як қатор нуқсонҳоро роҳи беҳбудии ҷомеа медонист. Ӯ дар давоми даҳ соли омӯзиши минбаъда хеле фикру ақидаи худро оид ба ин масъала тағйир дод. Ба назари Аҳмади Дониш, дунё ва

ҷамъияти инсонӣ пайваста дар ҷараёну рушд ва таназзулу харобишавӣ қарор дорад. Ӯ ин фалсафаи инкишофро дар заминаи сайри сайёраҳо қазоват менамояд ва чунин қиёсҳо мекунад: рушду таҳаввули ҷомеаи башарӣ тадриҷан сурат мегирад ва бидуни сарфи вақти муайян пешрафт ғайриимкон аст. Таваққуф дар замон, аз нигоҳи Аҳмади Дониш, ба маънои он аст, ки инсон тадриҷан комил мешавад ва барои расидан ба камолоти маънавӣ вақти муайянро талаб мекунад. Инчунин метавон гуфт, ки такмили табиати инсон тадриҷан сурат мепазирад ва тибқи андешаҳои Аҳмади Дониш, рушди инсон хусусияти эволютсионӣ (таҳаввулотӣ) дорад.

Дар асарҳои Аҳмади Дониш андешаҳои маорифпарварии ӯ ба беҳбудии ҳаёт нигаронида шуда, дар онҳо мутафаккир пешниҳод мекунад, ки корхонаву фабрикаҳое сохта шаванд, ки бо истифода аз меҳнат ва фаъолияти омма зиндагонӣ обод кардаву давлат тавсеа ёбад ва Бухоро дар ҷумлаи кишварҳои тараққикарда бошад. Тамоми фаъолияти маорифпарварии Аҳмади Дониш ба паҳн намудани дониш дар байни халқ, инкишоф додани самти интиқодӣ дар адабиёт ва публитсистика, бо роҳи фош кардани тартиботи мутлақият ва тартиботи басе ақибмондаи хос ба сулолаи манғитӣ, барҳам додани зулму ситам ва беадолатӣ, ба вуҷуд овардани ҷамъияти нави пешқадам нигаронида шуда буд.

Асарҳои таърихӣ ва иҷтимоию сиёсии мутафаккир бо ғояҳои амиқ ва пешқадамона оид ба сарнавишти кишвари муаллиф фаро гирифта шуда, аз ҷониби қишри пешрафтаи ҷомеа дарк карда мешуд ва аз ҷониби зиёиёни навбунёд ҳамчун сипари таҷдиди миллӣ бардошта мешуданд. Аҳмади Дониш, ки яке аз аввалинҳо шуда на танҳо бедоршавии шуури миллии халқи худро медид, балки вазифаҳоеро низ ба миён гузошт, ки равшанфикрони замонаш ва баъдина бояд онҳоро амалӣ мекарданд.

Аҳмади Дониш ба андешаҳои пешқадами аҷдодӣ такя намуда, онҳоро мувофиқ бо вазъи иҷтимоию сиёсии нимаи дуюми қарни XIX инкишоф медиҳад ва дар натиҷа дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик самти нави фалсафаи тарбиявию иҷтимоиро бунёд мегузорад. Аз тарафи дигар, Аҳмади

Дониш бар хилофи пешгузаштагони маънавии худ дигар барои ба вуҷуд овардани модели (амсилаи) нави давлати идеалӣ кӯшиш намекунад, балки бевосита ба ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва рафъи сохти мавҷудаи аморати Бухоро дар руҳияи талаботи замон иқдом менамояд.

Андешаҳои Аҳмади Дониш дар бораи ҳифзи шаъну шарафи шахс, мавқеи ӯ дар ҷомеа, зарурати тағйир додани сохтори иҷтимоӣ дар аморати Бухоро, пешниҳодҳои мутафаккир дар бораи таъсиси мақоми машваратӣ дар назди дарбори амир, ислоҳоти барномаи таълимӣ дар соҳаи маориф ва муассисаҳои идоракунӣ, дуруст ҷо ба ҷо гузоштани ходимони давлатӣ, шинос кардани аҳолии аморат бо комёбиҳои мамлакатҳои тараққикарда дар афкори ҷамъиятии Шарқ хеле пешрав буда, вижагиҳои таҳаввулӣ доштанд.

Тибқи таълимоти Аҳмади Дониш, нобаробарии иҷтимоӣ дар натиҷаи рафъи адолат пайдо шуда, густариш меёбад ва он аз омилҳои роҳандозӣ шудани табаддулот маҳсуб мешавад. Инқилоб низ навъе аз табаддулот аст ва дар сар задани он подшоҳон гунаҳкоранд, чунки баъзе одамонро ба худ наздик карда, дигаронро дур мекарданд, дигареро ба ҳабс гирифта, молу мулкашро мусодира карда ба қатл мерасонданд. Дар натиҷаи чунин кирдорҳо подшоҳон боварии тобеонашонро аз даст медиҳанд ва онҳо ба исён бархоста, ба душманони подшоҳ мепайванданд. Ба қавли Аҳмади Дониш, фаронсавиҳо назарияе доранд, ки аз рӯйи он дар аввал ҳамаи одамон моликияти баробар доштанд, вале баъд қудратмандон нотавононро ғорат карданд ва нобаробарӣ ба амал омад [3].

Дар маҷмуъ, сабаби ривоҷ ёфтани ҷараёни таълиму тадрис бо усули ҷадид, афкори нави маорифпарварӣ ва афзоиши ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ буданд, ки дар он насри Аҳмади Дониш, инчунин осори Шамсуддини Шоҳин нақши муҳим бозида, ба ҳамзамонони нодон ва амалдорони бемаърифат ошкоро муқобилият мекарданд. Фаҳмидани ҳодисаҳои дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рухдода ва муқоисаи онҳо бо ҳодисаҳои дохили аморат боиси бедории фикрии мутафаккирон дар охири асри XIX гардид, ки яке аз сабабҳои асосии инқилоби фикрӣ дар аморат ва минтақа буд. Инчунин

бояд таъкид кард, ки ҳамзамонони Аҳмади Дониш ба кишварҳои Шарқ сафар карда, дар бораи ҳодисаҳои ин минтақа, ки зери таъсири фазои ғамангези асри XIX монда буданд, қиссаву маълумотҳои гуногуни иттилоотӣ паҳн мекарданд.

Аҳмади Дониш ба табақаҳои иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ карда, зиёиёнро аз дигар табақаҳои иҷтимоии ҷомеа болотар донистааст ва ба фаъолияти онҳо баҳои баланд додааст. Андешаҳои мутафаккир аз дидгоҳҳои шахшудаи қолабии илмии он замон берун баромада, бидъат ва хилоф ба низоми амирӣ муаррифӣ мешуданд. Аз ин рӯ, як гурӯҳ Аҳмади Донишро шогирди шайтон медонистанд ва гурӯҳи дигар ӯро ба дараҷаи фаришта боло бурдаанд.

Хулоса, таҳлили масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори  Аҳмади Дониш нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо омилҳои қафомондагии ҷомеаи давронашро муайян кардааст, балки роҳҳои бартараф кардани онҳоро низ аз нигоҳи илмӣ мушаххас намудааст. Омилҳои боздоштани ҷомеаи Бухоро аз рушду тараққиро ӯ дар тарзи нодурусти идораи давлат, аз уҳдаи вазифаашон набаромадани амирон, анъанаҳо ва русуми нодурусти дарбори хонадони манғития, тадохули мардуми турк ба умури давлатӣ, динзада будани дарбориён, таассубу хурофоти руҳониёни дарбор,  артиши куҳнашудаи амирӣ, истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби артиши Русия, диндории аҳолии аморат, набудани иқтисодиёти пешрафта, матбаа, театр, чароғ, мактабҳои нав ва ғайра мебинад. Барои бартараф сохтани норасоиҳо Аҳмади Дониш на чун пешгузаштагон бунёди ҷомеаи ормонӣ, балки ислоҳотро пешниҳод мекунад, аз ҷумла, риояи адл ва инкори зулм дар давлатдорӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои амир, мушаххассозии тартиботи вазорат, таъсиси Шурои давлатӣ ё маҷлиси машваратӣ (парламент), обёрии заминҳо, ривоҷ додани ҷараёни таълиму тадрис бо усули ҷадид, бунёди корхонаҳо ва ғайра. Аз ҷониби дигар, Аҳмади Дониш дар ақидаҳои худ оид ба масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ба андешаҳои пешқадами миллӣ такя карда, аз дигар маорифпарварон бо баёни

озоди андеша, воқеънигорӣ, инкори ҳар гуна таълимоти панисломистӣ ва амсоли он тафовут дорад.

## 2.3 Бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ

Ҷадидия як ҳаракати ислоҳотхоҳию навсозӣ буд, ки дар охири асри XIX - ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ зуҳур намуд. Худи истилоҳ, ки аз калимаи "ҷадид" гирифта шудааст, асли арабӣ дошта, ба забони тоҷикӣ маънии "нав"-ро дорад ва ҳаракати ҷадидия низ чун навоварон ва ҷонибдори усули нави таълим дар мактабҳо муаррифӣ мешавад. Аммо навоварӣ дар фаъолияти ҷадидҳо ё ҷавонбухориён чандон ба назар намерасад, чунки барои навовар унвон гирифтан бояд ҳар гуна ҳаракат мақсадҳои аслии худро дошта бошад, аммо ҷадидон пайрав буданд ва ғайр аз таблиғу ташвиқи ақидаҳои бегонагон ба шуғли дигари аслие напардохтаанд.

Ҷавонбухориён асосан ҳамон ҷадидони Бухоро буданд, ки ғолибан дар Туркияи усмонӣ таълим гирифта, пайрави ҷавонтуркон гардида буданд. Асли калимаи ҷавонбухорӣ, дар тақлид ба ҷавонтуркон сохта шудааст ва таҳти таъсири онҳо ҷавонафғон, ҷавонхева, ҷавонбухорӣ ва ҳоказо дар саҳнаи воқеият зуҳур карда буданд. Аммо ҳаракати ин тоифаи ҷавононро дар аксар сарчашмаҳо бо унвони "ислоҳталабии динӣ" муаррифӣ намудаанд. Дар воқеъ, дар аксар пажуҳишҳои тахассусӣ ин тоифа аз бозгаштани ҷомеа ба замони рушду таҳаввули хилофати исломӣ тарафдорӣ карда, муҳиту равиши зиндагии мусулмонони ибтидоӣ, садри исломро барои хеш орзу менамуданд. Тибқи тарзи тафаккур ва ақидаҳояшон ҷавонбухориён бо ҷараёни панисломизм наздик шуда, асосан ҳадафҳои динӣ доштанд. Аз нигоҳи онҳо, миллат ислом буда, ҳар кӣ мусулмон аст, бояд ҳамчун миллат ё уммати ягона дар як давлати воҳид бо дигар мусулмонон зиндагӣ ва фаъолият кунанд. Ҷадидон, чунонки таъкид гардем, аслан ислоҳталабони динӣ буданд.

Барои дарки амиқи моҳияти ҷадидия ва муқоисаи он бо маорифпарварии Аҳмади Дониш бояд муайян кард, ки ислоҳталабии динӣ дар ниқоби панисломизм чӣ мегуфту чӣ мехост ва андешаҳои ин ҷараён чӣ

гуна буданд? Бояд зикр намуд, ки андешаҳои панисломистӣ, ки дар таҳияи ғарбиён ба мусулмонон таҳмил гардидаанд, аз ин ҳадафҳо иборат буданд:

1. Мусулмонӣ дар даврони мавриди назар бо ислом мувофиқат намекунад, аммо ин ҷо айб дар ислом нест, балки дар мусалмонии одамон аст. Пас бояд мусулмонӣ тағйир ёфта, бо исломи асил ҳамоҳангӣ пайдо кунад.

2. Барои ҳамоҳангии ислом бо мусулмонӣ шарт аст, ки аз шариат воқиф бошем ва илмомӯзӣ тибқи афкори панисломистӣ фақат чаҳорчубест, ки ислом муаррифӣ мешавад ва ғайр аз ислом ягон таълимоти дигар, азбаски куфру зиндиқианд, ба омӯхтан зарурат надорад.

3. Мусулмонон бояд ҳашамату қудрати мусулмонони садри исломро эътироф карда, ба он замон баргарданд.

4. Хилофати исломӣ ягона низоми кишвардорӣ барои мусулмонон маҳсуб мешавад.

5. Мусулмонони дунё бояд роҳ надиҳанд, ки аз байнашон мутафаккире чун Мартин Лютер пайдо шуда, дину давлатро аз ҳамдигар ҷудо гардонад.

Илова бар ин андешаҳои барғалат, ислоҳталабии динӣ нисбат ба кишвари ғосиб, яъне Русия кину адоват мепарвариданд ва роҳи аз Русия озод шудани Бухороро дар барпо кардани хилофат медиданд. Аксар ҷавонбухориён дар чунин ақида устувор буданд, аммо Аҳмади Дониш қабл аз ҳама мутафаккир буд ва афкори илмии ӯ мустақилона аз худи ӯ бархоста буд, бино бар ин, дар ин рисола Аҳмади Донишро мутафаккири маорифпарвар ва ислоҳотхоҳ баррасӣ карда, андешаҳои ӯро бархилофи ақоиди панисломистию пантуркистии ҷадидия ва ҷавонбухориён таҳқиқ кардаем. Гузашта аз ин, ҷадидия маслаки таблиғӣ буд ва ҳеҷ кадом аз ҷадидон тафаккури мустақили хешро надоштанд. Онҳо аз гурӯҳҳое пайравӣ мекарданд, ки аз ҷониби аҷнабиён дастур гирифта, аз лиҳози молиявӣ дастгирӣ меёфтанд.

Аз зумраи муҳаққиқони ҷадидия, ки онро ба таври амиқ баррасӣ намудаанд, З. Раҷабов маҳсуб мешавад. Мавсуф зимни баррасии ҳаракати мазкур ғояҳои Аҳмади Дониш ва бархе аз муосиронашро маорифпарварона

дониста, ҷадидияро чун қувваи иртиҷоӣ, реаксионӣ муаррифӣ мекунад. Ҳангоми баҳогузорӣ ба неҳзати мазкур З. Раҷабов чунин хулоса мекунад, ки дар пажуҳиши мо пурра дастгирӣ ёфтааст: "Дар сифати ҷадидизм миллатчигии ифрот бо хиёнаткории миллӣ баҳам омехта буд, ки ин дар асри XX барои буржуазияи компрадорӣ-созишкор хос мебошад" [87, с. 373].

Дар баробари ин, ҳанӯз соли 1960 Муҳаммадҷон Шакурӣ бобати бартарии Аҳмади Дониш аз муосиринаш ва омилҳои эътибор пайдо кардани андешаҳояш миёни ҷадидон андеша баён намуда, С. Айниро аз мухлисони содиқи Аҳмади Дониш медонад: "Эҷодиёти Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми асри XIX, дар замони ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия, дар афкори иҷтимоӣ ва инкишофи таърихи адабиёти тоҷик як давраи комил кушод. Аҳмад Махдум руҳи замонро аз ҳама беҳтар фаҳмида, моҳияти он ҳама навиро, ки аз Русия меомад, аз дигарон дақиқтар сарфаҳм рафта, ба бисёр масъалаҳои наве, ки шароити таърихӣ дар назди ҷамъият мегузошт, ҷавоби дуруст гуфт. Аз ҳамин сабаб аст, ки асарҳои ӯ дар назди ҳамзамонони пешқадамаш, хусусан дар назари ҷавонони ҳақиқатталаб эътибори калоне пайдо карда, боиси бедории фикрии як қисми онҳо гардидааст" [105, с. 53-57].

Бо дарназардошти вижагиҳои зикршуда, Аҳмади Дониш аз зумраи донишмандоне буд, ки минбаъд низ садсолаҳо афкори ӯро мутолиа карда, аз пешниҳодоту паҳлуҳои дигари таълимоти ӯ пайравӣ менамоянд. Бино бар ин, илми муосири тоҷикро зарур аст, ки зимни пажуҳиши афкори фалсафии Аҳмади Дониш расидан ба воқеиятро чун ҳадаф қарор диҳад ва осори мавсуфро бе алоқамандӣ бо неҳзатҳои динӣ баррасӣ намояд. Махсусан, андешаҳои дунявии мутафаккир бояд мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифта, омилҳои ба дунё мутаваҷҷеҳ шудани мутафаккири маорифпарвар ба таври васеъ баррасӣ гарданд.

Новобаста ба суханони боло, бояд қайд намуд, ки бо роҳандозӣ шудани бозсозӣ ва мустақилият ёфтани собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ таваҷҷуҳ ба ҷаҳонбинии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуд. Илова бар ин, интиқоли инқилоби исломӣ ва қабл аз ҳама, сиёсисозии ислом бо паҳнсозии

ваҳҳобия, салафия, ҳизбуттаҳрир ва ҳоказо дар ибтидои соҳибистиқлолӣ ақидаҳои ин ҷараёнҳо ба аҳолӣ таҳмил карда шуда, заҳролудшавии афкори иҷтимоӣ оғоз гардид. Ин гуна заҳролудшавӣ ба олимони ҷумҳурӣ низ дар даврони зикршуда бетаъсир намонд. Бино бар ин, сафедсозии ҷадидия ва аз онҳо қаҳрамонтарошӣ оғоз шуда, бар хилофи воқеият Аҳмади Дониш низ чун ислоҳталаби динӣ муаррифӣ гардид. Мо чунин андеша дорем, ки танҳо баҳогузории солҳои сиюми садаи XX ба осори Аҳмади Дониш дар аҳди шуравӣ қобили қабул аст, на оне, ки дар ибтидои соҳибистиқлолӣ рух дод.

Тавре маълум аст, ҳаракатҳое чун маорифпараварӣ дар Ғарб бо муқобилгузории илму дин ва бо мубориза бар зидди таассуб оғоз гардида буд, аммо дар Шарқ бошад, ин тамоюл ё худ падидаи иҷтимоӣ дар пайравӣ аз исломгароӣ сурат гирифтааст. Инро мо дар фаъолияти ҷадидону ҷавонбухориён мушоҳида мекунем, аммо чунин рафтори пайгирона дар осори камназири Аҳмади Дониш вонамехурад. Баръакси ҷавонбухориён, Аҳмади Дониш дар рисолаҳои хеш, аз қабили “Наводир-ул-вақоеъ”, “Рисолаи таърихӣ” рушди ҷомеаро дар истифодаи донишҳо аз илмҳои табиатшиносӣ дида, мақоми илмро аз дин болотар мегузорад. Дар ҳар як ҳикояте, ки дар “Наводир-ул-вақоеъ” муаллиф овардааст, норасоии ҷаҳонбинии динӣ ошкор карда шуда, Аҳмади Дониш роҳҳои ҳалли мушкилиҳоро бо дарназардошти татбиқи ислоҳоти давлат мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҷавонбухориён бошанд, маорифпарвар набуданд, балки бо роҳи кушодани мактабҳои усули ҷадид фақат пайрави татбиқсозии ҳадафҳои сиёсии ҷавонтуркон дар минтақа буданд ва ақидаҳои як шохаи пантуркизмро аз мактаби Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ татбиқ менамуданд. Яъне, ҷадидон назар ба Аҳмади Дониш бештар ба Сайид Ҷамолиддин ва пайравонаш наздиктар буда, ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии “хилофат” мефаҳмиданд ва миллатро тавассути дин, яъне ҳамчун уммат мешинохтанд.

Лозим ба ёдоварист, ки баъзан таҳқиқи осори таблиғии афроди равшанфикр бо афкори маорифпарварӣ қиёс шуда, хулосаҳои камарзише аз он баровардаанд. Бино бар ин, таблиғгарони исломиро чун Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, ё худ ҷавонбухориёнро, ки усули нави таҳсилро роҳандозӣ кардаанд, наметавон бо афроди маорифпарваре чун Аҳмади Дониш муқоиса намуд. Ба қавли онҳо, миллати ҳамаи мусулмонон ба ислом иртибот дошта, ҳеҷ миллате худро хориҷ аз дин набояд муаррифӣ кунад. Андешаи мазкур дар осори Аҳмади Дониш мушоҳида намешавад. Баръакс, мусаннифи "Наводир-ул-вақоеъ" аз араб, тоҷик, узбак, қирғиз, туркман ва ғайра ном бурда, мутмаин аст, ки ҳар яке ҷудогона дорои фарҳанги миллии худ мебошанд.

Омилҳое дигаре низ ҳастанд, ки ихтилофи ақидавии Аҳмади Донишро аз ҷавонбухориён ошкор месозанд, аммо асоситарин омили фарққунанда дар андешаҳои Аҳмади Дониш ва ҷавонбухориён дар ин нукта арзёбӣ мешавад: аввалӣ мухолифи таассуб ва ҳар гуна тафаккури динӣ мебошад, ҷараёни дуюм бошад, дар ниқоби ислом равияи пантуркизмро аз таълимоти панисломистии Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ пайгирӣ намудааст. Ин гуна пайгирӣ аз андешаи ғайр ё худ пойбандӣ аз он омили аслии пастравии милливу сиёсии тоҷикон дар он даврон буд ва то дараҷае имрӯз ҳам ин вазъ ба мушоҳида мерасад, зеро қишри руҳонии ҷомеаи Тоҷикистон ба таблиғи фарҳанги аҷнабӣ дар мисоли дини араб машғул аст ва омезиши исломи масеҳиятро дар мисоли воридшавии ақидаҳои зуҳду раҳбоният аз насроният ба ислом ба таври нохудогоҳона қабул дошта, онро ба шаҳрвандон таҳмил менамояд. Нахустин ҳарфе, ки мулло зимни амр ба маъруф мегӯяд, ин аст, ки "ба дунё дил мабандед", ё худ "дунёро тарк кунед" ва амсоли ин, лекин қисмати ба ин олам тааллуқдоштаи ҷаҳонбинии диниро эътироф накардан он маъниро дорад, ки бо паҳншавии афкори дунёбезорӣ мо ҷомеаро аз рушду тараққӣ бозмедорем.

Масъалаи надидани тафовут байни озодандешӣ, равшанфикрӣ ва маорифпарварии Аҳмади Дониш бо ормонҳои пинҳонии ҷадидия дар

таърихи фалсафа кам таҳқиқ шудааст. Масалан, фарҳангшинос Акбари Турсон Аҳмади Донишро “нахустин ҷадид дар Осиёи Марказӣ” ном бурдааст, вале суол пайдо хоҳад шуд, ки мутафаккир оё ҷадид буд, агарчи ҳамаи ҷадидон новобаста ба мафкураашон худро пайрави комилҳуқуқи Аҳмади Дониш пиндоштаанд. Исботи ин фикр иқрори рӯйирости С. Айнӣ ва бардоштҳои Абдурауфи Фитрат маҳсуб мешаванд. Охирӣ муҳтавои “Мунозара”–ро аз китоби “Наводир-ул-вақоеъ” гирифтааст, аммо ҷое нагуфтааст, ки ин андеша аз осори Аҳмади Дониш сарчашма мегирад, чунки осори мутафаккир аз ҳувияти миллӣ саршор буда, омили аслии даъвои ислоҳоту тағйирот дар тафаккури ӯ ватандӯстӣ буд, вале дар қиёс бо ӯ аксар ҷавонбухориён дар пояи панисломизм андешаронӣ менамуданд. Бино бар ин, зимни таҳқиқи афкори маорифпарварӣ ҳаракати мазкурро аз ислоҳталабони динӣ бояд фарқ намоем, ки ҷавонбухориён намунаи олии ин гуна ислоҳталабӣ буданд.

Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки ду нафар пешвои ҳаракати ҷавонбухориён дар мисоли С. Айнӣ ва А. Фитрат ақидаҳои панисломӣ доранд, вале бо гузашти вақт панисломизми А. Фитрат зери таъсири ҷавонтуркон, ки кӯшиши аз ҳукмронии русҳо халос шуданро доштанд, ба пантуркизм табдил ёфт. Онҳо дар мубориза барои истиқлоли давлатии аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна манфиатҳо ва пешравии пантуркистҳоро ба назар гирифта, дар ин минтақа мавҷудияти Русияи подшоҳиро инкор мекарданд. Шуҳрати шахсияти С. Айнӣ бошад, баъдан боло рафт ва панисломизми ӯ бо мурури замон ба таблиғи афкори миллӣ ва эътирофи қобилияти ташкилотчигӣ ва роҳбарии тоҷикони Бухорои Шарқӣ табдил ёфта, аз ҷониби ӯ осори бебаҳои муаррифгари тоҷикон барои ҷаҳониён офарида шуд.

Муҳаққиқи тоҷик С. Табаров [94] зикр мекунад, ки сарлавҳаи пурраи асари “Мунозара”-и А. Фитрат “Мунозараи мударриси бухорӣ бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи мактабҳои ҷадидия» буда, баҳсу Мунозара, суҳбату табодули афкор, ихтилофу зиддият ва бархурди ду

тафаккур ва эътиқод, ду андеша ва ду ҷаҳонбинии мухолиф воқеияти таърихӣ ва иҷтимоии он замонро ошкор мекунад. Агар ба сарчашмаи сеюм, яъне ба осори Мирзо Сироҷи Ҳаким муроҷиат кунем, пас мутмаин хоҳем шуд, ки дар ибтидои садаи XX намояндагони модернизми аморати Бухоро ба гурӯҳҳои мухталиф мансуб будаанд. Баъзан навоварӣ аз тақлид иборат буд, ки омили маъруфияти фарҳанги бегона мегардид.

Акбари Турсон зимни баррасии масъалаи мазкур оид ба ҷадидия ҳақиқати шефтагиҳои ҷавонбухориёни отатуркиро ошкор намудааст: "Дар ҳамон оғози шаклгирии идеологииии ҷунбиши эҳё роҳҳои хуруҷ аз бунбасти таърихии "тақдир-толеъ-таваккул" бо нури ду идеологияи фаромарзӣ – панисломизм ва пантуркизм равшан шуд. Бо ин ҳол, оқибат маълум гардид, ки огоҳиҳои умумиҷадидӣ ғайрисозанда аст. Аммо дар чашми равшанфикрони минтақаи Осиёи Марказӣ, ки таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихии созмондиҳии муҷаддади зиндагӣ дар Туркияи пас аз усмониро мутолиа мекарданд, идеологияи отатуркӣ ғолиб омад. Дар ҳоле ки ҷавонбухориён иштибоҳоти сиёсии худро, ки бо шефтагии сайри интиқодӣ ба идеяҳои пантуркизм муртабит буд, интихоб намуданд" [17].

Дар иқтибоси мазкур шохаи пантуркизм ҷудо аз панисломизм баррасӣ гардида, он чун асли идеологияи мустақил дониста шудааст, аммо диссертант ба ин андеша муқобил буда, ҳам панэронизм ва ҳам пантуркизмро ду шохаи панисломизми муосир муаррифӣ мекунад, чунки неҳзатҳои панисломистии дар сад соли охир бавуҷудомада оқибат моҳияти пантуркистӣ ба худ касб кардаанд.

Илова бар ин, бархе аз муҳаққиқини осори камназири Аҳмади Дониш ҳатто хулоса кардаанд, ки мутафаккир ба матраҳсозии тафаккури динӣ бештар пардохта, ҳақиқати мазҳабҳоро дар осораш, бавижа дар китоби "Меъёру-т-тадайюн" ошкор мекунад. Аммо дар асл ҳақиқат дигар аст ва омилҳои пайдоиши андешаҳои мутафаккир бояд дар бархурд ва тасодуми динҳову мазҳабҳо пажуҳиш шаванд. Масалан, Н. Зокиров, ки муҳаққиқи ақидаҳои Аҳмади Дониш оид ба ислоҳоти динӣ аст, муътақид мебошад, ки

мутафаккир берун аз доираи шариати ислом фикрронӣ накардааст: “Аҳмади Дониш ақидаҳои худро пеш аз ҳама дар асоси эътиқоди динӣ ва ҳеҷ гоҳ берун аз аҳкоми ислом баррасӣ нанамудааст” [53, с. 22]. Ҳарчанд маҳз омилҳои ғайридинӣ сабаб гардид, ки ӯ осори гаронбаҳое дар танзиму тартибу қудратдорӣ таҳия намояд.

Ба қавли Н. Зокиров,ислоҳталабони динӣ саъй мекарданд, ки унсурҳои тамаддуни Ғарб ва Шаркро ба ҳам муттаҳид созанд ва дар баробари ин вазифаи эҳёи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мусулмононро зери таъсири бевоситаи таълимоти исломӣ гузоранд. Бино ба қавли ин муҳаққиқ, аз зумраи ислоҳталабони исломӣ дар нимаи дуюми садаи XIX Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Шайх Муҳаммад Абду буданд, ки ба ақидаи мо, осори таблиғии онҳо сарманшаи пайдоиши ҳаракати ҷавонбухориён маҳсуб мешавад. Агар ин неҳзатро дар Туркия ҷавонтуркон ташкил карда бошанд, дар Бухоро тарафдорони ин неҳзатро ҷавонбухорӣ мегуфтанд ва дар Афғонистон бошад, онҳоро ҷавонафғон ном мебурданд, ки пешоҳанги ин тоифа аз ислоҳталабони динӣ Маҳмуди Тарзӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқ Н. Зокиров ҳамаи равшанфикронро аз кишварҳои гуногун бо унвони “ислоҳталабони мусулмон” муаррифӣ карда, ба таъсирпазирӣ аз таблиғи эшон дармеафтад, агарчи ҳаракати маорифпарварӣ на фақат дар Ғарб, балки дар Шарқ низ, аз ҷумла дар осор ва афкори Аҳмади Дониш хусусиятҳои зиддидинӣ дошта, дар онҳо баррасиҳо аз нигоҳи тафаккури дунявӣ ва дар пояи ҷаҳонбинии илмӣ мушоҳида мешаванд. Аз ин хотир, ҷонибдорони панисломизмро наметавон чун дигарон маорифпарвар гуфт, зеро таблиғ-ин идеология аст ва ҳаракати маорифпарварӣ бошад, ба идеологияи давлатҳо вобастагӣ надоштааст. Тибқи ақидаи Н. Зокиров, бо такя ба таълимоти ислом, “ислоҳоти динӣ ғолибан алайҳи мустамликадорони Ғарб нигаронида мешуд” [53, с. 30].

Дар ҳақиқат, агар фаъолияти сиёсии ҳар як ҷавонбухориро баррасӣ намоем, оқибат ба хулосае меоем, ки онҳо бино бар таъсирпазирӣ аз неҳзати исломгароии онвақта ба хотири барҳам додани нуфузи ғосибони аврупоӣ аз мансубияти миллии хеш фаромӯш карда буданд ва чунин аҳволро метавон

дар тақсимоти марзии соли 1924 мушоҳида кард, зеро мавқеи ҷавонбухориён дар санаи таърихии зикрёфта фақат пайгирӣ ва ҳамоҳангии онҳо аз афкори болшевизм мебошад. Бегумон пайдоиш ва паҳншавии афкори панисломистӣ дар он овон бояд маҳсули тафаккури ғарбиён бошад, чунки чандин садсола онҳо дарк карданд, ки омили ақибмонии ҷомеа дар тавъам будани дину давлат аст ва бояд дин аз давлат ҷудо гардад. Аммо ҷиҳати эҷоди монеа дар рушди кишварҳои исломӣ ғарбиён панисломизмро чун идеология бунёд намуданд, ки вижагии асосӣ дар он тавъам будани дину давлат маҳсуб мешавад. Дар ин асос муҳаққиқи мазкури тоҷик низ таҳти тасарруфи афкори панисломистӣ қарор дорад, зеро дар сурати дигар аз манфуртарин намояндагони бетартибиҳо дар солҳои 90-уми садаи сипаришуда ва собиқ наҳзатӣ, ки оид ба пайравӣ азислоҳталабии динӣ ақида баён кардааст, иқтибос намеовард [53, с. 74 ].

Муҳаққиқи дигари ҷаҳонбинии маорифпарварӣ (ё равшанфикрӣ) Ш. Абдуллоев байни ҳаракати маорифпарварӣ ваислоҳталабии динӣ умумият ҷуста, андешаи бозгашт ба идеалҳои давраи муҳаммадиро аз аҳдофи умумии ҳам маорифпарварон ва ҳам ислоҳталабони динӣ медонад, дар ҳоле ки осори Аҳмади Дониш бар зидди ислоҳоти динӣ буда, вижагиҳои таълимоташ бо андешаҳои панисломизм мухолифат мекунанд. Муҳаққиқи мазкур зимни баҳогузорӣ ба осори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ислоҳталабиро боздид номгузорӣ мекунад, ки дар натиҷаи он ба майдони фаъолият мазҳабҳое чун “бобия”, “баҳоия”, “аҳмадия” ва ғайра омадаанд [21, с. 68].

Аммо таҳияи мазҳабҳои зикргардида (баҳоия ҳамчун дин аз ҷониби яҳудиён таҳия шудааст) натиҷаи фаъолияти ислоҳталабони динӣ набуд, балки аз Ғарб омада, тавассути онҳо ба мусулмонони Шарқ таҳмил гардидааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар кишварҳои исломӣ ислоҳталабии динӣ бо дастури аҷнабиён таблиғ ёфта, бо кумаки онҳо интишор мегардид. Бино бар ин, агар умумияте дар байни маорифпарварӣ ва ислоҳталабӣ бошад, он ҳама зоҳирӣ аст. Аз дигар тараф, маорифпарварии миллиро чун аксуламал дар муқобили ғасбкории Русия пиндоштан иштибоҳи навбатӣ мебуд, агар ин

ҳарфро бидуни воқиф будан аз муҳтавои осори Аҳмади Дониш мавриди арзёбӣ қарор диҳем. Муҳаққиқи номбурда Ш. Абдуллоев ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани маорифпарварону ислоҳталабон тафсири тавҳидро далел оварда, бар он мутмаин аст, ки "Аҳмади Дониш аз тавҳид қариб сад дар сад бо назарияи уламои ислоҳ чун Ҷамолиддини Афғонӣ, Абдурраҳмон ал-Кавокибӣ ва ҳатто идеологҳои имрӯзаи ҳаракати озодихоҳии исломӣ мувофиқат мекунад" [21, с. 73].

Қобили зикр аст, ки агар ба дин тобиши сиёсӣ диҳем, пас тавассути аҳкоми он ворид шудан ба сиёсати дилхоҳ кишварро таблиғ менамоем, аммо ин ормон хоси ҳаракати маорифпарварӣ набуд ва тобиши сиёсӣ пайдо кардани дин дар афкори ислоҳталабони динӣ, бешубҳа, таҳмили аҷнабиён маҳсуб мешавад. Ин гуна таҳмил бар мусулмонони муосир то кунун мушоҳида мешавад ва навтарини он ақидаи З. Бжезинский – сиёсатмадори амрикоӣ аст, ки роҳҳои барпо кардани моҷарои марзиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия намудааст [37].

Гузашта аз ин, Ш. Абдуллоев тамоюлоти ислоҳи динро дар рисолаи дигари Аҳмади Дониш, ки "Меъёру-т-тадайюн" номгузорӣ шудааст, меҷӯяд ва ин падидаро ба ақидаҳои маорифпарварии мутафаккир пайваст менамояд, аммо дар рисолаи зикршуда нафрати мусаннифи он нисбат ба тобиши сиёсӣ касб кардани дини ислом ҳанӯз аз замони Абдуллоҳ ибни Сабаъ ва тамоюли мазҳабгароӣ дар ислом мушоҳида мегардад. Мусаллам аст, ки Аҳмади Дониш ба ҳайси донишманд ба ғосибони кишвар ҳисси нафрат надорад ва дар мағлубшавии низоми манғитӣ фақат бехабарӣ ва зулму истибдоди онҳоро гунаҳкор медонад. Аз ин хотир, аксуламали ӯ на бар зидди ғосибон, балки муқобили ҳокимиятдорони маҳаллӣ равона гардидааст.

Дар маҷмуъ, оид ба таносуби ҳаракати маорифпарварии Шарқ бо ислоҳталабии динӣ андешаи мо чунин аст: аввалан, чунонки аз осори Аҳмади Дониш бармеояд, ҳадафи мутафаккир аз ислоҳот такмилу тақвият додани дунявият дар Бухоро буд; сониян, ислоҳталабии динӣ шуруъ аз Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ то Абдурауфи Фитрат ҷанбаҳои таблиғиро фаро

гирифта, аз гумон дур нест, ки онҳо дар интишори ақидаҳои панисломистӣ ва пантуркистӣ тибқи дастури хоҷагони фарангӣ фаъолият менамуданд; сеюм, то кунун аслиҳаи аслии қудратҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати тасарруфи кишварҳои исломӣ ва ба мустамликаи худ табдил додани онҳо сиёсисозии ислом маҳсуб мешавад; чорум, неҳзати ҷадидия, ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз ҷавонтуркон буд, ба ҳадафҳои болшевизми шуравӣ мусоидат мекард ва дар ҳамоҳангӣ бо ақидаҳои болшевикӣ амал мекарданд. Агар дар садаҳои XIX ва XX ғарбиён мазҳабҳое чун бобияву баҳоияро бунёд намуда бошанд, дар замони муосир чун "Бародарони муслимин", салафия, "Ҳизб-ут-таҳрир" ва амсоли онҳоро таъсис дода, амалҳои тахрибкорӣ, терроризм ва экстремизмро ба ҷомеаҳои мусулмонон таҳмил месозанд.

Тавре зикр гардид, гурӯҳи бузурге аз сокинони шаҳри Бухоро худро пайрави Аҳмади Дониш пиндоштаанд ва дар зеҳни онҳо мутафаккири маорифпарвар таъсиргузор будааст ва ин гурӯҳ андешаҳои ӯро пазируфтаанд. Аммо тоторҳои Қрим низ, ки ангезаи усули ҷадиди таълиму тадрисро дар даҳсолаи аввали садаи XX роҳандозӣ намуданд, ба бухороиён таъсир доштанд. Тоторҳои Қрим бошад, аз нигоҳи мо, на фақат дар ақида, балки дар сатҳи ҷаҳонбинӣ низ аз Аҳмади Дониш тафовут доштанд, чунки нигоҳи ин мутафаккир пешрафта буд, аммо ҷавонбухориёни пайрави тоторҳо ба қафомондагӣ мусоидат мекарданд. Масалан, муколамае, ки байни фарангӣ ва марди бухорӣ дар асари Аҳмади Дониш омадааст, ҷавонбухории дар афкори пантуркизм ғӯтавар - Абдурауфи Фитрат аз он бо унвони "Мунозара" рисола сохта, ба он тобишҳои диниву туркгароиро додааст. Ба ибораи дигар, ҷавонбухориён фикри Аҳмади Донишро барои таблиғи андешаҳои динии хеш суистифода кардаанд, аммо ин гадоён ба мақому нуфузи мутафаккир зиён нарасонидаанд. Баръакс, нуфузи ақидаҳои ӯ бо дарназардошти нашр гардидани рисолаҳои донишманд боз ҳам болотар рафт. Бояд зикр кард, ки дар кишварҳои исломӣ низоми ақидатии Аҳмади Дониш бино бар таассуб нисбат ба он паҳн нагардид, аммо новобаста ба

интишори осор ин донишманд мақоми оламшумулу сатҳи ҷаҳониро соҳиб мебошад.

Ҷавонбухориён новобаста ба мансубияти миллӣ, дар Ховари Миёна бегуфтугӯ худро пайрави Аҳмади Дониш пиндоштаанд ва муҳаққиқон то кунун ба ин масъала назари мухталиф доранд. Аз зумраи шарқшиносони рус И. С. Брагинский зимни муқоисаи ақидаҳои ҷавонбухориён бо афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба чунин хулоса меояд ва неҳзати ҷадидияро дар қиёс бо ҳаракати маорифпарварӣ қадаме ба ақиб муаррифӣ менамояд: “Худи ҷадидон гоҳе Аҳмади Донишро бунёдгузори наҳзати ҷадидия эълом мекарданд. Ин гузориши нодуруст аз сӯйи бархе муҳаққиқин бидуни интиқод пазируфта шуд, ки дар адабиёти марбут ба ин мавзуъ зикр шудааст ва дарвоқеъ, ҷадидия гоме ба ақиб аз рушанфикрӣ, таҳрифи миллигароии он, тағйири ҷанбаҳои демократии он буд” [42, с. 29].

Бо таваҷҷуҳ ба баррасиҳои И. С. Брагинский метавон бо қатъият таъкид намуд, ки наҳзати ҷавонбухориён бино бар тағйирхурии паҳлуҳои демократии худ ҳаракате тақаллубӣ будааст ва дар Бухоро дар афкори онҳо таъсири ҷадидони тотор мушоҳида мешавад. Зеро ба қавли шарқшиноси мазкур, асосгузори пантуркизми Русия маҳз тоторҳои Қрим маҳсуб мешаванд, ки дар Бохчасаройи Қрим рӯзномаи “Тарҷумон”–ро интишор менамуданд. Ба ибораи дигар, ҳадафи ҷадидони Бухоро таъмини рушди дунявии аморати Бухоро набуд, онҳо бино бар таъсирпазирӣ аз ақоиди ҷавонтуркон мехостанд Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақае, ки аҳолии он мусулмон маҳсуб мешавад, ба ҳайати давлати навтаъсиси “Хилофат”-и туркӣ шомил гардида, дар он ба ҳар фарде тибқи аҳкоми исломӣ муносибат бунёд карда шавад.

Аз тарафи дигар, агар Аҳмади Дониш аввал илмро дониста бошад, пайравони ҷадиди ӯ динро аз ҳама муқаддам гузоштаанд. Дар даҳсолаҳои аввали садаи XX фақат ҷавонбухориён, ки нусхаи ҷавонтуркон буданд, ҳадаф аз мавҷудияти хешро дар ин медиданд, ки аморати Бухоро дар ихтиёри Русия намонда, ҷузве аз Туркияи побанд ба қудрати бритонӣ бошад. Имрӯз низ

қавмҳои туркӣ тоифаеро аз зумраи он ҷавонбухориҳо маорифпарвар гуфта, дунболи онҳо рафтаанд ва мехоҳанд бузургбародаре дар умури сиёсии кишвар дахолат дошта бошад. Ҳамаи ин гувоҳӣ аз бегонагароӣ медиҳад. Агар маорифпарвариро гомҳои нахустини муосирсозӣ пиндорем, пас ягона мунаққиди ҷомеаи дар ғафлат қарордоштаи аморати Бухоро Аҳмади Дониш аст. Лекин ақидаҳои басе муфид ва раҳнамои ин шахсияти таърихӣ то кунун дар зеҳни баъзе тоҷикони муосир таъсир нагузоштааст. Ин ҳамон гуфтаҳои фарангӣ ҷиҳати аз ток мева хурдани мусулмононро ба ёд меорад, ки саробонии ин токро фаромӯш кардаанд.

Дар маҷмуъ, дар илми муосир Аҳмади Дониш дар васати ду навъи ҷаҳонбинӣ муаррифӣ мешавад, ки яке маорифпарварист ва дигаре ҷадидия. Аммо воқеият ин аст, ки мутафаккир чун ҷадидон ё ҷавонбухориён набуд ва дастпарвардаи мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро намебошад. Аҳмади Дониш бо ақидаҳои ақлонию дунявияш шахсияте буд, ки ҳамаи андешамандони Бухоро ва Самарқанд дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои асри XX ҷову беҷо пайравии хешро аз афкори Аҳмади Дониш иқрор шуда, нақши ӯро дар фазои маънавии ҳамонвақтаи Бухоро хеле барҷаста муаррифӣ сохтаанд.

Аз ин гуфтаҳо бараъло маълум мегардад, ки мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш чун ҷавонбухориён ислоҳталаби динӣ набуд ва омилҳои ақибмонии аморатро дар набудани муассисаҳо ва афкору пажуҳишҳои дунявӣ медид. Ба ибораи дигар, Аҳмади Дониш қафомонии дилхоҳ давлатро дар бехабарии масъулин ва тарзи тафаккури ғайридунявӣ ҳисоб карда, ривоҷу равнақи давлатро дар бунёди низоми дунявӣ дидааст. Илова бар ин, китобҳоеро чун “Сайқалнома” ва “Абумуслимнома” ӯ аз тахайюл иборат донистааст, ки ҷиҳати таъмини рушди ҷомеа нақше намегузоранд. Ба ин монанд, ҳифзи Қуръону сарсарӣ мутолиа кардани осори диниро дар мактабҳо ва мадрасаҳо ҳамчун усули таълиме донистааст, ки истеъдодро ошкор нахоҳад кард ва яке аз роҳҳои дар ҷаҳлу торикӣ нигоҳ доштани мардум маҳсуб мешавад.

Бо сабабҳои болозикр Аҳмади Донишро, ки ба қавли Расул Ҳодизода “мутафаккири маорифпарвар” муаррифӣ мегардад, ба ҷадидони бо ном навовар ва пайрави панисломизму ҷавонтуркон набояд муқоиса намоем, чунки тафовути ину он хеле бузург мебошад. Аммо нуфузи Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори ислоҳталабоне чун ҷавонбухориён бузург арзёбӣ мегардад ва ҷадидон худ дар ин бобат иқрор кардаанд, ки дар густариши ҷаҳонбинии сиёсии онҳо осори мутафаккир, бавижа “Наводир-ул-вақоеъ” таъсиргузор буда, онҳоро аз хоби ғафлат бедор намудааст. Аз ин рӯ, дастхатҳои осори Аҳмади Дониш байни ҷавонбухориён аз даст ба даст мегузаштааст ва аксар навоварони ислоҳталаб бо осори мутафаккир ошно будаанд. С. Айнӣ ба ҳамин сабаб дар китоби “Таърихи инқилоби Бухоро” мутафаккирро баситораи дурахшон шабеҳ донистааст: “Аз уфуқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон зоҳир мешавад, ситорае медурахшид. Ин ситора Аҳмад махдуми муҳандиси Дониш буд, ки ба Аҳмади Калла шуҳрат дошт” [25, с. 17].

С. Айнӣ инчунин оид ба муносибати сарди мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш бо амирони Бухоро қайд кардааст: “Аҳмад-махдум ҳаргиз аз таҳти дил ба амир хизмат накард, роҳи хушомадгуйӣ ва тамаллуқро пеш нагирифт, балки дар мавридҳои муносиб фасоди усули идораи Бухоро, хиёнат ва ғадри аҳли дарбор, сохтакориҳои муллоёнро гоҳҳо бо ишорат ва гоҳҳо бо сароҳат ба амир маълум карда истод. Аҳмад-махдум бо ин қонеъ нашуда, ҳамеша ба атрофи худ якчанд уламо ва талабагони мустаидро ҷамъ карда, аз фасоди замона гап мекушод, бо роҳи шӯхӣ ва ханда ба кушодани фикри онон мекӯшид” [25, с. 18].

Дар баробари ин як далеле, ки С. Айнӣ дар китоби мазкур овардааст, ҳаддалимкон пардаро аз рӯйи баъзе афроди навовар мебардорад. Дар ин матн ин маъниро мехонем: “Аксарият газетхонҳоро “бобӣ” ва газетҳоро “китоби бобиён” меномиданд” [25, с. 21]. Ҳадаф аз бобӣ, пайравони Алӣ Муҳаммади Боб аст, ки дар садаи XIX дар Эрон поягузори ҷараёни нави динӣ гардид ва пас аз маргаш шогирди ӯ бо номи Баҳоуллоҳ ҷараёни дигари

диниро ба унвони “баҳоия” таҳия намуда, мусулмононро ба ормонҳои нав даъват мекард. Бояд зикр намуд, ки яке аз роҳҳои таҳмил намудани ҳадафҳои геосиёсӣ паҳн кардани ин ҷараёнҳои сунъӣ мебошад ва аз гумон дур нест, ки бархе аз ҷавонбухориён бино бар таблиғи ҷараёнҳои динии мазкур аз ҷиҳати молиявӣ аз ҷониби хоҷагони хориҷияшон дастгирӣ меёфтанд.

Пайдоиши ҷараёнҳои болозикр бо замони зуҳури панисломизм, яъне сиёсисозии ислом рост меояд. Аммо бояд қайд кард, ки ҷадидони Бухоро чун навоварӣ ҳамаи фикру хулосаҳоеро, ки вижагиҳои ҷадид доштанд, истиқбол менамуданд ва дар байни онҳо, хосатан дар осори Абдурауфи Фитрат иқдоми хориҷ аз аҳкоми исломиро мушоҳида намекунем, лекин ин ҳаракат аз афроди мушаххасе ташкил нашуда буд, ки ҳама якхела тафаккур карда, як равишро пайравӣ кунанд.

Хоҳ-нохоҳ дар байни ҷадидон пайравони Боб низ буданд ва аз зумраи онҳо низ афроде пайдо шуданд, ки аз ин ҷараён пайравӣ мекарданд. С. Айнӣ дар китоби “Таърихи инқилоби Бухоро” омили ивазшавии ҷадидонро ба ҷавонбухориён дар нуфуз пайдо кардани ҷараёни пантуркистӣ баррасӣ карда, ин тағйиротро чунин шарҳ медиҳад: “Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳалаи аввал мактаби усули ҷадидия сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» номидаанд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққию пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро “ҷавонбухороиён” (мисли ҷавонтуркон) меномиданд” [25, с. 72].

Дар маҷмуъ, афкори фалсафии Аҳмади Дониш дар густариши неҳзати ҷадидия омили аслиро набозидааст, аммо аксар пажуҳишгарон бар ин назаранд, ки сарманшаи пайдоиш ва паҳншавии ҷадидияи Бухоро маҳз осори Аҳмади Дониш мебошад.  Ба ақидаи мо, агар воқеият чунин мебуд, ки дар боло зикр кардем, ҷадидия ба ҷараёни хурофотпарастӣ ва гароиш бар минбарҳои таблиғии Ғарб бо кумаки тоторҳо мубаддал намегашт. Масалан, барои С. Айнӣ омили ташаккули ҷаҳонбинӣ маҳз осори Аҳмади Дониш буд. Дар ин маврид шубҳае вуҷуд надорад ва Абдурауфи Фитрат низ бештари

идеяҳоро аз осор ва афкори фалсафии Аҳмади Дониш пазируфтааст. Чунонки борҳо таъкид гардид, “Мунозара”-и ӯ дар пояи баҳси фарангӣ бо ҳоҷии бухорӣ аз “Наводир-ул-вақоеъ” гирифта шуда, ҳамин ормон васеъ баррасӣ мешавад. Аммо агар Аҳмади Дониш дар “Меъёру-т-тадайюн” маслакҳову равишҳои диниро интиқод намуда, муҳити Бухороро дар суистифода аз ислом айбдор намояд, пас Фитрат дар “Мунозара” ҷиҳати азбайнравии бархурди шиаву суннат ҳарф мезанад. Бино бар ин, Фитрат ғояҳоро аз Аҳмади Дониш рабудааст, аммо онро аз нигоҳи ҷомеашиносии муосир натавонистааст асоснок кунад. Донишҳои ақлонию мантиқии А. Фитрат дар қиёс бо афкори фалсафии Аҳмади Дониш тангтар будаанд ва ин тангназарӣ ӯро муқаллиду мубаллиғи пантуркизм сохтааст, агарчи дар баъзе интишороти “Мунозара” муаллиф дар сархати аввал ин ҳикматро ҷо кардааст: “Ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст”.

Абдурауфи Фитрат дар китоби «Мунозара» нишон додааст, ки ҷаҳонбинии шаҳрвандони аморати Бухоро дар қиёс бо тарзи тафаккури фарангиён дар кадом сатҳ қарор дорад. Аммо Мунозараи сайёҳи бухорой бо марди фарангӣ аз рӯоварии муаллифи китоб ба фарҳангу андешаронихои бегона ва таҳмилшуда аз сӯйи кишварҳои ғайр гувоҳӣ медиҳад. Агарчи муаллиф ихтилоф дар миёни ҷадиду қадимро аз нақшаи ғаразноки сиёсати аз хориҷа таҳмилёфта меҳисобад ва мутмаин аст, ки сокинони аморат як дину як Ватан доранд, вале худ он андешаро таблиғ менамояд, ки онро дар хориҷ аз Бухоро дар либоси панисломизм таҳия намудаанд ва муҳаққиқон ин андешаи таҳмилиро пантуркизм номидаанд.

Дар умум, навгароёни Бухоро аз қабили Фитрат, ки дар таърих ҳамчун ҷадид шинохта шудаанд ва баъзан таҳти унвони «ҷавонбухориён» муаррифӣ мешаванд, мактаби ҷавонтурконро гузаштаанд ва дар интиқоли ақидаҳои бегонагон аз хориҷ ба дохили аморат саҳмгузоранд. На фақат ҷадидони Бухоро, балки бархе аз поягузорони панисломизм, чун Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва доктор Муҳаммад Иқбол низ барои манфиатҳои бегонагон хидмат намуда, омили тарҳрезӣ ёфтани мазҳабҳои таҳмилӣ шудаанд. Иқболи

Лоҳурӣ мусулмононро аз хатарҳое воқиф месозад, ки аз ҷониби фарангиён бар онҳо таҳмил менамуданд, аммо худ низ он ақидаеро баён мекунад, ки имрӯз сабаби нифоқ ва парокандагии мусулмонон гардидааст. Андешаи барпо намудани хилофати исломӣ ва бозгашт ба аҳди паёмбар, ҳамчунин ба василаи ҷиҳод хароб намудани кишварҳои исломӣ бо дарназардошти таблиғи беватанӣ ва таҳияи давлати ягона на танҳо дар замони муосир, балки дар аввали садаи бистум аз ҷониби ҷавонбухориён чун Абдурауфи Фитрат бозгуйӣ шудааст.

Муаллифи «Мунозара» Абдурауфи Фитрат ҳамаи хидматҳои хонадони Сомониро ҷиҳати истиқлол ёфтану итоат надоштан аз Хилофати араб инкор карда, ба аслиҳаи маънавӣ дар дасти таҳмилкунандагони сиёсати хориҷиён мубаддал гардидааст. Дар оғози асари мазкури ӯ баҳсу ихтилофи равияҳои асосии исломӣ дар мисоли шиаву суннат куҳна дониста шуда, даъват ба амал оварда шудааст, ки ин ихтилофро "аз миён бардоред, онҳо ки шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд. Фиреби онҳоро нахуред!" [53, с. 3].

Аммо, ба назари мо, Фитрат худ ҳангоми баёни андеша фиреб хурда, ақидаи барои мардуми Бухоро бегонаро интишор мекунад ва ба васеъшавии ихтилофи мусулмонон мусоидат менамояд. Таблиғи хурофот дар ниқоби ислом ҳамон андешаҳои таҳмилӣ маҳсуб мешаванд, ки бо мақсади такмил додани муҳити ба манфиатҳои бегонагон нигаронидашуда таҳмил мегардид.

Фитрат сабаби иншо гардидани "Мунозара"-ро чунин тасвир менамояд: «Банда дар ин айём бо ҳикояте тасодуф кардам, ки муштамил аст бар мунозараи як нафар мударриси бухорой, ки озими ҳаҷ буда, бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи усули ҷадид ва қадим. Аз ин ҷо ки ҳикояти мазкура ин масъаларо ба таври акмал ҳал намуда буд, хостам, ки ӯро ба сурати як рисола, аммо ба таври муҳовараи бухориён тартиб дода, нашр намоям" [104, с. 7]. Воқеият ин аст, ҳикояте, ки Фитрат бо он тасодуф омадааст, чунонки болотар ҳам зикр гардид, ба Аҳмади Дониш тааллуқ дошта, дар китоби маъруфи ин донишманд бо номи "Наводир-ул-вақоеъ"

омадааст. Лекин Аҳмади Дониш ин ҳикоятро ба хотири таҳмил намудани ақидаҳои фарангиён бар бухориён наовардааст. Ӯ агарчи се маротиба озими Русия шуда, аз бартарии тамаддуни ин кишвар аз аморат воқиф бошад ҳам, лек ҳеҷ гоҳ аз аҳли Бухоро даъват накардааст, ки ба ҷойи тамаддуни хеш аз тамаддун ва фарҳанги бартаридоштаи Фаранг пайравӣ намоянд. Чунонки Фитрат гуфтааст, ин масъала аз ҷониби Аҳмади Дониш «ба таври акмал ҳал шудааст». Аммо худи Фитрат дар «Мунозара» барои таҳмили бегонапарастӣ ва таблиғи фарҳанги аҷнабӣ на танҳо кӯмак намудааст, балки таблиғгари андеша ва нақшаҳои сиёсии афроди бурунмарзӣ шудааст.

Фитрат агарчи ҳикмати бузургро, ки "ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст", ба миён гузошта, онро дар сархати рисолаи хеш ҷой додааст, бо вуҷуди ин дар сар то сари "Мунозара" кӯшиш намудааст, ки Бухороро аз тасодуми афкор эмин нигаҳ дорад ва аз забони фарангӣ фаъолияти бегонагароиро дар мисоли афроди таблиғгари маорифпарварии исломӣ ташвиқ кунад: "Ниёзбек, Анварбек барои машрутаи Истамбул меҳнатҳо ки кашиданд, агар навпарастӣ набуд, чӣ буд? Сатторхон, Боқирхон ҷиҳати талаби машрутаи Эрон ҷони худро дар кафи даст гирифта ба ҳар тараф медавиданд, ҷуз осойиши навъи худ чӣ дар назар доштанд? Абдурашид Иброҳими Нуғай аз манзили худ бо дувоздаҳ сӯми русӣ барои таъсиси иттиҳоди исломӣ то Чину Жопон рафта, дар Токио, ки пойтахти Жопон аст, чанд нафар аъёнро мусулмон карда, як ҷамъияти исломӣ ташкил дода, ғайр аз хидмати ислом чӣ мақсуд дошт?" [104, с. 15].

Ба ақидаи мо, Фитрат афроди зикршударо чун намуна оварда, афзудани сафи мусулмононро аз мақсадҳои ислом донистааст, вале ишора накардааст, ки афзудани теъдоди мусулмонон дар шароити навгароии кӯр-кӯронаи онҳо бар зарари худи онҳо анҷом мепазирад. Ҳамчунин, ҳадафи асосии ӯ паҳн намудани ислом нест, дар ҳоле ки мусулмонони дунё аксар вақт ба дигарон эҳтиёҷ доранд. Интишори ақидаҳои динӣ дар аввалҳои садаи бистум маънои онро дошт, ки ҷомеаи аморати Бухоро дар он замон то ҳол ҳам идомаи ҳамон ҷамъиятест, ки нуфузи хурофотпарастии диниро аз илму маорифи муосир

авлотар меҳисобад ва ин гуна қафомониро Фитрат боз аз забони фарангӣ изҳор менамояд.

Таблиғи хурофот ва дигар кирдорҳои ба дин вобаста дар асари Фитрат чун аз ҷониби фарангӣ сурат мепазирад, пас метавон чунин хулоса баровард, ки фарангиён ақибмонии ҷомеаи Бухороро таманно намуда, барои расидан ба ин ҳадафи худ талош меварзанд. Фитрат бошад, дар ин раванд василаи татбиқ намудани ин гуна ақидаҳо маҳсуб меёбад, агарчи ӯ аз забони фарангӣ дар ситоиши илм низ сухан гуфта, зимни баён намудани ин масъала манфиати илмро барои давлатдорӣ зикр менамояд: "Илм сабаби ободии мулк аст, илм боиси тараққии миллат аст. Илм аст, ки муште ҷазиранишинони англисро фармонравои Ҳинд, Миср, Балуҷистон, қисме аз Арабистон, номутамаддинони русро молики рикоби муслимини тотор, қирғиз, Туркистон, Қафқоз намуда, мамолики васеи Усмониро пора-пора ба дасти бегонагон нагардонид, магар ҷаҳл…" [104, с. 21].

Фитрат чун ситоиш аз илм мекунад, баён намекунад, ки илму таблиғ аз ҳамдигар фарқ доранд ва андешаҳои таблиғӣ ба илм иртибот надошта, хулосаи амалҳои сиёсӣ ҳастанд. Аз назари мусаннифи "Мунозара" ғосибони ҷаҳон олим будаанд ва маҳз илм онҳоро имкон додааст бар дигарон ҳукумат кунанд. Аммо он илме, ки Фитрат дар назар дорад, яъне улуми динӣ, ҳеҷ гоҳ сабаби ободии мулку миллат намешаванд ва иттиҳоди мусулмонон, ки ӯ орзу дорад, бо роҳи таблиғи ақидаҳои аҷнабӣ ҳосил нахоҳад шуд. Дар баробари ин, ба андешаи мо, Фитрат илмро бо ақидаҳои хурофотии динӣ омехта намудааст.

Гузашта аз ин, аз матни зикргардида маълум аст, ки муаллифи он гирифтори таблиғест, ки кишварҳои абарқудрат дар бархурд бо ҳамдигар ва дифоъ аз манфиатҳои геополитикӣ аз он истифода менамоянд. Русияро муттаҳам сохтан дар тасарруфи Қафқоз, Осиёи Марказӣ, Тотористон ва дигар марказҳои мусулмоннишин аз ин гувоҳӣ медиҳад ва ҳувайдост, ки фарангӣ муваззаф шудааст, то мусулмононро ба муқобили Русия таҳрик диҳад. Фарангии қаҳрамони асари Фитрат бино бар сиёсати ғасбкоронааш

дар сар то сари ҷаҳон, боз эълон менамояд, ки дар мулки мусулмонон русҳо зулм мекунанд: “Солҳост давлати рус Самарқандро тасоҳуб намуда, зулме нест, ки ба муслимини он ҷо дареғ надорад, аз қароре, ки мегӯянд, русҳо дар он ҷо мақоми фоҳиш бино карда, духтарон ва занони ашроф агар хоста бошанд, дар он ҷо рафта менишинанд, касе манъ карда наметавонад. Ҳама мегӯянд, дар масъалаи шаръие, ки мутобиқи закуни рус набошад, уламо аз иҷрои он оҷизанд” [104, с. 25].

Фитратро фарангиён дар муқобили Русия истифода кардаанд ва ӯ дар “Мунозара” ҳатталимкон тавонистааст, ки ақидаҳои бегонагонро ба миллати хеш бор карда, чун таблиғкунандаи низоми ҳамонвақтаи Туркияи дар дасти ҷавонтуркон қарордошта фаъолият намояд. Аз ҳамин хотир, дар баъзе мавридҳо аз номи фарангӣ чунин ибораро дучор мешавем: “Илоҷи шумо ин аст, ки мактабҳои ҷадид бикшоед…” [104, с. 26].

Фитрат аз таблиғи мактабҳои усули ҷадид шуруъ карда, оқибат ба василаи Туркия ҳадафҳои Аврупоро ба бухориён таҳмил мекунад. Аммо маълум аст, ки ӯ дар таблиғ намудани навоварӣ пантуркизмро истифода намуда, барои эҳёи муҳити аҷнабӣ мусоидат кардааст. Агар «Мунозара» дар соли 1909 таълиф шуда бошад, пас дар солҳои бистуми қарни гузашта Фитрат аз зумраи фаъолтарин таблиғгарони шохаи пантуркистии панисломӣ, ки аз ҷониби аврупоиён таъсис дода шудааст, маҳсуб меёфт.

Агар Дониш ва муосиронаш, аз қабили Шоҳин, Возеҳ, Садри Зиё, Ҳайрат, Савдо, Асирӣ ва дигарон хирадро василаи рафъи мушкилот дар ҷомеаи Бухоро баррасӣ кунанд, Фитрат ва ба ӯ монанд ҷавонбухориён талош доштанд, ки тавассути бегонагон дар сохтори давлатии аморати Бухоро тағйирот ворид намоянд. Дар ин бобат муҳаққиқони муосир таъкид доштаанд; ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси идеологияи миллатгароёни турк – туркизм ақида ва ё худ равияи дигар – пантуркизм (туркпарастӣ, марказаш дар Туркия) ба вуҷуд омада, рушд кард. Мувофиқи таълимоти туркпарастон, як қатор миллатҳои ҷаҳон, ба монанди юнониҳо, форсҳо, арабҳо кайҳо хароб шудаанд ва онҳо гӯё оянда надоранд; қисми

дигари миллатҳо, аз ҷумла халқҳои Аврупо гӯё ба интиҳо мерасанд; танҳо қисми сеюми миллатҳо, ки ба онҳо туркҳоро нисбат медоданд, гӯё тараққӣ мекунанд ва ояндаи дунё насиби онҳост. Аз ин рӯ, онҳо «ягонагии миллӣ ва давлатӣ»-и ҳамаи халқҳои турқзабонро тарғиб мекарданд. Туркпарастӣ дар байни тоторони миллатгарои Қриму Поволжйе ҳамовозии зиёд пайдо кард, зеро онҳо тавассути ин равия воситаи ягонаи ҷудоӣ аз давлати Русияро медиданд [65, с. 192].

Бояд таъкид кард, ки як қисми тарҷумонҳо ва ҳатто амалдорони хурди давлати Русия, ки бо корҳои Осиёи Марказӣ машғул буданд, аз ҷумлаи тоторҳо буда, баъзеи онҳо, ба мисли ҷадидони тотор ҳамин равияи пантуркистиро дастгирӣ мекарданд. Ҷавононе, ки аз Осиёи Миёна ба Туркия ва ё ба Қриму Поволжйе сафар мекарданд, ё худ аз тарафи ҷадидон барои таҳсил фиристода мешуданд, зуд ба зери таъсири ҳамин равия, яъне пантуркизм меафтоданд. Минбаъд онҳо чун ташвиқгари ҳамин равия ба воя мерасиданд ва амал мекарданд. Дар шароити Осиёи Марказӣ туркпарастон мавҷудияти тоҷиконро тамоман инкор мекарданд. Тоҷиконро ба “туркҳои бо таъсири адабиёти классикии форс забони худро гумкарда” дохил менамуданд. Бино бар ин онҳо мегуфтанд, ки “тоҷикон бояд ба асли худ – туркҳо табдил дода шаванд…” [65]. Аз ин рӯ, дар рӯ ба рӯйи туркпарастии ҷадидони Осиёи Марказӣ зиракии ҷиддӣ лозим буд ва ин хатар боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, бояд ба эътибор гирифт, ки ҳаракати ҷадидия ва туркпарастӣ ҳеҷ гоҳ ҳаракати ягона набуд ва на ҳамаи ҷадидон дар тамоми даври фаъолияташон туркпараст буданд. Махсусан, дар давраи аввали фаъолияти ҷадидони Бухоро таъсири равияи туркпарастӣ нисбатан кам буд. Аз ҳамин сабаб ҷадидони Бухоро аввалин мактаби усули нав ва нахустин рӯзномаро ба забони тоҷикӣ ташкил намудаанд, вале пӯшида нест, ки нуфузи туркпарастӣ дар фаъолияти онҳо сол то сол меафзуд. Зеро худи ҷадидони Осиёи Марказӣ дар симои давлати Туркия намунаи ибратбахши давлати тараққикардаи исломиро дида, нисбат ба он таваҷҷуҳи зиёде пайдо карда

буданд. Дар натиҷа, қисми зиёди зиёиёни бедоргаштаи тоҷик низ, ки ба равия ё худ ҳаракати ҷадидия дохил буданд, бо ақидаҳои туркпарастӣ заҳролуд шуда, минбаъд худро турк ҳисоб намуда, нисбат ба миллат ва забони худ хиёнатҳои зиёде кардаанд [138].

Мусаннифи "Таърихи нофеъ" М. Балҷувонӣ ҳангоми баррасии низоми сиёсие, ки дар аморати Бухоро ҳукумат мекард, ба санъати қиёс рӯ оварда, аморатро ба қудрати эҳтиёҷдошта монанд намудааст: "...ҳеҷ давлат ба масобаи давлати Бухоро муҳтоҷ ва аёғи оташ намебошад ва ин аз тамоми давлатҳои дунё паст мондааст. Тараққии ин давлатро ҳар яке аз инсони оқил хоҳиш дорад, лекин каси оқил бад-ин мулк камтар аст, азбаски мардуми ин вилояти Бухоро ба озодагӣ ва тарсандагӣ ва беҳимоятӣ маъруфи давлатҳост. Ин залиливу пастафкандагии Бухоро аз куҷост ва беилмӣ, яъне илми сиёсиро дар Бухоро аслан ва зотан роҳ надодаанд, мебинанд, ки ин салтанати Бухоро машҳури давониқ аст, лекин аз сиёсат баҳра надорад" [33, с. 50]. Бахши басе нодири "Таърихи нофеъ"-и М. Балҷувонӣ ба бархурди ҷавонбухориён бо қудрати амирӣ ва суйистифода шудани ормонҳои шуроӣ аз ҷониби неҳзати ҷадидия бахшида шудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Н. Ҳотамов дар муаррифӣ ва баёни ҳақиқати ҳоли ҳаракати ҷадидия чунин ақида дорад: "Дар асл ҷадидон дар марҳилаи аввал худро "ҷавонон", "ҷавонфикрон", "маорифпарварон", "тараққипарварон", "ислоҳотпарварон", "ислоҳотхоҳон", "навпарастон" ва ғайра меномиданд. Ба ғайр аз ин, ҷадидони Бухоро, чунон дар боло ишора кардем, ба ҷавонтуркони Туркия пайравӣ намуда, худро "ҷавонбухориён", ҷадидони Хева бошанд, худро "ҷавонхевагиҳо" меномиданд. Дар навбати худ ҷадидон низ муқобилони худро "куҳнапарастон", "қадимиён", "қадимпарастон", "тарафдорони усули куҳна" ва ғайра меномиданд" [115, с. 123]. Аммо нигоҳи муҳаққиқи мазкур нисбат ба ҷадидизм калаванда аст ва номбурда дар ҳеҷ сурат намехоҳад, ки ҷадидонро исломгаро ва пайрави ҷараёни панисломизм номад. Ба қавли мавсуф, дар байни ҷадидон низ афроде буданд, ки чун

маорифпарвар машҳур шуданд ва ҳеҷ калавише дар кирдорашон мушоҳида нашудааст.

Барои шахсиятҳое, ки таваҷҷуҳ ба имрӯзу фардои миллат доштанд ва барои афроде, ки сарнавишти кишварро чун Аҳмади Дониш пайваста мушоҳида менамуданд, маълум буд, ки аз даст рафтани истиқлоли кишвар на танҳо бо бартарии ҳарбию техникии Русия, балки бо равандҳое, ки дар замонашон дар дохили худи аморат, яъне бо буҳрони низоми сиёсӣ ва қудрат ба вуҷуд омада буданд, алоқаманд буд. Низоми идоракунии раият дар мамлакат бесамар буд ва Аҳмади Дониш, ки на танҳо адиб, балки арбоби давлатӣ, дипломат ва файласуфи камназир низ буд, дар осори худ пайваста саволҳои зеринро мегузошт: сабаб чист, ки кишвараш ба таназзул афтода, ба чолишҳои замонавӣ посух дода натавонист? Маҳз дар ҳамин ҷо Аҳмади Дониш маҷбур шуд, ки ба ақидаҳои анъанавӣ муқобилат кунад. Аммо ҷавонбухориён ва муқобилияти онҳо бо анъанаҳо ва куҳнагароии шаҳрвандон дар натиҷаи таҳсил ва ошношавӣ бо афкори таҳмилӣ роҳандозӣ мешуд, ки намунаи онро дар мисоли “Мунозара”-и Фитрат каме болотар пешниҳод намудем.

Қудратҳои ҷаҳонӣ медонистанд, ки дар ҳар кадом давлати исломӣ аз даст рафтани мустақилияти сиёсӣ барои ҷавонони он кишварҳо таҳаммулпазир намебошад, бино бар ин, онҳо сиёсисозии исломро пеш гирифта, ҷавонони муборизро бо он гирифтор намуданд ва онҳоро дар татбиқи ҳадафҳои геосиёсии хеш истифода бурданд. Ҷавонбухориён бошанд, аз зумраи ҳамин гуна ҷавонони мубориз маҳсуб мешаванд, ки дар дасти аҷнабиён чун силоҳи маънавӣ қарор доштанд. Барои мисол пешниҳодеро, ки ҷиҳати сафедсозии ҷавонбухориён аст, меорем: “Ҷадидон ҳақиқатан ҳам давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварони асри XIX буданд. Бино бар ин онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест, вале ин ҳаракатро нисбат ба маорифпарварони асри XIX «як қадам ба қафо» гуфтан хатост. Баръакс, ҳаракати ҷадидӣ нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро маорифпарварони аввала норасоиҳои замонро дар асарҳо, суҳбатҳо,

шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, барои амалӣ гаштани он корҳои назаррасе накардаанд. Аммо ҷадидон аз ибтидо фаъолияти худро бо кори амалӣ – ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра оғоз карданд. Ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ кардан низ хатост. Зеро, чунонки таъкид намудем, фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою муллозодаҳо, мударрисҳо ва толибилмони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Бино бар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд ва ин тавр шуданаш мумкин ҳам набуд. Аз аҳли ғайримусулмон – яҳудиёни маҳаллӣ аксаран хайрхоҳон буданду халос. Бино бар ин, ҷадидон аз доираи шариати дини ислом набаромада, бо роҳи ислоҳот мулки худ ва мардуми онро аз ҳолати бенавоию фақирӣ бароварда, ба қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон расонидан мехостанд” [115, с. 124].

Чунонки таъкид доштем, дар асари Фитрат “Мунозара” баҳси сайёҳи бухорӣ бо як нафар фарангӣ, мунозараи рушду тараққӣ бо зулму торикӣ инъикос ёфта, як намунаи таҳмил намудани тарзи зисту фаъолият ва андешаронии Ғарб ба Шарқ маҳсуб мешавад. Тибқи ақидаи Аҳмади Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ”, Шарқ мебоист бидуни пайравӣ аз Ғарб рушду тараққӣ кунад, аммо Фитрат дар “Мунозара”-аш таҳавулоти Бухороро бидуни таҳмили андешаронии аврупоӣ ғайриимкон меҳисобад. Агар Аҳмади Дониш дар китоби дигари хеш ба унвони “Меъёру-т-тадайюн” мазҳабгароиро омили асосии барҷомондагӣ ва парокандагии мусулмонони Бухоро донистааст, пас Фитрат дар “Мунозара” баҳси шиаву суннатро бо асри худ ғайри қобили қабул דониста, пешравии ҷомеаи Бухороро дар пайравӣ аз озодандешии Туркияи усмонӣ мебинад ва ҳатто гумон ҳам надорад, ки мамлакати зикршуда танҳо нусхаи кишварҳои Аврупост ва аврупоиҳо ба василаи туркҳои усмонӣ ақидаи хешро ба кишварҳои дигари исломӣ интишор менамоянд. Агар Аҳмади Дониш дар васфи Русияи подшоҳӣ фақат ба тавсиф қаноат кунад, Фитрат бо роҳи таблиғ низоми сиёсии аврупоиро бар ҷомеаи Бухоро таҳмил менамояд. С. Айнӣ махсусан

дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» низоми подшоҳиро мавриди интиқоди шадид қарор додааст, аммо ӯ низ дар китоби мазкур оид ба мактабҳои усули ҷадид ва дар бораи чӣ гуна бо кумаки тоторҳои Қрим бори нахуст кушода шудани ин гуна мактабҳо дар Бухорову Самарқанд маълумот додааст, вале С. Айнӣ сабабҳои дар Бухорову Самарқанд ба фаъолияти эмиссарӣ пардохтани муллоҳои тоторро таҳқиқ накардааст [26]. Ӯ низ аз ашхоси мубориз ва ҷонибдорони мактабҳои усули нав буд, фикр мекард, ки муллоҳои тотор низ мисли дигар мусулмонон аз лиҳози маънавӣ пешрафта буда, нисбат ба ҷомеаи Бухоро хайрхоҳ ҳастанд. Маҳз ҳамин тарбияи нодуруст дар руҳияи эътимод ба афроди диндор тоҷиконро дар аксар маврид тобеи андешаҳои аҷнабӣ намудааст.

Замони пайдоиши ҷавонбухориён аз он шаҳодат медиҳад, ки дар миёни тоҷикон бо далели интишори ақидаҳои панисломистӣ густариши тафаккури миллӣ ба назар намерасад ва ҳатто чунин ашхоси сиёсатмадор ва донишманд, чун Мирзо Сироҷи Ҳаким дар баёни ақидаҳои худ тамоюлоти динӣ доштаанд. Аммо таҷрибаи таърихии тоҷикон далели муътамади он аст, ки тарзи тафаккури динӣ ва панисломистӣ барои тоҷикон оқибат бо ғалабаи пантуркизм анҷом пазируфтааст. Маҳз ҳамин эътимод ба ақидаҳои динӣ сабаб гардид, ки тоҷикон дар тақсимоти милливу марзӣ бо даҳолати худи тоҷикҳо аз давлатдории миллӣ маҳрум гашта, дар сарзамини хеш ба бегонагон тобеъ гардиданд, чунки инкор намудани тоҷик ва таъсиси давлати ягонаи Туркистон минбаъд гӯё имкон ба вуҷуд меовард, ки мусулмонони Осиёи Миёна аз тобеияти болшевикҳо озод гардида, давлати ягонаи исломиро дар масоҳати бузургтар ташкил намоянд. Иқрори бархе аз ходимони бонуфузи давлатӣ, мисли Абдуқодир Муҳиддинов, Файзулло Хоҷаев, Аббос Алиев ва амсолашон аз ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳад. Дар охири садаи бистум низ маҳз бо ғалабаи андешаи динӣ бар ақидаи миллӣ дар тоҷикон қудрати сиёсӣ ба дасти чандин муллоҳои аз сиёсат бехабар афтод ва хатари аз байн рафтани давлати миллӣ ба вуҷуд омад, ки онро бо талошҳои

камназир фарзандони садоқатпешаи тоҷик, қаҳрамонони миллат, чун Нусратулло Махсум, Шириншо Шоҳтемур ва ғайра ҳифз намуданд.

Бояд таъкид намуд, ҳар миллате, ки аз бурду бохти таҷрибаи таърихӣ сабақ меомӯзад, ояндаи хешро пешбинӣ менамояд, аммо барои тоҷикон ибратомӯз он аст, ки дар таърихи начандон дур онҳо пайваста бо баъзе иштибоҳҳо зарбаи марговар ба пайкари худ мезаданд.

Ҳамзамон, лозим ба ёдоварист, ки майли муҳаққиқон дар самти баҳогузориҳои таърихӣ зуд-зуд тағйир меёбад ва иқдоми барҳам задани тафовути сиёҳ аз сафед дар илми муосир баъзан мушоҳида мешавад. Баҳогузории ҷиддӣ ҳам ба маорифпарварӣ ва ҳам ба неҳзати ҷадидия ҳанӯз дар даврони шуравӣ ба вуҷуд омадааст, аммо баъзе ақидаҳои боло бори дигар исбот мекунанд, ки дар илми муосир баъзан пешниҳодҳое пайдо мешаванд, ки ҷиҳати пардапӯшонии ҳақиқати таърихӣ роҳандозӣ шудаанд. Бино бар ин, чунин иқдомҳо бояд қатъ гардида, ҳатман ҳангоми пайдоиши онҳо омилҳои ба вуқуъ пайвастани чунин ақидаҳо ошкор карда шаванд, вагарна таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик шадидан таҳриф хоҳад шуд.

Матни дигаре, ки ҳақиқати таъсирпазирии ҷавононро дар охири садаи XIX воқебинона ифшо кардааст, китоби С. Айнӣ таҳти унвони “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” маҳсуб мешавад. Ин рисола пас аз 70 соли маҳбусӣ интишор шуда, сарчашмаи боэътимодтарин дар самти баррасии нававарон ва тарафдорони усули ҷадидия мебошад. Муаллиф мутолиа намудани “Наводир-ул-вақоеъ” ва “Сайёҳатнома”-и Иброҳимбекро дар зиндагии хеш инқилоби фикрӣ ном бурдааст: “Фақир ҳарчанд то ин дам аз матбуоту адабиёти ҳозира бехабар будам, лекин як орзуи ислоҳи мактабҳову мадорис дар хотирам нохуне мезад ва аз бидъоти маъхуд байни худҳо хеле нафрат доштам. Ин орзу ва нафрат ба ман ба воситаи мутолиа карданам “Наводир-ул-вақоеъ” ном китоби Аҳмад Махдуми Муҳандис Дониши Бухороӣ ва аз хондани китоби “Саёҳатнома”–и Иброҳимбек пайдо шуда буд” [26, с. 35] .

Боиси таъкид аст, ки наҳзати ҷадидия бо ҷавонони навовар иртибот дошт, ки усули нави тадрисро дар мактабу мадрасаҳои Бухоро таманно доштанд ва фикр менамуданд, ки тавассути тағйир хурдани тадрис дар мактабҳо кишвар рушд мекунад. Аммо онҳо дар муҳити хеш пешгом набуданд ва мактабҳои усули савтияро (усули таълими қадимии овозӣ, фонетикӣ) дар Ховари Миёна тоторҳо кушоданд. Аз зумраи нахустин бухороиён, ки мактаби усули савтияро дар Бухоро ташкил намуданд, дӯсти С. Айнӣ ва пайрави Аҳмади Дониш – Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим буд. Валекин бо рух додани инқилобҳо дар империяи Русия ва ғалабаи болшевизм дар ин кишвар мароми аҳдофи сиёсии ҷадидон низ тағйир хурд, гурӯҳе худро дар пайравӣ аз ҷавонтуркон "ҷавонбухориён" гуфтанд, гурӯҳи дигар бошад, дунболи болшевикон рафта, афкори сотсиалистиро истиқбол намуданд. Боқимондаи ҷадидҳо, ки ину онро пайравӣ надоштанд, аз минбару муколама маҳрум монда, аксарашон солҳои сиюми садаи XX қатл шудаанд.

Дар баробари ин, агар ба аксар ҷадидон таваҷҷуҳ кунем, онҳо машғул будан ба кори рӯзноманигориро низ дар ҳудуди аморати Бухоро нав медонистанд ва бино бар ҳамин омил дар муддати кутоҳ рӯзнома ва маҷаллаҳои гуногун мунташир шуданд.

Муҳаққиқ Н. Ғаффоров таъкид намудааст, ки олимони Ғарб зимни таҳқиқи масъалаҳои ҷадидия дар асоси пажуҳиши таърихшиноси амрикоӣ Адиба Холид ҷадидонро ба ҳайси элитаи фарҳангии минтақа эътироф кардаанд. Мо гурӯҳе аз ҷадидонро таблиғгарони ҳадафҳои геосиёсии Ғарб, бавижа Британияи Кабир муаррифӣ мекунем, аммо муҳаққиқони ИМА бегуфтугу онҳоро аз нигоҳи мусбат баҳогузорӣ кардаанд, ки тавассути чунин баҳогузорӣ насли муосири минтақаро ба доми худ гирифтор созанд [49].

Фаъолияти ҷадидони Бухоро - Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914), Абдулвоҳиди Мунзим (1875-1934), Абдурауфи Фитрат (1886-1938), Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1934), Файзулло Хоҷаев (1896-1938) ва дигарон, дар баъзе мавридҳо масъулиятшинохтии бардавом ва дар минбарҳои дигар бо ниқоби пантуркизм худфурухташавии навгароёнро

нишон медиҳад. Миёни онҳо танҳо Садриддин Айнӣ дар руҳияи ватандӯстӣ ва масъулияти бузург ҷиҳати сарнавишти халқи худ тарбия ёфта, давлати тоҷиконро аз ҳамлаҳои маънавии хасм наҷот додааст. Мирзо Сироҷ бошад, ба саросари Осиё ва Аврупо сафар карда, дар Эрону Афғонистон ба тиб, тиҷорат ва дигар фаъолиятҳо машғул буд. Фитрат дар Туркияи усмонӣ илм омӯхта, дар Русия ба фаъолияти меҳнатӣ машғул буд ва кӯшиш кардааст, ки дар мубориза барои истиқлоли Осиёи Миёна ва аз нуфузи империяи Русия баровардa, дар минтақа ташкил кардани давлати пантуркистӣ саҳм гузорад, инчунин саъю кӯшиш кунад, то ки Бухоро ҳувияти миллии худро аз даст диҳад ҳам, мансубияти динии худро фаромӯш накунад.

Дар умум, ба макри хасм гирифтор шудани ҷавонбухориён он маъниро дорад, ки наҳзати ҷадидия натиҷаҳои манфии зиёде ба бор овардааст ва ин омил дар ҳеҷ сурат намегузорад, ки мо Аҳмади Донишро бо онҳо баробар ном барем. Тафовути тафаккуру мафкураи онҳо намегузорад, ки гирифторони андешаи бегонаро дар як мизон бо афкори фалсафии мутафаккири миллии маорифпарвар Аҳмади Дониш санҷида, пасон баҳогузорӣ кунем, чунки ин тафовут хеле бузург аст. Дар Ҷумҳурии Узбекистон, масалан, муҳаққиқони ҷадидия афкори фалсафии Аҳмади Донишро «фалсафаи ахлоқ» ҳисоб намудаанд, вале дин ва ахлоқ агарчи бо фалсафа иртибот дошта бошанд ҳам, аммо муҳтавои илми мазкурро ба пуррагӣ дар бар намегиранд, аз ин рӯ, дар чунин баҳогузорӣ низ фалсафаи иҷтимоии мутафаккир ба пуррагӣ фаро гирифта намешавад. Маорифпарварӣ пиндоштани ҷадидия дар сомонаҳову минбарҳои кишвари ҳамсояи Узбекистон ва аз зумраиислоҳталабони динӣ гумоштани Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон майли баъзе олимони муосири моро ба геополитикаи кишварҳои Ғарб ошкор карда, дигарбора исбот мекунад, ки дар байни олимони ватанӣ афроди хурофотпеша кам нестанд. Чунки маҳз хурофотзадагӣ бархе аз муҳаққиқонро водор намудааст, ки заминаи аслии афкори фалсафии Аҳмади Донишро ба ислом нисбат дода, сарчашмаи тафаккур ва ҷаҳонбинии ақлонии ӯро дар доираи дин баррасӣ кунанд. Аммо самти осори мутафаккир дигар

аст: мутафаккир дунявӣ меандешад, назари фалсафӣ ва ақлонӣ ба динро матраҳ менамояд, таблиғи мусулмонони садри ислом дар низоми ақидатии ӯ мушоҳида намешавад.

Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш зимни баррасии масъалаҳо андешаи миллиро ҷонибдорӣ мекунад ва тибқи ақидаҳои ӯ, яке аз омилҳои ақибмондагии Аморати Бухоро роҳандозӣ аз низоми ҳарбию сиёсии Темучин (Чингизхон) сарчашма мегирад. Илова бар ин, аҳкоми дини ислом аз диди Аҳмади Дониш аз анъана ва вижагиҳои бегона холӣ нест, чунки "уламо ҷиҳати майли раёсат ҳақиқати дину диёнатро ба таъвил мепӯшанд" [7] ; "Ва он чи муфассирон дар баёни зоҳиру алфозу маонӣ ва атвори фасоҳат ва мавриди калом навиштаанд, ба қадри афҳом ва мадорики худашон бошад ва ба ҳасби истеъдоди худи онҳо бувад" [1, с. 31] . Яъне, баъзан баррасии динҳо дар асоси манфиатҳо ва хоҳишҳои нафсонӣ матраҳ намудани аҳком мебошад ва муфассирону мутакаллимон дар ин ҷода пешгом ҳастанд. Агар он тарзи тафаккурро, ки ба Аҳмади Дониш нисбат медиҳем, бо ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои иҷтимоии ҷадидону ҷавонбухориён муқоиса кунем, қариб ҳеҷ алоқа ва пайвастагие намебинем. Дар ин маврид С. Айнӣ истисност, чунки ӯ ва ба ӯ монандҳо (мисли Мунзим, Аббос Алиев) аз ду асолати афкори Аҳмади Дониш пайравӣ намудаанд: якум, дунявӣ будан ва дуюм, миллӣ будан.

Тибқи иттилооти С. Табаров,  андешаҳои ваҳдат дар мубориза бо истибдод ва ҷаҳолат дар рӯзномаҳо маҳз бо таъсири омилҳои дар боло зикршуда садо медоданд. Пайдо ва паҳн шудани нашрияҳои наву рӯзномаҳо, кушода шудани мактабҳо бо усулҳои нави таълим барои ҳаракати маорифпарварӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи Шарқ заминаи хуб омода карданд. С. Табаров инчунин зикр мекунад, ки рӯзномаи «Тарҷумон» аз Қрим ба Бухоро аз номи Саидаҳмади Ришкан, ки яке аз хешовандони Мирқодирмахдум буд, омада, С. Айнӣ бори нахуст тавассути ҳамин рӯзнома бо ҳодисаву воқеаҳои ҷаҳон ошно мешавад. Аммо рӯзномаҳои тоторӣ дар як

муддат нуқсе дар густариши ҳувияти миллӣ буд ва бо тоториҳо ҳаммаслак будани ҷадидон танҳо аз ин хотир буд, ки онҳо мусулмон буданд.

Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониши озодфикр дар тафовут аз ҷадидон камбудии асосии амoратро бо ҳукмронии амирони манғит вобаста медонист. Ба ақидаи ин равшанфикр, амирони Бухоро аз сабаби надоштани дониши зарурии стратегии сиёсӣ, таҷриба ва омодагии муқовимат ба зулм, бо Русияи подшоҳӣ рақобат карда наметавонистанд. Аҳмади Дониш зимни сафараш ба Русия ба пешравии сиёсат, фарҳанг ва тамаддуни аврупоӣ ишора карда ва ҳангоми муқоиса бартарии ҳокимони русро бар амирони манғит таъкид намуда, ошкоро эътироф кардааст, ки Бухоро аз Русия пасттар аст ва омили асосии пайдоиши ақибмонӣ зулму риёкорӣ ва хурофот мебошад. Нигоҳи таърихӣ ба воқеият ва зуҳури аломатҳои муайяни таърихии тафаккури дунявӣ ҳамзамон бо динамикаи инкишофи маърифат ба амал омадаанд. Воқеан, даъват ба маорифу фарҳанг ва муқовимат ба урфу одатҳои куҳна дар ин давра дар Осиёи Миёна шакли махсус пайдо кард.

Дар маҷмуъ, агар мо дилхоҳ мавзуъ ва масъаларо аз нигоҳи равиши Аҳмади Дониш ва ҷадидон қиёс намоем, тафовут дар ақида ва андешарониҳо хеле зиёд ба назар мерасанд. Фақат таблиғи илму маориф ва бунёди мактабҳои усули нав зоҳиран онҳоро мепайвандад, аммо дар таблиғи илм аз ҷониби ҷадидон мо унсурҳо аз улуми диниро мушоҳида менамоем. Гузашта аз ин, дар аксар мактабҳои усули нав тадрисро тоторҳо бо забони худ ба роҳ монда буданд, дар ҳоле ки Аҳмади Дониш дар асоси донишҳои астрономии хеш ба худ иҷоза додааст ин қавмро бо далели надоштани афзалияти маънавӣ ҳатто дар илми ҳарбӣ ва илми идораи давлат интиқод кунад. Бино бар ин, агар асоси андешаронии Аҳмади Дониш тафаккури миллӣ бошад, пас ҷадидон афзал донистани тафаккури диниро бар тафаккури миллӣ на танҳо дар гуфтор, балки дар амал ҳангоми тақсимоти милливу марзии соли 1924 тасдиқ намуданд.

Дар асарҳои мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш вожаҳое чун "қазоқия", "қирғиз", "узбак", аъроб ва ғайра истифода шуда, вобаста ба

мавзуи таҳқиқнамудаи ӯ интиқод ёфтаанд. Масалан, Аҳмади Дониш дар муҳити арабзадаи Бухоро ба худ иҷозат медиҳад, то арабро дар амал пешгому дар андеша ноком баррасӣ кунад. Яъне, арабҳо мардуми амал дониста мешаванд, вале дар андешаронӣ соҳиби қобилият надоранд. Ин ҷасорати мутафаккир беҳтарин баҳогузорӣ ба миллати ғайри худ ва хуҷастатарин худогоҳии миллӣ маҳсуб мешавад.

Ҷавонбухориён ва ҷонибдорони мактабҳои нав бошанд, бо дарназардошти таблиғот ва таълими мактабҳо бо усули нави таълим, бо ҳукумати аморати Бухоро ихтилоф доштанд, вале инро эҳсос намекарданд, ки ақидаҳои бегона ба сари ҳукумат ва мардуми ин аморат таҳмил мешаванд. Бо мурури замон тамоми таблиғгарони мактабҳо бо усули нави таълим моҳияти фаъолияти худро, ки ба ақидаҳои пантуркистӣ зич алоқаманданд, дарк намуда, баъдан бархе аз онҳо изҳори таассуфи хешро дар матбуот нашр намуда, иқрор шуданд, ки фаъолияти онҳо бо фаъолияти истихборотӣ, ё ибораи муосири “агентҳои таъсиррасон” алоқаманд будааст.

Хулоса, таҳлили амиқи моҳияти ҷадидия нишон медиҳад, ки пайравони он аз зумраи ислоҳталабони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, назар ба Аҳмади Дониш бештар ба Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ наздиканд ва миллатро тавассути дин, яъне ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии “хилофат” мефаҳмиданд. Аҳмади Дониш бошад, дар пояи миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, инчунин дар асоси дунявияти тафаккур ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро баён сохта, бо ин хусусиятҳояш таълимоти ӯ аз неҳзати ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз ҷавонтуркон буд ва хислати пантуркистӣ дошт, тафовути зиёд дорад. Ислоҳталабони динӣ, аз ҷумла ҷадидия нисбат ба кишвари Русия кинаву адоват мепарвариданд ва роҳи озод шудани Бухороро дар барпо кардани хилофат медиданд, ки маънии пайвастан ба хилофати усмонии туркӣ – душмани Русияро дошт. Аҳмади Дониш нисбат ба Русия муносибати муътадил дошта, ватани худро тавассути ислоҳот обод кардан мехоҳад. Ҷадидия ба ҷанбаҳои таблиғотии панисломизм, сиёсисозии ислом аз ҷониби кишварҳои фарангӣ ва пантуркизм

майл дошта, тибқи дастур ва дастгирии молиявии хоҷагони хориҷиаш фаъолият менамуд. Аммо Аҳмади Дониш дастпарварди мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро набуда, бо решаҳои аслии миллии худ афкори ӯ оид баислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳои ҷадидия бартарият доранд. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Таҳлили ҳаёт ва фаъолияти бузургтарин мутафаккири маорифпарвари тоҷик дар нимаи дуюми садаи XIX Аҳмади Дониш ва масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар осори мутафаккир дар муқоиса бо ҷадидия ба он далолат мекунад, ки ӯ дар кӯшишҳо оид ба гузаронидани ислоҳот дар ҷомеаи давронаш ва густариши ҳувияти милливу фарҳангии аҳолии аморати Бухоро таъсиргузор буда, зимни баррасии вазъ ва аҳволи аморат ба фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ асос гузоштааст. Аз таҳқиқи афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маорифпарваронаву ислоҳотхоҳонаи мутафаккир дар қиёс бо ҷадидия ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

1. Ба сабаби ғасб гардидани аморати Бухоро ва аз даст рафтани мустақилияти он дар муҳити аморат мухолифони низоми амирӣ ва мунаққидони сохти давлатдории манғитӣ зуҳур карда, афкори нави маорифпарварона ба вуҷуд омадааст. Нахустин мутафаккири маорифпарвар дар минтақа Аҳмади Дониш буд, ки то кунун ҳам андешаҳои ӯ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор доранд. Муҳите, ки мутафаккир дар он фаъолият намудааст, вижагиҳои истибдодӣ дошта, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва зӯровариҳо ба фард дар он ҷонибдорӣ мешуданд. Дар чунин шароит Аҳмади Дониш фалсафаи иҷтимоии маорифпарваронаро асос гузошт, ки ду марҳиларо сипарӣ кардааст: а) солҳои 70-80-уми асри XIX, ки он замон мутафаккир ҷиҳати ворид намудани ислоҳот дар низоми кишвардорӣ тадбирҳо ҷуста, сохтори давлатии аморатро зери тозиёнаи танқид қарор дода буд; б) ибтидо аз солҳои 90-уми қарни XIX, ки афкори ислоҳотхоҳонаи мутафаккир ба андешаҳои инқилобӣ табдил ёфтанд [6-М ].

2. Ҳаракати маорифпарварӣ, ки дар Ғарб махсусан бо фаъолияти мутафаккирони англису фаронсавӣ Ҷон Локк, Ф. Волтер, Л. Монтескйе, И. Кант ва ғайра ва адибон Д. Дефо, Ж.Ж. Руссо, маорифпарварони рус, ба

монанди М. Ломоносов, Д. Фонвизин, Н. Новиков ва дигарон, инчунин маорифпарварони Шарқи исломӣ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абду ва Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ пайдо шуда буд, минбаъд таҳти таъсири омилҳои муайян, яъне ба Русия пайвастани аморати Бухоро дар ин минтақа низ дар асри XIX ташаккул ёфта рушд намуд. Мутафаккирони тоҷик, ки дар сафи пеши онҳо Аҳмади Дониш қарор дошт, усули роҳбарии амирони манғитро зери танқид қарор дода, мактабҳо бо усулҳои нави таълиму омӯзиш ташкил намуда, мехостанд мардумро босавод кунанд, бо дастовардҳои илму техника дар кулли олам шиносоӣ диҳанд ва бо ин роҳ дар аморати Бухоро вазъи иҷтимоиро куллан тағйир дода бо роҳи ислоҳот аморатро ба як давлати пешрафта табдил диҳанд [7-М].

3. Муҳити иртиҷоӣ дар аморати Бухоро дар даврони Манғитиён, хусусан дар асри XIX, ин давлатро ба давраи сукут ва куҳнагароӣ, консерватизм овард. Таҳлили таърихи мухтасари сулолаи Манғитиён ва вазъи аморати Бухоро дар даврони зикршуда нишон медиҳад, ки омили асосии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ-ин золимию хунхорӣ ва ноуҳдабароии амирони он - Дониёлбӣ атолиқ, Шоҳмурод, амирон Ҳайдар, Насрулло, Музаффар, Абдулаҳад ва баъдтар, Олимхон буда, омилҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва амсоли он низ ба қафомонадагии аморат мусоидат карданд. Ҳамаи ин сабабгори танқиди шадиди ҳаёти ҷомеа аз ҷониби маорифпарварон, махсусан Аҳмади Дониш ва пешниҳоди ақидаҳои онҳо оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро гардид [3-М].

4. Дар тафовут аз маорифпарварони дигар, андешаҳои ҷомеашиносӣ дар асарҳои Аҳмади Дониш тавре баён шудаанд, ки дар он адолат бо нобаробарии иҷтимоӣ дар муқобили ҳамдигар меистанд. Инсон дар ҷомеаи тасаввуркардаи Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама, истиқлоли фикрӣ бояд дошта бошад. Аммо истиқлол ва худогоҳӣ танҳо тавассути омӯхтани илму фан муяссар мегардад. Бино бар ин, Аҳмади Дониш дар мисоли зиндагии хеш исбот кардааст, ки дар илмомӯзӣ қобилияти донишандӯзии толибилм дар

мадди аввал меистад. Аз назари ӯ, хурдану хуфтан зиндагӣ нест, балки василаи зинда мондан аст, аммо барои зистан инсон бояд донишҳои мукаммали гуногунсоҳа дошта бошад ва тавассути он тавонад фикрашро мустақилона баён намояд. Бе фарогирии илму хирад инсон наметавонад дар дилхоҳ ҷомеа мавқеъ ёфта, аз будани худ ба дигарон дарак диҳад. Аз ин хотир, тарзи тафаккури дунявии Аҳмади Дониш ба ӯ имкон фароҳам овардааст, ки фарохтар андешида, сабаби пешравии маънавии муосиронаш гардад. Ин равиши фалсафии Аҳмади Дониш вижагиҳои фарққунандаи зиёде дорад, ки файласуфон зимни пажуҳиш ба он унвони "фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ"-ро муносиб дидаанд. Дар ин таълимоти ӯ нисбат ба дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои мутафаккир воқеӣ ва асоснок, инчунин дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Дар баробари ин, ақидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Аҳмади Дониш дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфтаанд [2-М].

5. Бартарии Аҳмади Дониш аз афроди дигари маорифпарвар иборат аз ин аст, ки ӯ бо вуҷуди ошноӣ бо равияҳои мухталифи илми муосир ва сафарҳои хеш ба империяи Русия гароиш ба фарҳанги бегонагон надорад, агарчи паҳлуҳои судманди фарҳанг ва тамаддуни аҷнабиро бино бар сабаби рушди ҷомеаи Русия шуданашон истиқбол менамояд ва омилҳои ақибмонии аморати Бухороро дар қиёс бо онҳо мавриди таҳқиқ қарор медиҳад [1-М].

6. Интиқоди амирони манғитӣ ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар асарҳои Аҳмади Дониш на аз хотири бархурд бо онҳо, балки чун муайянсозии омили барҷомондагию пастравии миллату давлат сурат мегирад. Қудрати дилхоҳ давлат бояд аз андешаи раият маншаъ гирад, чунки омили ҳастии ҳукумат ин раият аст ва агар раият дар тангдастӣ умр ба сар барад, хоҳ-нохоҳ нестии ҳукуматро ба бор меоварад. Лекин амирони манғитӣ дар дарки маънӣ нотавон буданд ва ҳатто эҳсос намекарданд, ки хатари маҳрумшавӣ аз ҳукумати мустақил вуҷуд дорад. Бино бар ин, бо инъикос намудани амирони камхирад ва нотавонбин Аҳмади Дониш дар осораш роҳи

рушду тараққиро дар андешаи дуруст ва татбиқи он дар амал мебинад ва исбот менамояд, ки андешаи дуруст фақат тавассути хирад ба даст омада, дин бошад, ҳамеша аз ҷониби майли нафсонӣ суиистифода хоҳад шуд. Дар асоси чунин баррасӣ омилҳои боздоштани ҷомеаи Бухоро аз рушду тараққиро ӯ дар тарзи нодурусти идораи давлат, аз уҳдаи вазифаашон набаромадани амирон, анъанаҳо ва русуми нодурусти дарбори хонадони манғития, тадохули мардуми турк ба умури давлатӣ, динзада будани дарбориён, таассубу хурофоти руҳониёни дарбор, артиши куҳнашудаи амирӣ, истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби артиши Русия, диндории аҳолии аморат, набудани иқтисодиёти пешрафта, матбаа, театр, чароғ, мактабҳои нав ва ғайра мебинад [1-М].

7. Мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш чун намояндагони ҷадидия ё ҷавонбухориён ислоҳталаби динӣ набуд ва омилҳои ақибмонии аморати Бухороро дар набудани муассисаҳои дахлдори маърифатию фарҳангӣ ва афкору андешаҳои дунявӣ медид. Бино бар ин, таблиғгарони исломиро, ё худ ҷавонбухориёнро, ки усули нави таҳсилро роҳандозӣ карда бошанд ҳам, наметавон бо афроди маорифпарваре чун Аҳмади Дониш муқоиса кард. Ба қавли ҷадидон, миллати ҳамаи мусулмонон ба ислом иртибот дошта, ҳеҷ миллате худро хориҷ аз дин набояд муаррифӣ кунад. Андешаи мазкур дар осори Аҳмади Дониш мушоҳида намешавад. Баръакс, мусаннифи “Наводир-ул-вақоеъ” аз араб, тоҷик, узбак, қирғиз, туркман ва ғайра ном бурда, мутмаин аст, ки ҳар яке аз онҳо дорои фарҳанги миллии худ мебошанд. Омилҳое дигаре низ ҳастанд, ки ихтилофи ақидавии Аҳмади Донишро аз ҷавонбухориён ошкор месозанд, аммо асоситарин омили фарққунанда дар андешаҳои Аҳмади Дониш ва ҷавонбухориён бо ин нукта ифода меёбад: аввалӣ мухолифи таассуб ва ҳар гуна тафаккури динӣ аст, ҷараёни дуюм бошад, дар ниқоби ислом аз равияҳои панисломизм ва пантуркизм пайгирӣ намудааст [5-М].

8. Ба Аҳмади Дониш аз хориҷи муҳити Бухоро таъсире нарасида, ҳангоми андешаронииҳояш ҳам ӯ ягон гурӯҳеро дастгирӣ накардааст. Ин амал

гувоҳӣ медиҳад, ки дар осори мутафаккир бахши таблиғотӣ мавҷуд нест ва ӯ аз ҷониби бегонагон мавриди суиистифода қарор нагирифтааст. Аз ин дидгоҳ, Аҳмади Дониш бо ҷавонбухориён қобили қиёс намебошад, зеро ӯ зимни сафарҳои хеш ба империяи Русия рушди онҳоро намунае аз пастравии маънавӣ бозгуйӣ мекунад. Аз ин рӯ, новобаста ба чигунагии муҳит, Аҳмади Дониш дар баёни андеша озод буда, ҳеҷ гуна вобастагӣ аз нафарони бегона надоштааст. Ҳамчунин, мавсуф зимни баррасии масъалаҳои мухталиф нуқтаи назари худро дошта, онро бо сабки воқеънигорӣ пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, ҳарчи ки Аҳмади Дониш навиштааст, ба ҳифзи манфиатҳои давлату миллат нигаронида шудааст [4-М].

Дар маҷмуъ, вазъи дар ҷаҳлу торикӣ ғӯтавар ва нигоҳи ғайриақлонӣ ба идоракунии умури давлат аморати Бухороро дар садаи XIX ба қафомонӣ ва пастравии маънавӣ оварда расонид. Чунин авзоъ ва аҳволи басе нигаронкунандаи аҳолӣ боиси пайдоиши асарҳои ислоҳталабонаи маорифпарварон ва намояндагони ҷадидия гардид. Дар миёни ин осор аз ҳама шуҳратёфта асарҳои мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш маҳсуб мешаванд, ки бештар масоили давлатдориро фаро гирифта, тамоми паҳлуҳои барномаи ислоҳотии мутафаккир дар онҳо инъикос гардидааст. Ислоҳоти аморати Бухоро, ки аз ҷониби Аҳмади Дониш пешниҳод гардидааст, аз ақидаҳои дигар маорифпарварони Шарқ ва хусусан ҷадидон, навбухориён тафовут дошта, ба ҳамин сабаб, Аҳмади Дониш нахустин мутафаккири маорифпарвар маҳсуб мешавад, ки алорағми пантуркистону панисломистон андешаи миллӣ дошта, тарзи тафаккури дунявӣ дар осораш мавқеи асосиро ишғол мекунад.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳмади Дониш дар баробари арзёбии воқеъбинонаи муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони худ аз рушду тараққӣ пешниҳодҳое оид ба ислоҳоти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва

иҷтимоию фарҳангии аморати Бухоро, инчунин фазои ақидатии он манзур намудааст, ки пояи мустаҳками илмӣ дошта, дар аксари ҳолатҳо барои татбиқи амалӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик аҳаммияти назаррас доранд. Вобаста ба ин, дар асоси таҳлили масъалаи баррасишуда пешниҳоди чунин тавсияҳоро зарур мешуморем:

1. Дар асоси маводи диссертатсияи мазкур тавсия дода мешавад, ки таҳқиқоти илмии асарҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҳамсафони дигари ӯ минбаъд низ дар илмҳои ватании таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ идома дода шуда, махсусан ҷанбаҳои ратсионалии таълимоти онҳо, мавҷудияти тафаккури дунявӣ дар ин осор, воқеъбинона будани таҳлилҳои мутафаккирони мазкур, аз нигоҳи манфиатҳои миллӣ баррасӣ намудани ҳодисаҳо ва амсоли он мавриди таҳлили комил қарор дода шаванд.

2. Тарзи омӯзиши вазъ дар ҷомеаи онзамонӣ аз ҷониби Аҳмади Дониш ва маорифпарварони дигар ба эътибор гирифта шуда, тавсия дода мешавад, ки дар пайравӣ аз он аз ҷониби мутахассисон ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоӣ пешниҳодҳои мушаххас оид ба ислоҳот дар баъзе паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон барои мақомоти дахлдори давлатӣ манзур гарданд.

3. Дар асоси маводи осори Аҳмади Дониш хондани лексияҳо ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ дар бораи оқибатҳои ҳалокатбори ҳукмронии таассубу хурофот дар ҷомеа мувофиқи мақсад дониста мешавад.

4. Анҷом додани таҳлили васеи мероси фалсафӣ, адабӣ ва публитсистии маорифпарварону намояндагони ҷадидия, ҷавонбухориён бо мақсади ба таври ниҳоӣ тақсимбандӣ намудани намояндагони онҳо аз нигоҳи муфид ва ё зарарнок будани таълимоти онҳо ба манфиатҳои миллӣ, расму ойин, анъанаҳо ва арзишҳои миллии тоҷикон ва бо дарназардошти ин нукта ба роҳ мондан ё намондани нашри осори онҳо дар ҷумҳурӣ низ барои илми тоҷик аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

5. Тавсия дода мешавад, ки дар асоси мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур, порчаҳо аз осори Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри XIX-ибтидои асри XX ҳамчун маводи таълимӣ дар шакли хрестоматия барои таълимгирандагони тамоми зинаҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо


1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби I. - Душанбе: Дониш, 1988. - 287 с.
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби II. - Душанбе: Дониш, 1989. - 334 с.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби I. - Душанбе: Дониш, 2017. - 462 с.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби II. - Душанбе: “Дониш”, 2017. - 496 с.
5. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасар аз таърихи салтанати хонадони Манғития. -Душанбе: Сарват, 1992. - 99 с.
6. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасар аз таърихи салтанати хонадони Манғития. - Душанбе: Дониш, 2010. - 180 с.
7. Аҳмади Дониш. Меъёру-т-тадайюн.- Душанбе: Эр-граф, 2010. - 308 с.
8. Аҳмади Дониш. Рисола дар назми тамаддун ва таовун. - Душанбе: Сайрон, 2020. - 160 с.
9. Аҳмади Дониш. Асарҳои мунтахаб. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. - 288 с.
10. Аҳмади Дониш. Девони ашъор. - Душанбе: Дониш, 2020. - 128 с.
11. Аҳмади Дониш. Осори баргузида. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 374 с.
12. Аҳмади Дониш. Манозир ул-кавокиб. - Душанбе: Дониш, 2017. - 432 с.
13. Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. - Сталинабад: Избранное, 1960. - 296 с.
14. Ахмад Дониш. История Мангитской династии. - Душанбе: Дониш, 1967. - 143 с.
15. Возеҳ Қ. Р. Савонеҳ-ал-масолик ва фаросих ал-мамолик. - Душанбе: Суфра, 2019. - 176 с.

16. Возеҳ Қорӣ Раҳматуллоҳи. Туҳфат-л-аҳбоб фӣ тазкирати-л-асҳоб. – Душанбе: Дониш, 2020. – 240 с.
17. Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1. - Душанбе: "Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик", 2019. - 688 с.
117. Кант И. Ответ на вопрос: что такое просвещение? // Кант И. Соч. на нем. и рус. яз. - М. : Ками, 1994. Т. 1. С. 125—147.
18. Садри Зиё. Наводири зиёия, - Душанбе: Адиб, 1991. - 128 с.
19. Шоҳин Ш. Деъвони ашъор, - Душанбе: Дониш, 2018. - 287 с.
20. Шоҳин, Шамсидин. Туҳфаи дӯстон ва Бадоеъ-ус-саноеъ. - Душанбе: Дониш, 2018. - 116 с.

## II. Адабиёти илмӣ

21. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. – Душанбе: Дониш, 1994. - 151 с.
22. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қисми 3. - Сталинобод: НДТ, 1950. - 332 с.
23. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қисми 4. - Сталинобод: НДТ, 1954. - 428 с.
24. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. - Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
25. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. - 240 с.
26. Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро // Айнӣ С. Куллиёт,Ҷ. 14. - Душанбе: Матбуот, 2005. - 270 с.
27. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 10. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 344 с.
28. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. /С. Айнӣ // Куллиёт. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 346 с.
29. Айнӣ С. Ҳуҷҷатҳои тоза аз архиви императори Русия оид ба сафари Дониш ба Петербург // Шарқи Сурх, 1960, №12.
30. Амирқулов, С. Аҳмади Дониш ва рисолаи ӯ «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди ҳуқуқи онҳо» / С.Амирқулов // Адаб. – 2012. – №4(23). – С.22-43.

31. Ашуров Г.А., Диноршоев М.Д., О просветительской социальной философии Ахмада Дониша // Известия АН Тадж. ССР. Отделение общ. наук, 1978, №3. - С. 48-59.
32. Ашуров Г.А. Актуальные вопросы просветительства. – Известия АН РТ, - 1995, №2 (14). - С. 49-60.
33. Балҷувонӣ, Муҳамадалӣ Муҳаммад Саид. Таърихи Нофеъ. - Душанбе: Шарқи озод. - 344 с.
34. Бедил, Абдуқодир. Нукот // Садои Шарқ. №5.– 2019. – №5. – С. 129-136.
35. Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ//Труды таджикистанской базы АН СССР, - М.-Л.: т. 3, 1936. - С. 9-28.
36. Бертельс, Е.Э. Литература на персидском языке в Средней Азии / Е. Э. Бертельс // Советское востоковедение. – М., 1948. – Вып.V. – С.199-228.
37. Бжезинский З. Великое шахматное дела, - М.: АСТ, 2018. - 384 с.
38. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. - Сталинабад, Таджикгосиздат, 1961. - 332 с.
39. Богоутдинов А.М. Избранные призведения. – Душанбе: Дониш, 1980. - 418 с.
40. Болтаев М. Озодфикрии мутафаккирони Осиёи Миёна. - Сталинобод: 1959. - 38 с.
41. Борис, А. Путешествия в Бухару / А. Борис. – М., 1849. – Ҷ.3. – С.475.
42. Брагинский И.С. О природе среднеазиатского джадидизма в свете литературной деятельности джадидов//История СССР, - М.: Наука, 1965, №6. - С. 26-38.
43. Брагинский, И. С. Из истории таджикской и персидской литературы. - Москва: Наука, 1972. – 524 с.
44. Брагинский, И. С. От Авесты до Айни. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 256 с.
45. Вамбери А. Путешествие по Средней Азии. – Москва, 2003.-319 с.
46. Галкин, А. Краткий очерк Бухарского ханства / А.Галкин // Туркестанский вестник, 1882, Т. 611. – С.102-103.
47. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 165 с.

48. Гулшанӣ, Муҳаммад Содиқхоҷа. Таърихи Ҳумоюн. - Душанбе, 2006. - 168 с.
49. Гафоров Н. Джадидизм в Средней Азии в конце XIX – начале XX вв., Диссертация… доктора исторических наук. – Душанбе, 2014. - 349 с.
50. Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав, Китоби дуюм // Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе: Ирфон, 1998. – 412 с.
51. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций. - Душанбе, 2006. - 393 с.
52. Ермолаева Е. Антропоцентрический подход к проведению общественных реформ Ахмада Дониша // Ахмад Дониш и общественно-политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX - начале XX вв. – Душанбе, 2021. - 400 с.
53. Закиров Н.М. Реформаторская концепция Ахмада Дониша. - Душанбе, 2017. -161 с.
54. Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоиш-. Душанбе: “Эр-граф”, 2003. - 200 с.
55. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим.- Душанбе: “Эр-граф”, 2007. - 480 с.
56. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ.- Душанбе: “Дониш”, 2013. - 380 с.
57. История таджикского народа. Том IV. – Душанбе:«Дониш», 2009. – 896 с.
58. Кочарев, В.П. Из истории народного образования в Туркестанском крае / В.П. Кочарев. – Ташкент: 1959. – 79 с.
59. Костенко, Л.Ф. Путешествие в Бухару русской миссии 1870 г.: с маршрутом от Ташкента до Бухары / Л. Ф. Костенко. – СПб: Издание Бортневского, 1871. – 109 с.
60. Крестовский, В.В. В гостях у эмира бухарского / В.В. Крестовского - СПб: 1887. - 270 с.
61. Логофет, Д.Н. Страна Бесправия. Бухарское ханство и его современное состояние, - СПб: 1909. - 240 с.
62. Логофет, Д.Н. В забытой стране: путевые очерки по Средней Азии, - М.: 1912. - 175 с.

63. Лоҳурӣ Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. – Душанбе: “Эр-граф”, 2010. - 270 с.
64. Лунин, Б.В. Научные общества Туркестана и их прогрессивная деятельность (конце 19 - начало 20-го века). Б.В. Лунин. – Ташкент, 1962. – 344 с.
65. Масов Р.М. История топорного разделения. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 192 с.
66. Масов Р. Таърихи тоҷикон бо муҳри “комилан сиррӣ”. – Душанбе: “Дониш”, 1996. - 195 с.
67. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро. - Душанбе: “Адиб”, 1992. – 272 с.
68. Мароғаӣ З. Сайёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ. – Душанбе: “Адиб”, 1991. - 672 с.
69. Мирзоев А. Шарҳи ҳоли Дониш ба қалами худаш // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. - Душанбе: Дониш, 2008. - С. 9-38.
70. Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурдани оби дарёи Аму // Шарқи Сурх, 1962, №5. - С. 137-141.
71. Мирзоев, А. Як асари тозаи Аҳмади Дониш // Известия таджикского филиала АН СССР, - 1959, №22. - С. 57-58.
72. Мирзозода, Х.М. Шамсиддин Шоҳин. - Сталинобод: Комбполиграфияи Вазорати маданияти Тоҷикистон, 1956. - 256 с.
73. Музаффарӣ М. Системная антропология. – Душанб: “Дониш”, 2021. - 218 с.
74. Музаффарӣ М. Шаклҳои маърифат ва сохтори равонии инсон. - Душанбе, - 2021.
75. Мустаҷир, Абдураҳмон. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / М. А. Мустаҷир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.
76. Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, Империал-Групп. - Душанбе, 2018. - 240 с.
77. Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷдор. - Душанбе: “Эр-граф”, 2018. - 168 с.

78. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих, дар 7 ҷилд, ҷилдҳои 1 ва 2. – Душанбе: “Ирфон”, 1990.- 480 с.
79. Назри Яздонӣ. Ҳикмати Озодагон.- Душанбе, 2009. - 176 с.
80. Негматов Н.Н. Таджикский феномен: История и теория. - Душанбе, 1997. - 448 с.
81. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. - Душанбе, 2014. – 406 с.
82. Олимӣ, Х. Аҳмади Дониш ва истиқлоли фикрӣ. - Душанбе: Матбаа, 2021. - 172 с.
83. Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры. - Душанбе: Дониш, 2020. - 388 с.
84. Раҳмонзода, А. Бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин // Адабиёт ва санъат, 8 ноябр, соли 2018, - №45.
85. Раҳмонзода, А. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин / А. Раҳмонзода // Шамсуддин Шоҳин. Куллиёт. - Душанбе: Адиб, 2006. – С.3-16.
86. Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 308 с.
87. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. - 448 с.
88. Раҷабов З. Аҳмади Дониш – ифодакунандаи ғояҳои ислоҳот дар аморати Бухоро // Шарқи сурх, 1948, №6.
89. Раджабов, З. Ш. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша. / З. Ш. Раджабов. – Душанбе, 1976. – 128 с.
90. Самиев Б.Дж. Социально-исторические идеи таджикских просветителей конца XIX - начале XX вв.: Автореферат диссертации. На соискание ученой степени доктора философских наук / Б. Дж. Самиев. – Душанбе, 2009. - 46 с.
91. Сухарева Г. Е. Анализ детских фантазий как метод изучения эмоцианальной жизни ребенка. – Киев, 1921. – 40 с.

92. Савельев, П. Бухара в 1835 году: с присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно, - СПб: тип. Н. Греча, 1836. – 26 с.
93. Табаров С. Ш. “Мунозара” -и Абдурауфи Фитрат. - Душанбе: Диловар, 1997. - 84 с.
94. Табаров, С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит. - Душанбе: Эҷод, 2006. - 206 с.
95. Турсон А. К смене культурных эпох Средней Азии. Очерки истории и теории искусств таджикского народа, - Душанбе: 2018. - с. 13-67.
96. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. - Душанбе: “Ирфон”, 1984. - 208 с.
97. Турсон А. Ахмад Дониш: штрихи к портрету «первого джадида» Центральной Азии, Азия-Плюс, 26 октября 2017 г.
98. Федченко, А.П. Краткий отчет о путешествии в области верховьев р. Зеравшан в тоне 1870 года / А. П. Федченко // ТСБ, –СПб: 1872-1873. Т.42. - С. 77-86.
99. Фрай Р. Бухара в Средние века. На стыке персидских традиций и исламской культуры. – М.: Центрполиграф, 2016. – 99 с.
100. Улуғзода С. Аҳмади Дониш. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1946. - 88 с.
101. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият. - Душанбе: Дониш, 2020. - 212 с.
102. Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ. – Душанбе, 2016. - 120 с.
103. Фитрат А. Баёноти сайёҳи ҳиндӣ // Садои Шарқ. - Душанбе, 1988, №6. - С. 12-57.
104. Фитрат А. Мунозара. - Душанбе: 1992. - 84 с.
105. Шукуров М. Аҳмади Дониш ва устод Айнӣ // Шарқи Сурх, 1960. №12. - С. 53-57.
106. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. - Душанбе: Дониш, 2009. - 576 с.

107. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. -Душанбе, 1999. -160 с.

108. Шозимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 208 с.

109. Хаников Н. В. Описание Бухарского ханства. – Санкт-Петербург, 1843. – 282 с.

110. Ҳаким, Мирзо Сироҷиддин. Туҳфаи аҳли Бухоро / Мирзо Сироҷиддини Ҳаким. – Душанбе: Адиб, 1992 – 272 с.

111. Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 293 с.

112. Ҳодизода Р. Чанд лаҳзаи нав дар тарҷума ҳоли Аҳмади Дониш // Шарқи сурх, - Сталинобод, 1957, №2.

113. Ҳодизода, Р. Мутафаккири бузурги тоҷик. - Душанбе: Шарқи Сурх, 1960, №5. - С.142-153.

114. Ҳодизода, Р. Ситораи саҳарӣ. - Душанбе: Маориф ва маданият, 1975. - 14 декабр.

115. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924). - Душанбе: Эр-граф, 2007. - 368 с.

116. Ҷабборов Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш. - Душанбе: Аржанг, 2005. - 196 с.

117. Ҷадидия ва дурнамои таърих: Суҳбати даври миз // Садои Шарқ, - 1990, №3. - С.129-139.

118. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор (нашри дуюм бо иловаҳо). - Душанбе: Эр-граф, 2023. - 424 с.

## III. Мақолаҳои илмӣ дар матбуот ва маҷмуаҳо

119. Бадауи Н.М., Куделин А.А. Влияние арабского возрождения (ан-нахда) на идеологию «Братьев-мусульман» // Вестник РУДН. Серия: всеобщая история. - 2017. - Т. 9. № 1. . С. 53–66.

120. Батуева А.Ц. Феномен русского просвещения: сущность и особенности. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. – Улан-Удэ, 2013. – 25 с.
121. Гоибова Ф.М. Полемика С.Д. Афгани с Эрнестом Ренаном на страницах журнала «Journal de debates» // Номаи донишгоҳ. – 2021. - № 4(69). – С. 111-116.
122. Гусарова М.А. К вопросу о роли французского просвещения в становлении естественно-правовой концепции // Философия права. - 2023. - № 1 (104). - С. 7–13.
123. Капустин Б.Г. Просвещение как критика // Вестник РУДН, серия Политология. – 2015. - № 4. - С. 68-84.
124. Манахов И.А. Особенности становления светского образования в Турции в середине XIX в. // С. 136-140. - Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – 2012. - №11(75).
125. Матьякубова, М. М. Из истории государственного управления в Бухарском эмирате в период правления династии Мангытов // Молодой ученый. - 2015. - № 3 (83). - С. 574-576.
126. Милованов К.Ю. У истоков «царства разума»: философские и общественно-педагогические взгляды ж.-ж. Руссо // Проблемы современного образования. – 2017. - № 3. – С.23-32.
127. Милованов К.Ю. Философский проект «свободного государства» Монтескье и его критика современниками // Проблемы современного образования. – 2016. - №5. – С.25-38.
128. Сабирова Р.Г. Эпоха просвещения и новый импульс развития общества // Теория и практика современной науки. - 2016 №2(8). – С. 364-367.
129. Мокир Дж. Меркантелизм, просвещение и промышленная революция // Экномический вестник РТГУ. – 2006. - №1. Том 4. – С. 7-31.
130. Парманов Ш.И. Динамика развития Бухарского эмирата как отдельного государства до вхождения в состав Российской империи // Международный научно-исследовательский журнал. - 2022. - № 4 (118).Часть 4. – С. 159-160.

131. Перевезенцева Т.В. Бухарский эмират под протекторатом Российской Империи (конец XIX-начало XX века) // Исторические исследования: материалы III Междунар. науч. конф. (г. Казань, май 2015 г.). - Казань: Бук, 2015. - 152 с. - С. 13-18.
132. Расулов А.Н., Исокбоев А.А. Татарское просветительство и система национального образования в Туркестане (конец XIX – начало XX вв.) // Историческая этнология. – 2020. - №1. Том 5. – С. 140-150.
133. Степанянц М.Т. Предисловие // Икбал М. Реконструкция религиозной мысли в исламе.— М.: Вост. лит., 2002. - 200 с. - С. 5-24.
134. Чориева М.А. Социально-экономическое, политическое положение бухарского эмирата в конце XIX века // Наука, техника и образование. – 2020. – №11 (75). - С. 50-56.
135. Шарифжанов И.И. Роль Джона Локка в формировании политической культурыпросвещения XVIII века // Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. – 2017. - №1. - 76-79.

## IV. Сарчашмаҳои интернетӣ:

136. Симои Аҳмади Дониш https://cyberleninka.ru/article/n/simoi-a-madi-donish-dar-romani-sitorae-dar-tirashab-i-r-odizoda (санаи мурочиат: 17.11.2023)
137. Маорифпарвар Аҳмади Дониш // https://ravshanfikr.tj/kitob-oi-badei/mavodho/270-maorifparvar-a-mad-donish.html (санаи мурочиат: 4.09.2023)
138. Анализ «Исторического трактата» Ахмада Дониша»// http://madeen.mypage.ru/analiz_istoricheskogo_traktata_ahmada_donisha_1.html (санаи мурочиат: 17.11.2023)
139. Аҳмади Дониш – ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар // https://donish.org/en/course/learn/39-ta-rikhi-khalqi-tojik-sinfi-9/lesson/696--30.-ahmadi--donish---islohotkhoh-va-maorifparvar (санаи мурочиат: 21.01.2024)
140. Аз "Намунаи адабиёти тоҷик". Аҳмад – махдуми Дониш, машҳур ба Аҳмади Калла // http://old.kmt.tj/az-namunai-adabiyoti-tochik-akhmad-

mahdumi-donish-mashkhur-ba-akhmadi-kalla-tavallud-1242-khichri (санаи муроҷиат:13.03.2024)
141.Просветительство в начале эпохи Мэйдзи // http://nippon-history.ru/books/item/f00/s00/z0000028/st006.shtml (санаи муроҷиат: 18.02.2024).
142.Сеттарова М. Д. Просветительские идеалы Д. Дефо в романе «Робинзон Крузо» // http://lit-prosv.niv.ru/lit-prosv/articles-eng/settarova-prosvetitelskie-idealy-defo.htm (санаи муроҷиат: 18.02.2024).
143.Чжан Си. Особенности просвещения в Китае в начале XX века на примере изучения религии // file:///C:/UsersDownloads/osobennosti-prosvescheniya-v-kitae-v-nachale-xx-veka-na-primere-izucheniya-religii.pdf )санаи муроҷиат: 18.02.2024).

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### А. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионнии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1 – М].** Раҳмонов С.Д. Пешоҳанги ҳаракати маорифпарварӣ // Ахбори АМИТ, Бахши фалсафа, №2 (271).– Душанбе, 2023. – С. 23-29. ISSN 2791-2639.

**[2 – М].** Раҳмонов С.Д. Авзои ниёздошта ба ислоҳот // Гузориши АМИТ, Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ, № 2. - Душанбе, 2023. – С. 138-145. ISSN 2076-2569.

**[3 – М].** Раҳмонов С.Д. Нақши омилҳои асосии боздоштани ҷомеа аз рушду тараққӣ // Паёми донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Бахши Таърих ва Бостоншиносӣ, №4-1 (33) – Кӯлоб, 2023. – С. 164-172. ISSN 2616-5260.

**[4 – М].** Раҳмонов С.Д. Нақши омилҳои асосии ақибмондагии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои фалсафа, № 3 – Душанбе, 2024. – С. 133–140. ISSN 2074-1847.

**[5 – M].** Раҳмонов С.Д. Нуфузи афкори фалсафии Аҳмади Дониш ба ҷавонбухориён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ, №1(13) – Душанбе, 2024. – С.45 – 53. ISSN 2710 – 4672.
**[6 – M].** Саидҷафарова П.Ш., Раҳмонов С.Д. Вижагиҳои иҷтимоии ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш. Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, №2 – Душанбе, 2024. – С.127 – 135.ISSN 0235 – 005X.

**Б. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот, маҷмуаҳо ва маводи конференсияҳо**

**[7 – M].** Раҳмонов С.Д. Масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш // Маводи конференсияи XIV – и ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ доир ба мавзуи "Тақвиятбахшӣ ва дурнамои рушди омодасозии мутахассисони миёнаи касбии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 08 декабри соли 2023. - С.266.
**[8 – M].** Раҳмонов С.Д. Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX // Маводи конференсияи VI – и ҷумҳуриявии илмӣ – амалии "Усулҳои муосири ташкили раванди ҳамширагӣ", бахшида ба 33 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30–солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 – солагии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон. - Душанбе, 22 ноябри соли 2024. - С.167.
**[9 – M].** Аминов Б.У., Раҳмонов С.Д. Идҳои ориёӣ-заминаи рушди фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ. Нашрияи Шафқат // марти соли 2025. №11-12 (115). – С. 6.
**[10 – M].** Раҳмонов С.Д. Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX. Ҳамшираи тиб ва момодоя (Маҷаллаи илмӣ-омавӣ, МДТ "Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ") № 1 Душанбе, 2025. - С.15